ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 891.550 (84.4)

КАРИМОВА ҲИЛОЛА ҚОДИРАЛИЕВНА

ТАСВИРИ БАДЕИИ ВОҚЕИЯТИ ИҶТИМОӢ ДАР НАСРИ МУСТАНАДИ ЎРУН КӮҲЗОД

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик)

Роҳбари илмӣ: доктори илми филология,
профессор, узви вобастаи АМИТ
Кӯчарзода А.

Душанбе – 2023

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА.....3-6

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ.....7-12

БОБИ I. ИНЪИКОСИ ВОҚЕИЯТИ ИҶТИМОӢ ДАР ОСОРИ БАДЕӢ.....13-63

1.1. Таҷассуми раванди воқеии ҳаёт дар насри мустанад.....17-31

1.2. Ҷанбаҳои публитсистии осори бадеии Ӯрун Кӯҳзод.....32-48

1.3. Воқеият ва тасвири бадеии он дар романи «Ҳайҷо».....49-63

БОБИ II. ВИЖАГИҲОИ МАВЗУӢ ВА ЖАНРИИ НАСРИ МУСТАНАДИ ӮРУН КӮҲЗОД.....64-116

2.1. Мавзуъ ва муҳтавои осори публитсистии адиб.....66-83

2.2. Мавқеи муаллиф – ноқил дар насри мустанади нависанда.....84-96

2.3. Корбасти имконоти жанрӣ дар публитсистикаи бадеии Ӯрун Кӯҳзод....97-116

БОБИ III. ТАНОСУБИ ВОҚЕИЯТ ВА БАДЕИЯТ ДАР НАСРИ МУСТАНАДИ ӮРУН КӮҲЗОД.....117-148

3.1. Воқеият ва бадеият дар насри мустанад.....123-138

3.2. Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар тасвири бадеии воқеияти иҷтимоӣ... 139-148

ХУЛОСА.....149-153

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ.....154

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ.....155-169

НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ.....170-171

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Адабиёти бадеӣ аз қадимулайём ба воқеаҳои муҳимми рӯз ва маърифати иҷтимоии ҷомеаи инсонӣ ҷиддан дахолат намуда, таваҷҷуҳи қишрҳои гуногуни ҷомеаро ба муҳимтарин масъалаҳои давру замон пайваста ҷалб менамояд ва ин ҳолат боиси дар осори бадеӣ мавқеъ пайдо кардани оҳангҳои публитсистӣ мегардад. Вобаста ба ин метавон гуфт, ки рушду такомули адабиёти бадеӣ ба фаъолияти публитсистии адибон низ иртибот дорад. Чунин паҳлуи фаъолияти адибонро адабиётшиносон бо истилоҳи насри мустанад ифода намудаанд.

Насри мустанад ҳамчун навъи адабиёт дар ҳама давру замон, пеш аз ҳама, инъикосгари набзи рӯз аст, ки бо тақозои муҳити иҷтимоӣ ва руҳияи ҷомеа ба вуҷуд омадааст. Аз ин рӯ, ин соҳаи эҷод дар таҷассуми паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ, тарбияи маънавию ахлоқии мардум, таҳкими дӯстию бародарии халқияту миллатҳо, густариши робитаи давлатҳо, пешрафти соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, дарёфти роҳҳои ҳалли масъалаҳои мубрами ҷомеа ва амсоли он нақши муҳим дорад. Адабиёти мустанад онро мегӯянд, ки мазмунашон ба асоси ҳуҷҷат, воқеият, рӯйдодҳои дилчасп, ҳаводис ва шахсиятҳои шинохта сурат мебанданд ва ҳам муаллиф дар нигориши чунин асар аз оҳангҳои публитсистӣ кор мегирад ва хулосаву натиҷагирии ӯ низ заминаи воқеӣ дорад. Ин навъ асар дорои аҳаммияти бадеӣ низ мебошад.

Дар инкишофи ин соҳаи эҷод саромадони он М. Юсуфзода, С. Ализода, С. Айнӣ, А. Муҳиддинов, Ҷ. Икромӣ, М. Миршакар, М. Турсунзода, Б. Ғафуров, С. Улуғзода, А. Сидқӣ, Т. Усмон, М. Наҷмиддинов, Ф. Муҳаммадиев А. Самад, Ӯ. Кӯҳзод ва дигарон саҳми арзанда гузоштаанд. Ин зумра доир ба мавзую масъалаҳои мубрами давру замон асарҳои ҷолиб офарида, боиси ташаккулу такомули афкори омма, ҳисси ватанпарастию ифтихори миллии халқи тоҷик гардидаанд.

Фаъолияти эҷодӣ ва вижагиҳои осори арзишманди баъзе аз ин адибон аз ҷониби муҳаққиқон мавриди пажӯҳиш қарор гирифта бошанд ҳам, осори воқеагароёнаи зумрае аз онҳо аз назари илм дур мондааст. Аз ҷумла, то имрӯз

насри мустанади нависанда ва публитсисти тоҷик Ӯрун Кӯҳзод дар шакли пурра омӯхта нашудааст.

Аз солҳои ҳафтодуми садаи ХХ насри тоҷик беш аз пеш мақоми устувор пайдо карда, нависандагон аз тасвирҳои зоҳирӣ ба инъикоси руҳии инсон, мураккабии рафтору кирдор ва андешаю гуфтори образҳо рӯй оварданд, ки Ӯрун Кӯҳзод ҳам дар ин айём аз ҷавонадибони муваффақ ва ҷӯяндаву тозанигор ба ҳисоб мерафт.

Фаъолияти меҳнатӣ ва адабии Ӯрун Кӯҳзод дар шароити тағйироти муҳимми иқтисодиву маънавии мамлакат, қувват гирифтани майлҳои манфии ба ҷомеа номувофиқ сурат гирифта, ин вазъият ба таҷрибаи ҳаётии нависанда ва фаъолияти адабии ӯ нақши равшане гузоштаанд. Ин аст, ки нависанда пайваста ба воқеияти замон ва ҳаёти иҷтимоии ҷомеа рӯ оварда, ин мавзуъро дар тамоми асарҳои бадеӣ ва публитсистиаш инъикос намудааст. Метавон гуфт, ки вижагии боризи осори Ӯрун Кӯҳзод маҳз доштани ҷанбаи иҷтимоӣ ва муносибати таҳлилии муаллиф дар иртибот ба таҳқиқи бадеии воқеият аст.

Насри мустанади Ӯрун Кӯҳзод ба дилсӯзию ҷоннисориҳои адиб дар роҳи покизагии ахлоқи ҷомеа, тозагии забони модарӣ, баланд бардоштани ҳисси хештаншиносию меҳанпарастии ҳамватанон, эҳтиром нисбат ба фарҳангу адабиёти беш аз ҳазорсола ва шахсиятҳои бузурги таърихӣ бахшида шудааст. Аз ин рӯ, омӯзиши масъалаи тасвири бадеии воқеияти иҷтимоӣ дар насри мустанади Ӯрун Кӯҳзод муҳим ва саривақтӣ буда, он боиси муайян намудани вижагиҳои осори бадеӣ ва публитсистии адиб мегардад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ. Насли нисбатан ҷавону нави муҳаққиқони насри мустанадро метавон соҳибони масъули роҳи мушаххаси таҳқиқи ин соҳа номид, зеро баъд аз солҳои навадуми асри гузашта насри мустанад сареътар гашт. Хосияти фаврияти он баланд рафта, омилҳои таъсиррасонӣ ба афкори ҷомеа дар шаклҳои нав зуҳур намуд ва дар муҳити илмию амалии ҷомеаи соҳибистиқлоли мо мақоми бештар пайдо намуд. Акнун барои онҳо на таҳқиқи маҷмуию умумӣ, балки ба таври мушаххас ба таҳлил гирифтани давраҳои асосии ташаккули насри мустанад бо намояндагони шинохтаву фаъоли ин давраҳо оғоз гардид.

Муҳаққиқон Х. Шарифов [188], Х. Асозода [63], И. Усмонов [173], А. Азимов [60], М. Муқимов [121], М. Абдуллоев [56], Ш. Муллоев [122], С. Гулов [77], Н. Усмонова [112], Н. Кӯчарова [97] баъзе ҷанбаҳои шинохти ин соҳаи эҷодро ба шаклу тартиби нав ба роҳ мондаанд.

Маъхазҳое, ки барои омӯзиши насри мустанад қарор гирифтаанд, китобҳои муҳаққиқони рус ва тоҷик, аз ҷумла: Е. Прохоров «Публицист и действительность» [142], О. Михайлов «Страницы советской прозы» [111], С. Табаров «Романи «Ғуломон»-и Айнӣ чун романи таърихӣ» [170], М. Шакурӣ «Қаҳрамони ҳаёт – қаҳрамони адабиёт» [197], А. Сайфуллоев «Таҳқиқи бадеии ҳақиқати таърихӣ» [153], А. Саъдуллоев «Хосияти адабиёт» [148], П. Гулмуродзода «Публицистика и время» [76], М. Муродов «Публитсистикаи ҳаҷвӣ (масъалаҳои таърих, назария ва амалия) [117], А. Азимов «Публитсистика ва замони муосир» [59], Х. Олимӣ «Ормонҳои нуҳуфта дар дил» [135], А. Қудбиддинов., Ҷ. Раҳмонова «Хосияти публитсистика» [102] мебошанд.

Хусусиятҳои насри мустанади Ӯрун Кӯҳзод чун як мавзуи таҳқиқнадида боқӣ мондааст. Муҳаққиқон баъзе паҳлуҳои осори бадеӣ-публитсистии адибро мавриди таҳқиқ қарор дода, мақолаҳои алоҳида ба нашр расонидаанд: «Ӯрун Кӯҳзод аз ҷумлаи эҷодкоронест, ки ба зиндагӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ муносибати интиқодӣ дорад. Асарҳои ӯ таҷассумкунандаи ҳақиқати зиндагии иҷтимоии замони муайян буда, бо меҳри дил ва самимияти инсонӣ навишта шудаанд. Мавсуф бо вуҷуди дар майдони адабиёти бадеӣ шуҳратёр гардидан, аз таҳқиқи публитсистии воқеиятҳои муайяни ҳаёти иҷтимоӣ дар канор нест» [118, с.6].

Дар китобҳои «Мактаби одамият» (М. Шакурӣ), «Қуллапаймои сухан» (маҷмуаи мақолаҳо), «Хосияти адабиёт» (А. Саъдуллоев), «Аз замон то замон» (М. Муродов), «Аз се шохаи як илм» (М. Муродов), «Кӯҳсоро, Кӯҳзодо!» (А. Абдуҷабборов), муҳаққиқон андешаҳои худро дар шакли нисбатан мухтасар дар бораи насри мустанади нависанда иброз доштаанд. Инчунин, мавқеи Ӯрун Кӯҳзодро дар офаридани асарҳо дар жанрҳои гуногун муайян намудаанд. «Ӯрун Кӯҳзод, – гуфтааст А. Саъдуллоев, – дар сайқали жанрҳои насри мустанад хизмати калоне дорад. Асарҳои ӯ дар доираи очерк, новелла ва эссе

ҳудудҳои муайян надоранд. Кӯҳзод донишманди хуби назарияи адабиёт ҳам ҳаст ва ҳангоме ки ба сохтори жанре навҷӯӣ раво мебинад, хонанда хуб дарк мекунад, ки муаллиф он ҷо ҳадафи хоссае дорад» [148, с.85].

Ҳамчунин, мақолаҳои алоҳида низ доир ба эҷодиёти нависанда ба табъ расидаанд. Муҳаққиқ Ш. Солеҳ доир ба асарҳои ҳаҷвии Ӯрун Кӯҳзод ибрози андеша намуда, ӯро чун нависандаи мушоҳидакор ва воқеъбин муаррифӣ карда, қайд намудааст, ки: «Ҳаҷви Кӯҳзод як қолаби хоси дарку тасвири воқеияти зиндагиро ба бор меорад. Махсусан, дар ҳикояҳои хурди ҳаҷвии ӯ хонанда ба осонӣ эҳсос менамояд, ки воқеаи мавриди тасвирро адиб бо чашми худ дидааст ва ё онро дер боз мушоҳида мекунад» [164, с.5].

Паҳлуҳои дигари эҷодиёти Ӯрун Кӯҳзод низ аз ҷониби муҳаққиқон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Муҳаққиқон ҷанбаҳои публитсистии осори бадеии нависандаро мавриди баррасӣ қарор дода, доир ба мақолаҳои Ӯрун Кӯҳзод андешаҳо баён намудаанд: «Ҳатто мақолоти илмии устод (Ӯрун Кӯҳзод – К. Ҳ.) ҳам барои рӯшан кардани ҳақиқате нигаронида шудаанд» [125, с.7].

Аммо ин фикру мулоҳизаҳои муҳаққиқонро наметавон чун таҳқиқи амиқу комили осори мустанади нависандаи мазкур шинохт. Ҳол он ки маҳз бо истифода аз осори мустанад мо симои эҷодии Ӯрун Кӯҳзодро дар даврахои гуногун муайян карда метавонем.

Омӯзиши осори илмӣ оид ба тасвири бадеии воқеияти иҷтимоӣ дар насри мустанади Ӯрун Кӯҳзод нишон медиҳад, ки то имрӯз таҳқиқоти мукаммалу мустақилу муфассале ба ин масъала дар адабиёти тоҷик сурат нагирифтааст. Рисолаи мо дар ҳалли монографии мавзуи мазкур дар илми адабиётшиносии ватанӣ ва хориҷӣ иқдоми нахустин ба ҳисоб меравад.

Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқи диссертатсионӣ дар доираи барномаи корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

Мақсади таҳқиқ. Мақсади асосии таҳқиқи мазкур баррасии масъалаҳои алоқаманд ба тасвири бадеии воқеияти иҷтимоӣ дар насри мустанади Ӯрун Кӯҳзод мебошад, ки дар заминаи ҷусторҳо перомуни мавқеи Ӯрун Кӯҳзод дар инъикоси масъалаҳои мубрами рӯз, дараҷаи мавҷудияти омилҳои таъсирбахш дар насри мустанади ӯ, баррасии баҳсҳову андешаҳои алоҳида дар мавриди муносибат ва мавқеи нависанда ба равандҳои замон, ҳунари ташхисгарии муаллиф дар ҷанбаи корбасти бадеияту воқеияти асари мушаххас, мутобиқати замонию маконии насри воқеъгаро ба дигар навъҳои эҷод ва ниёзмандии ҷомеа дар даврони гузаштаю муосир анҷом дода мешавад.

Вазифаҳои илмии таҳқиқ. Барои дар дараҷаи баланди илмӣ ба амал баровардани пажӯҳиш вазифаҳои зерин мавриди таҳқиқи диссертант қарор гирифтаанд:

– масъалаҳои назариявии насри мустанади тоҷикро омӯхта, умумияту фарқияти онро аз илмҳои дигар нишон додан;
– даврaҳои асосии эҷодиёти нависандаро омӯхта, ҷанбаҳои воқеию иҷтимоии осори бадеии нависанда, махсусан романи «Ҳайҷо» - ро ошкор сохтан;
– заминаҳои таърихӣ ва иҷтимоии пайдоиш ва ташаккули осори мустанади Ӯрун Кӯҳзодро баррасӣ кардан;
– дар ҷараёни таҳқиқи мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии эҷодиёти адиб мавқеи муаллифро дар насри мустанад муайян намудан;
– осори мустанади адибро аз лиҳози жанр мавриди таҳлилу таҳқиқи муфассал қарор додан;
– дар асоси омӯзиши жанрҳои серистеъмоли публитсистикаи бадеии нависанда, чун мақола, фелетон, очерк, лавҳа, эссе ва памфлет ҷараёни ташаккулу такомули ҷаҳонбинии иҷтимоӣ ва ғояҳои меҳандӯстию ифтихори миллии адибро нишон додан;
– забон ва услуби нигориши осори мустанади Ӯрун Кӯҳзодро чун воситаи муҳим ва зарурии баёни андешаҳои муассири адиб ба мушоҳида гирифтан;

– нақши воситаҳои тасвир ва ба ин восита ҷанбаи бадеии насри мустанади нависандаро нишон додан.

Объекти таҳқиқ. Асарҳои ба масъалаҳои умдаи насри мустанад ва назарияи он бахшида, ҳамчунин асарҳои бадеии дорои оҳангҳои иҷтимоии Ӯрун Кӯҳзод объекти асосии таҳқиқ интихоб гардид.

Передмети таҳқиқ рангорангии мавзую мундарича, мазмуну шакл хосса вижагиҳои жанрии насри мустанади Ӯрун Кӯҳзод, мавқеи нависанда ҳамчун ноқил дар осори бадеӣ-публитсистӣ ва маҳорати нигорандагии ӯ ба ҳисоб меравад.

Асосҳои назарии таҳқиқ. Осори илмии муҳаққиқони барҷастаи тоҷик ва рус оид ба насри мустанад асоси назариявии диссертатсияро ташкил медиҳанд. Дар ин замина таҳқиқоти донишмандони рус Е. П. Прохоров, О. Михайлов, В. Огнев, Л. Демидчик, В.Т. Афанасев ва осори донишмандони тоҷик С. Табаров, М. Шукуров, Х. Шарифов, А. Сайфуллоев, А. Саъдуллоев, А. Нуралиев, И. Усмонов, П. Гулмуродзода, М. Муродӣ, М. Абдуллозода ва дигарон мавриди истифода қарор гирифт. Ҳамчунин, зимни пажӯҳиш аз дастурҳои назарии адабиётшиносӣ ва публитсистика низ истифода шуд.

Асосҳои методологии таҳқиқ. Барои баррасӣ ва таҳқиқи масъала, пеш аз ҳама, равиши муқоисавӣ-таърихиро асоси кор қарор додем. Ҳамчунин, усулҳои таҳлилӣ, сифативу миқдорӣ ва оморӣ имконеро фароҳам оварданд, ки мо ба принсипи хронологӣ низ такя намоем. Илова бар ин, барои ба натиҷагириҳои назарӣ ва амалӣ даст ёфтан аз методи таҳлили анъанавӣ низ истифода намудем.

Сарчашмаи таҳқиқ. Сарчашмаи асосии диссертатсия асару маҷмуаҳои Ӯрун Кӯҳзод «Гардани ғам бишканед», «Сареву савдое», «Як сару сад хаёл», «Ғайр аз хӯрдан ва пӯшидан», «Ҳайҷо», «Бурротар зи теғ» «Тоҷикони имрӯза» , «Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз» «Ахлоқи воло, дафъи бало», «Ҷамъи парешон», «Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим» ва очерку мақолаҳои дар солҳои гуногун дар маҷаллаҳои кишвар чопшуда мебошад.

Ҳамчунон, маводи бойгонии Ӯрун Кӯҳзод, ёддошт, мақолаҳои устодон, дӯстону наздикон ва ҳамкорони ӯ, чун М. Шакурӣ, Ф. Муҳаммадиев, Х. Шарифов, Ҷ. Бақозода, А. Саъдуллоев, А. Набавӣ, Н. Салимов, М. Муродов, А.

Абдуҷабборов, Г. Шарифова ва дигарон, ки доир ба насри мустанади адиб маълумот медиҳанд, ба сифати сарчашмаи таҳқиқ истифода шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқ. Ҳарчанд дар хусуси Ӯрун Кӯҳзод ва осори бадеии ӯ дар адабиёт таълифоти гуногуне ба анҷом расидааст, аммо асарҳои адиб аз нигоҳи мустанадият ва воқеаписандӣ то ҳол мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ қарор нагирифтааст.

Дар диссертатсия осори Ӯ. Кӯҳзод аз нуқтаи назари ҳадафи эҷодӣ, замон ва макон, ҳақиқати таърихӣ, муносибати муаллиф ба воқеаҳо ва иштироки бевоситаи ӯ дар онҳо таҳқиқ шудааст. Ҳадаф таҳқиқи насри мустанад ва ҷанбаҳои иҷтимоии осори Ӯрун Кӯҳзод мебошад.

Чунин ба назар мерасад, ки омӯзишу таҳлили ҳамаҷонибаи осори мустанади Ӯрун Кӯҳзод ба таълиму тарбияи мутахассисони ҷавони соҳибмаълумот нақши арзанда гузошта метавонад. Диссертатсия дар ин ҷода маълумоти фаровони тозаро дар худ ҷой додааст.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Насри мустанад ҳамчун соҳаи алоҳида ва хоссаи эҷод таърихи тӯлонӣ дошта, бо рисолати воқеъбаёнии худ дар ҷомеа ҷойгоҳи хосса дорад. Назари пажӯҳишгарон бар он аст, ки осори бадеӣ-публитсистӣ қабл аз пайдоиши матбуоти даврӣ дар навъҳои гуногун намо ёфтаву шакл гирифтааст. Натиҷаҳои бадастомадаи ин ҷониб дар диссертатсия ин нуқтаи назарро ҷонибдорӣ мекунад.

2. Ҳақиқатбаёнӣ ва баррасии воқеият дар ҳама давраҳо ҷомеаро мутаваҷҷеҳ менамуд. Ҳама гуна эҷодкор дар осораш воқеияти замонро инъикос менамояд. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки насри мустанад дар ҳар гуна ҷомеа новобаста ба хусусияту таъйиноти он аз ҳастии худ дарак медиҳад.

3. Инъикоси воқеияти замон дар шаклҳои гуногун заминае фароҳам овард, ки осори бадеӣ-публитсистӣ диққати муҳаққиқону олимони соҳаи адабиёт ва журналистикаро ба худ ҷалб созад. Дар шинохти вижагиҳои ин соҳа муҳаққиқони зиёде кӯшиш ба харҷ дода, асарҳои ҷудогона таълиф намудаанд.

Дар китобҳои муҳаққиқон гуногунандешӣ доир ба назарияи насри мустанад дида мешавад.

4. Дар даврони Истиқлоли Тоҷикистон нақши осори ба ҳаёти иҷтимоӣ марбут зиёдтар шуда истодааст. Хусусан, ба арсаи бадеӣ роҳ ёфтани ҷанбаи публитсистӣ ҳоло ба шаклу намудҳои гуногун сурат мегирад. Шаклҳои зуҳуроти ин ҳодиса хеле пурсамар буда, дар ҷустуҷӯҳои эҷодии нависандагон натиҷаҳои матлуб дода истодааст. Ӯрун Кӯҳзод дар ин ҷода аз нависандагони муваффақ шинохта шудааст.

5. Чашмандози Ӯрун Кӯҳзод нисбат ба фарогирии масоили зиндагӣ дар насри мустанадаш вусъат гирифта, моҳияти рӯйдодҳои он ба оянда нигаронида шудааст. Мақсади танқидии нависанда низ маъниҳои тоза касб карда, аз мазаммати одӣ ба сӯйи ислоҳи баъзе аз паҳлуҳои низоми ҷомеа майл кардааст.

6. Дар насри Ӯрун Кӯҳзод аз ҳам тафовут доштани зоҳиру ботини воқеаҳо зиёд ба назар мерасад. Ҳамаи воқеаҳо дар асарҳои нависанда бисёр самимӣ, ҳақиқӣ, равшан ва барҷаста тасвир шудаанд.

7. Дар робита ба таносуби байни ҳақиқати адабӣ ва ҳақиқати воқеӣ Ӯрун Кӯҳзод ба ҳам мусовӣ омадани онҳоро шарти асосӣ дониста, ҳадафаш дар адабиёт бозгӯ намудани воқеаву ҳодиса ва даврахои муҳимми ҳаёт ва пайдо намудани роҳу воситаи баёни ҳақиқати рӯз аст.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ. Аҳаммияти назарии таҳқиқ бо он асос меёбад, ки натиҷаҳои илмии он дар дараҷаи муайян дар такмили баъзе масъалаҳои назарии насри мустанади тоҷик замина мегузорад. Диссертант баъзе меъёрҳои эҷоди наср, аз ҷумла, интихоби мавзуъ, омӯзишу маърифати он, таҳия ва тарҳи асар, қонунмандиҳои тасвир, маҳорати тасвиргароӣ ва образофариро бо диди тоза таҳлилу баррасӣ намудааст, ки дар таҳкими назарияи осори мустанад басо зарур мебошанд.

Маводи таҳқиқро метавон дар оянда ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ, таҳияи воситаҳои таълимӣ, машғулиятҳои назариву амалии соҳаҳои адабиёт, рӯзноманигорӣ ва публитсистика истифода кард. Андешаҳо ва хулосаҳои муаллиф барои баррасии мавзуи таҳқиқ метавонад манфиатнок бошад. Дар

баробари ҳамаи ин маводи диссертатсия метавонад ба адабиётшиносон, муҳаққиқон, пажӯҳишгарон ёрии амалӣ расонад.

Мутобиқати мавзуи дисертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия дар мавзуи «Тасвири бадеии воқеияти иҷтимоӣ дар насри мустанади Ӯрун Кӯҳзод» ба шиносномаи ихтисоси илмии 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ. Дар диссертатсия муаллиф нақши Ӯрун Кӯҳзодро дар насри мустанади тоҷик муайян намуда, ҷанбаҳои публитсистии осори бадеии ӯ, бахусус воқеаҳои охири асри XIX ва ибтидои асри XX Бухорои амириро дар романи таърихии «Ҳайҷо», мавриди баррасӣ қарор додааст, ки аз ҷумлаи навовариҳои илмии таҳқиқот шумурда мешаванд. Таносуби бадеият ва воқеият дар насри мустанади Ӯрун Кӯҳзод ва нақши воситаҳои тасвир дар осори ӯ, ки дар рисола ба таҳқиқ гирифта шудаанд, бозёфти нави илмии диссертант мебошад.

Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ. Муҳтавои диссертатсия ва масъалаҳои меҳварии таҳқиқ дар шакли маърузаҳо дар конференсияҳои ҳарсолаи илмию назариявии ҳайати аспирантону докторантон (PhD) ва унвонҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (2019-2021), конференсияи байналмилалии «Сотим Улуғзода ва адабу фарҳанги миллӣ» (28-29. 09. 2021) ва конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои тақвияти ватандӯстӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ – омили муҳимми таҳкими давлатдорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» (20.02.2023) мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор гирифтааст.

Диссертатсия дар маҷлиси васеи кафедраҳои назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ ва матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (қарори № 13, аз 28.06.2022) муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст.

Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи дисертатсия. Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 11 мақола, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳое, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шудаанд, чоп гардидааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳафт фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 171 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

БОБИ I

ИНЪИКОСИ ВОҚЕИЯТИ ИҶТИМОӢ ДАР ОСОРИ БАДЕӢ

Воқеият мактаби бузурги маърифати ҳастӣ, тағйир ва ангезаи шуур аст. Дар ҷараёни маърифати воқеият ҳусни тафоҳуми инсон бо олами аз ӯ берун ба амал меояд. Пайванди тафаккури мантиқию образнок хоси ҳама гуна эҷод аст. Маҳз дахолати эҷодкор ба маводи мухталифи ҳаётӣ имконоти маърифатии адабиётро ғанӣ гардонида, доираи мавзуоти онро васеъ менамояд. Ин дахолат имкон медиҳад, ки характери «инсони аз нигоҳи иҷтимоӣ фаъол, некманзар, ҳақҷӯ ва инсондӯст» ҳамаҷониба омӯхтаю таҳқиқ карда шавад. Ин гуна шахс на танҳо аз тариқи тасвири фаъолият ва орзупарвариҳо, балки тавассути «шарҳи баёну гурезҳо» аз тариқи «муроҷиат ба фактҳои ҳаёти муосирон» низ ба тасвир меояд.

«Эҳёи пораҳои ҷудогонаи ҳаёт, ба таъбири Н.Г. Чернишевский, хислати басо умумии санъат буда, моҳияти онро низ ифода мекунад; дар бисёр маврид асари санъат таъйиноти дигар ҳам дорад – вай шебу фарози ҳаётро шарҳу эзоҳ медиҳад, гоҳо дар бораи рӯйдодҳои зиндагӣ ҳукм ҳам мебарорад» [187, с.287].

Ин фикр дар асарҳои В.Г.Белинский борҳо дучор меояд. Ӯ ба паҳлуи дигари мустанадияти баён таваҷҷуҳ намуда навиштааст: «Вақте нависанда ба сарчашмаҳо, факту далелҳо сару кор дорад, дар бораи ӯ чун санъаткор сухан рондан душвор аст, зеро вай бояд он далелҳоро қотеъ ва воқеӣ баён намояд. Аммо асли гап ҳам дар ҳамин аст, ки фактро танҳо бо як фазилат эҳё бахшидан душвор аст, барои ин кор тахайюл ҳам ба кор аст. Санадҳои таърихии дар сарчашмаҳо маҳфуз ба мисоли хишту санганд, фақат суханвари хушзавқ аз он иморате ба по гузошта метавонад» [66, с.310].

Дар таҳқиқоти О. Михайлов, Л. Демидчик, Е.П. Прохоров ва дигарон борҳо таъкид мешавад, ки новобаста аз он ки эҷодкор сабку усули навишташро дигар менамояд, ҳамеша ҳадафаш рӯ овардан ба таърихи зинда аст, яъне ба ӯ дар ҳама ҳолат воқеияти зиндагӣ кумак мерасонад. «Таърихи зинда – қайд мекунад А. Саъдуллоев – тамоми паҳлуҳои ҳаёти инсон, аз фикру андеша то

маҳрамтарин ҳиссиёт ва саргузаштҳои лирикиашро фаро мегирад. Аммо ин ҳама имкон намедиҳад, ки неруи онҳоро универсалӣ, ба ҳама баробартаъсир донем» [148, с.6].

Бояд гуфт, ки имрӯз он замоне бебозгашт гузашт, ки дар ҳар як факт, хабари одӣ муҳтавои публитсистӣ ҷуста ва онро ҳамеша дар хизмати азҳобу давлат омода менигоштанд. Алъон мулоҳиза, андешапарварӣ низ аз хосиятҳои зотии насри мустанад дониста шудааст.

Таҳқиқи воқеият масъулияти иҷтимоии адиб аст. Вақте насри мустанад ба мавзуъҳое чун сиёсату иқтисоди ҷомеа рӯ меорад, худ маълум аст, ки дар доираи берун аз воқеият шарҳи ин мавзуъ моҳияту арзише дошта наметавонад. Маҳз воқеият аст, ки адабиёти мустанад ба силоҳи шадиди иҷтимоӣ табдил ёфтааст. Воқеият аст, ки осори бадеии публитсистӣ низ то имрӯз дастрас буда, ба наслҳо аз дастоварду нокомиҳо хабар медиҳад.

Воқеият шиносномаи аввалини насри мустанад ба ҳисоб меравад. Воқеияти ин соҳаи эҷод дар ташаккули афкори иҷтимоӣ нақши амиқу устувори худро мегузорад. Нависанда ҳеҷ гоҳ дар пайроҳаҳои эҷодӣ аз ҳақиқати воқеӣ дур шуда наметавонанд. Асари нависанда аз зиндагӣ сарчашма мегирад ва ҳар кадом асар аз зебоии зиндагӣ орӣ нест, вале муносибати ҳар кадом ба қаҳрамон ва ҳаёт дар шаклҳои гуногун сурат мегирад. Ҷолиб баромадани асар муаллифро водор месозад, ки дар офариниши симо ё тасвири воқеаи муайян муносибату талоши хос дошта бошад. Омӯзиши ҳаёт паҳлуҳои гуногун дорад. Иддае ҳаётро аз китоб, дигаре бо сӯҳбат, сеюми мустақиман, бо дидану эҳсос кардани набзи зиндагӣ, яъне тавассути воқеияти иҷтимоӣ меомӯзад.

Воқеият ин олами табииест, ки мо онро ҳар рӯз мебинем ва бо он вомехӯрем. Воқеият муносибатҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳодисаҳои ҷамъиятиро фаро мегирад. Маданияти маънавии инсон, психологияи ҷамъиятии шахс ба воқеияти иҷтимоӣ вобастааст. Бинобар ин гуфта метавонем, ки воқеияти асил ин худи асарҳои мустанад буда, ба воситаи онҳо рӯйдодҳои замон, анъана, маросим, тарзи сиёсатдорӣ ба дараҷаи маърифату маданияти замон эҳсос мешавад.

1.1. Таҷассуми раванди воқеии ҳаёт дар насри мустанад

Рӯйдод ва ҳодисаҳои воқеӣ то дер боз дар хотираи инсонҳо боқӣ мемонанд, чунки сурати воқеӣ ба зиндагӣ таъсири амиқ дорад. Ин осор бо рисолати воқеъбаёнии худ дар ҷомеа ҷойгоҳи худро дорад ва ҳамчун як соҳаи маъмули эҷод бо ҳамин имкон дар шакл гирифтани равандҳо таъсир мегузорад. Воқеият моҳияти иҷтимоии осори бадеии публитсистиро баланд мебардорад.

Дар мавриди насри муосири тоҷик суҳбат карданӣ шавем, онро бидуни назардошти насри мустанад ва анвои жанрии он ба таҳқиқ гирифтан ғайри имкон аст. Зеро ҳар кадом аз адабиёти нав ва алалхусус насри бадеии он дар оғози пайдоиши худ аввалтар аз ҳама дар шаклҳои насри мустанад арзи вуҷуд менамояд. Азбаски насри мустанад як ҷузъи адабиёти бадеист, ҳамеша дар хизмати мардум аст, чун дарки бошууронаи ҳаёт маърифати эстетикии онро низ маҳфуз медорад.

Адабиёти мустанад ҳам таҷрибаи зиндагиро бо сухан таҷассум дода, тавассути воситаҳои таъсиррасонӣ фаъолияти инсонро метезонад, бовариву эътиқоди ӯро ба бунёди рӯзгори беҳтаре қавӣ мегардонад. Аз ин рӯ, насри мустанадро чун мавзуи сода ва дуюмдараҷаи таҳқиқӣ пиндоштан нашояд, ҳатто ба он ҷиҳат, ки насри муосири тоҷикро маҳз ҳамин навъи нигориш оғоз бахшидааст. Табиист, ки насри мустанади муосир дар ҷои холӣ ба вуҷуд наомада, балки он дорои анъанаҳои боест, ки дар гузашта бо ифодаҳои илмии мақола, мактуб, воқеънома, сафарнома, ахбор, солнома, тазкира, таърихнома, асарҳои тарҷумаҳолӣ ва ғайра шинохта шудаанд.

Дар асри гузашта чунин ақидае вуҷуд дошт, ки насри мустанад заминаи инқилобҳо ва дигаргуниҳои азими иҷтимоӣ ба шумор меравад. Ин ақида дар замони имрӯза низ вуҷуд дошта метавонад. Тафовут танҳо он аст, ки насри мустанад дар шароити феълӣ сареътар гашт. Хосияти фаврияти он баланд рафта, омилҳои таъсиррасонӣ ба афкори ҷомеа дар шаклҳои нав зуҳур намудааст. Агар дар асрҳои гузашта сафарномаву таърихномаҳо дар шаклан дигар гаштани тафаккур нақш дошта бошанд, имрӯз ин соҳа бо қолаби

маълумотиву иттилоотии худ бештар оҳанг касб менамояд. Дар ин раванд дар баробари ҷаҳонбиниву маърифати муаллифон сатҳи огаҳӣ аз воқеот моҳияти амиқтар пайдо карда истодааст. Паҳлуҳои муҳимми ин соҳаи эҷод, ки санаднокиву воқеияти баён аст, дар равандҳои гуногун бақои худро нигоҳ медорад.

Насри мустанади муосири тоҷик ҳанӯз рӯзҳои аввали пайдоиши матбуоти даврӣ чун воситаи муҳимми таъсиррасонии идеявию сиёсии омма дар ташвиқи вазифаҳои пешгузоштаи ҳизбу давлат хизмат мекард ва ҳам мувофиқи тақозои давру замон жанру намудҳои худро ғанӣ гардонд. Назар ба махсусиятҳои худ насри мустанад вобаста ба раванди ҷомеаи марбута мавзую масъалаҳояшро тағйир медод ва дар ҳама давраҳои таърихи миллати тоҷик ҳамнавоӣ зоҳир менамуд.

Тамоми рӯйдоду ҳаводиси солҳои гуногун дар меҳвари навъҳои шинохтаи он – ёддошт, насри ҳуҷҷатӣ, очерку мақолаҳои иҷтимоӣ, фелетон, памфлет ва очеркҳои сафарӣ қарор гирифтааст. Яъне дар ҳама давру замон рукни асосии жанрҳои насри мустанад дигаргуниҳои ҳаётӣ будааст. Нишондоди муҳаққиқон дар мавриди воситаи муҳимми таъсиррасон ба ҳисоб рафтани адабиёти мустанад бозгӯи он аст, ки ин соҳа ба таври пайваста моҳияти идеологии худро дар ҳама замонҳо баланд нигоҳ медорад.

Унсурҳои сифатии насри мустанад шаклан дигар гардида, ҷавҳари азалии он боқӣ мемонад. Яъне, воқеият бо усулҳои нави замонавӣ пешниҳоди омма гардонида мешавад. Ба таври мақсаднок аз он истифода бурдан хосияти ҷараёнҳои сиёсии чанд асри охири ҳаёти инсоният мебошад. Ин масъала дорои моҳияти баланди таърихӣ аст ва давра ба давра дар шаклу қолабҳои гуногун мавҷудияти худро ба роҳ мегузорад. Агар дар гузашта ҳастии насри мустанадро дар фаъолияти воизону қаландарон медида бошанд, дар инкишофи минбаъдаи он китоб, рӯзнома, маҷалла, радио, телевизион ва ахиран шаклҳои дигари васоити электронии ахбори омма мусоидат кардаанд. Яъне, вазифаҳои созандагӣ, созмондиҳӣ, ташкилотчигӣ ва сӯзандагии он боқӣ мемонанд.

Насри мустанад дар қолабҳову шаклҳои гуногуни пешниҳод ҷойи худро меёбад, ки матбуот ва асарҳои публитсистӣ аз ҷумлаи онҳост. Ба андешаи инҷониб, ин гуна асарҳо дар ҳама даврон мақбул ҳастанд. Таҷаммуи андешаҳо ва мавқеи амиқ дар онҳо ба назар расида, ҳукму хулосаҳо ба таври фаррох ва марғуб ба роҳ монда мешаванд.

Ин ва дигар хусусияту авомил заминае фароҳам овард, ки насри мустанад диққати муҳаққиқону олимони соҳаи адабиёт ва журналистикаро ба худ ҷалб созад. Ба ин манзур дар шинохти насри мустанад муҳаққиқони зиёди хориҷиву ватанӣ кӯшиш ба харҷ дода, андешаҳояшонро доир ба умумияту вижагиҳои ин соҳа иброз намуда, асарҳои ҷудогона таълиф намудаанд.

Ба андешаи муаллифони китоби «Муаммои назарияи публитсистика» насри мустанад ба маънои як навъи эҷод буда, худи эҷодиётро дар назар дорад, ки ба он эҷоди илмӣ ва бадеӣ шинохта мешавад. «Мавзуи баҳси он рухдодҳои доғи замон бо мақсади фаро хондану муаммоҳои воқеияти муосир ва иҷрои воқеаҳои васоити ахбори омма, ҳаллу фасли масоили умда ва муайян кардани мавқеи иҷтимоии муаллиф, ба огоҳии ахбор аз воқеаҳои ҳаёти сиёсати иҷтимоӣ нигаронида шудааст» [162, с.26].

Насри мустанадро муҳаққиқони дигари тоҷик, гарчанде саҳеҳ набошад ҳам, як навъи адабиёт мегӯянд, яъне маҷмуи адабиёти нашршударо дар назар доранд, ки ба тамоми соҳаҳо дахл дорад, дар ҳоле ки адабиёти бадеӣ як шохаи адабиёт аст. Аммо вақте ки публитсистика мегӯем, тамоми нигоштаҳои илмӣ – оммавиро дар назар дорем. Байни ин ду навъи эҷод аст, ки одат шудааст, онро насри мустанад гӯем. Ин навъи эҷодиёт барои он насри мустанад ном гирифтааст, ки таҷрибаи вай ҳамеша ба кор такя мекунад, худи таҷриба аз ҳар гуна нашрия ғанитар аст. Вай аз ҳаёт мисолҳое меорад, ки асоси зиндагист.

«... муаллиф зимни гузориши масъала ва таҳлили ҳамаҷонибаи рӯйдоду далелҳо хонандаро ба ҷараёни воқеаҳо кашида, чун фарди иҷтимоӣ ӯро ба андеша кардан водор мекунад ва бо ҳамин дар фароҳам овардани афкори умум саҳми бориз мегузорад» [131, с.247].

Дар иқтибоси боло рисолати муътақидсозии муаллифи осори мустанад ба назар гирифта мешавад. Ҷойи инкор нест, ки барои дарёфти ин мақсад муаллифон аз роҳу василаҳои гуногун сару кор мегиранд. Ҳақиқатбаёнӣ ва баррасии воқеият дар ҳама давраҳо ҷомеаро мутаваҷҷеҳ менамуд. Дар шароити феълии ҷаҳони мутамаддин ин раванд боз ҳам суръат мегирад. Нуқтаи дигар низ мавриди таъкид аст, ки пешниҳоди воқеият дар меҳвари як ҳадафи маҳдуд вазифаи асосиву ягонаи муаллиф ба ҳисоб намеравад. Дар ҳошияи ин воқеият фикре вуҷуд дошта метавонад, ки он қудрати дар ин ва ё он мавқеъ қарор додани хонандаро соҳиб аст. Маҳз фикр аст, ки хонанда ба ҷараёни воқеаҳо ҷалб карда мешавад.

Ҷавҳари насри мустанад низ фикр аст, фикре, ки ба ин ё он воқеа ва ё масъала иртибот дорад. Чунин фикр дар ҳар давру замон вуҷуд дорад ва вобаста ба воқеаву рӯйдод ва ғояи давру замон тобишу таровати хос пайдо мекунад. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки осори мустанад дар ҳар гуна ҷомеа новобаста ба хусусияту таъйиноти он аз ҳастии худ дарак медиҳад.

Ба воситаи осори мустанад хонанда дар бораи дирӯзу имрӯз ва фардои ҷамъият ва бинокорони он маълумоти муфассал мегирад, гузаштаро таҳлил мекунад, чизи куҳнаро рад ва ҳар чизи наву пешқадамро тақвият менамояд. Насри мустанад дар рафти инкишофи худ таърихномаи замонро ба амал меорад, музаффарияту нокомиҳои халқро таҳлил карда, сабаҳи таърихӣ, иҷтимоӣ ва ҳаётӣ меомӯзад. Предмети тасвири он ҳодисаҳои воқеӣ ба ҳисоб меравад. Ин соҳаи эҷод дар зинаҳои гуногуни инкишофаш предмети худро тағйир надода, баръакс онро бой гардонидааст.

Ба ин хотир таърихи замони муосирро бояд омӯхт. Дар асоси он оид ба масъалаҳои ҳозиразамон, роҳҳои муборизa баҳри рушди иҷтимоӣ хулоса кардан мумкин аст. Таърихи ҳозиразамон, чизи зинда, раванди боҷараён ва эҷодиёти мардум аст, ки ҳоли ҳозир ҳаст, вале гузашта меравад.

Осори мустанад ва назарияи он дорои неруи пуркудрати ҳаётӣ мебошад, ки методологияи онро донандагони пуркудрати замони муосир ва мутахассисони ин соҳа таҷриба карда, дар осорашон доир ба ин соҳа фикрҳои солим зиёд

гуфтаанд. Ин назария ғановати мероси бойи публитсистиро низ фаро гирифта, вазифаҳои методологӣ, услуби бойи мундарича ва шакли онро ифода менамояд. Инчунин, вай берун аз эҷоди бадеӣ низ фаъолияти ҷамъиятӣ – сиёсиро пурра ба роҳ андохта, ҳамчун як намуди эҷодиёт зиндагӣ, рӯйдод, воқеа ва ҷараёни ҳаёти ҷамъиятиро инъикос менамояд.

Умуман, баҳси атрофи мафҳуми насри мустанад, ба андешаи муаллифи китоби «Хосияти адабиёт» А. Саъдуллоев (бо назардошти авзои публитсистӣ дар асар, сатҳи маърифати адабиву қаҳрамонон, ҷаҳонбинӣ, идеология, табақотӣ будани нигориш ва ғайра), ҳеҷ гоҳ охир надоштааст. «Мунаққидон, муҳаққиқон, донишмандони соҳоти улуми маънавия, адибону журналистон, роҳбарони ташкилотҳои эҷодӣ, ҳар гоҳ ки қаробати худро ба фаъолияти эҷодкорон таъкид карданӣ шаванд ё аз дахолати фаъолонаи эҷодкорон ба ҳаёт сухан ронданӣ шаванд, фаҳмида ё нафаҳмида «дахолати публитсистӣ» ё «фаъолияти публитсистиро пурзӯр бояд кард» гӯён узви ҷомеа будани санъаткоронро хушдор медиҳанд» [148, с.15].

Дар боби шинохти осори публитсистӣ ҳамчун як василаи хуби амиқрафти нависанда ба муаммоҳои ҳаёт, инъикоси воқеияти рӯзмарра дар нақли нависанда, бозтоби авзои замон дар заминаи тасвири реалистии рӯйдодҳои зиндагӣ китобҳои академик М. Шакурӣ «Паҳлуҳои таҳқиқи бадеӣ» [198], «Мактаби одамият» [200], «Нигоҳе ба адабиёти тоҷики садаи 20» [202] ва ғайра хизмати босазоеро ба ҷо овардаанд. Муҳаққиқ осори М. Шолохов, Н. Тихонов, Л. Леонов, Ю. Бондарев, Ч. Айтматов ва дигаронро таҳлил намуда, ҳамзамон бурду бохти адибони тоҷикро дар тасвири воқеъбинонаи ҳаёт нишон медиҳад. Таваҷҷуҳи адабиётшинос С. Табаровро жанрҳои публитсистикаи муосир ҷалб намудааст. Дар панҷ китоби «Ҳаёт, адабиёт, реализм» дар заминаи баъзе асарҳои адабиёт вай аз аҷзои публитсистӣ, инъикоси воқеият дар асарҳои ҷудогона андешаҳо баён кардааст.

Чунонки аз зикри мубоҳисаҳои матбуот ҳам пайдост, дар омӯзиши насри мустанад саҳми мунаққидон А. Набавӣ ва Ҷ. Бақозода кам нест. Гарчи онҳо бештар ба фардияти эҷодии нависандагон ва насри психологӣ эътибори бештар

медиҳанд, аз таҳқиқи публитсистикаи адибони ҷудогона низ сарфи назар накардаанд. Аз ҷумла, А. Набавӣ баъди таҳлили осори бадеии Ф. Муҳаммадиев («Раиси нав», «Як рӯз» «Фаттоҳ ва Музаффар») ба натиҷае меояд, ки дар ин гуна асарҳо масъалаҳои муҳимми ахлоқӣ, дахолати фаврӣ, юмори нозук ва таҳлили ҷиддии характер бо ҷамъбастҳои бадеӣ ба мушоҳида мерасанд.

Имрӯз низ муҳаққиқони соҳаи публитсистикаи бадеӣ таҳқиқотҳои муҳимро дар шинохти публитсистика анҷом дода истодаанд. Муҳаққиқ И. Усмонов доир ба назария ва жанрҳои публитсистика китобҳои алоҳида дорад ва андешаҳои худро доир ба назарияи публитсистика иброз намудааст. Ба ақидаи ӯ: «Публитсистика ҳамчун соҳа мақсад дорад ба ақлу биниш ва фаросати гирандагонаш ба воситаи образ не, ба воситаи воқеаи ҳақиқии нав таъсир расонида, барои муайян шудани норасоиҳои иҷтимоъ кумак кунад. Бо ин шева асарҳои калонҳаҷм офаридан мумкин аст, ки баробари романҳои сегонаву панҷгона бошад. Ҳамчунон, равиши публитсистӣ метавонад, дар осори адибон васеъ истифода шавад ва он гоҳ ин адабиёти публитсистӣ (романи публитсистӣ, шеъри публитсистӣ) ё асари адабии оҳанги публитсистӣ дошта хоҳад буд» [173, с.59].

Дар ҳақиқат, предмети тасвири насри мустанад ниҳоят васеъ мебошад ва мавзуъҳои он ба тамоми ҳодисаҳои олами моддӣ ва маънавӣ иртибот мегирад. Ғоянокӣ, устувории мавқеъ, мувофиқат ба руҳи замон, ҷасорати андешаронӣ аз талаботи асосии публитсистика ба шумор меравад. Ин ҳолат насри мустанадро водор мекунад, ки ба адабиёти бадеӣ ва илмӣ ворид гардида, ба онҳо ҷанбаи публитсистӣ диҳад. Адабиёти мустанад ҳамчун илму соҳаи муайян дар асоси илмҳои гуногуну зиёд ба вуҷуд омадааст ва ба ин минвол бо омма ба таври фарох наздик шудан мехоҳад. Яъне, дар насри мустанад хусусияти илмҳои дигар такрор мешаванд.

Ҳам илм ва ҳам санъат, аз ҷумла адабиёти бадеӣ, ба таҳлилу таҳқиқ ва баррасиву тасвири ҳақиқати воқеӣ равона шудаанд. Вале агар илм ҳақиқатро тавассути далелу бурҳон, масъалагузорӣ, муҳокима ва хулосабарорӣ ифода намояд, пас дар санъат ин ҳақиқат ба воситаи образ амалӣ мегардад. Рассом ба

воситаи рангу мӯқалам, ҳайкалтарош бо теша ва дигар лавозимоти ҳайкалтарошӣ... ва адиб ба воситаи сухан ва қалам образ меофаранд, яъне сухани нависанда бояд сухани образнок бошад.

Табиист, ки дар насри мустанад чун ҷузъи адабиёти бадеӣ воқеияти иҷтимоӣ тавассути донишу таҷриба, тавоноиву маҳорат ва интуитсияи эҷодкор, аз як тараф, маърифат мешавад, аз сӯйи дигар, ба образи дуюм мубаддал мегардад. Ба ибораи дигар, воқеияти иҷтимоӣ тақозо менамояд, ки эҷодкор дар ҷараёни таҳлил аз ғановати маънавиёти субъективӣ фаровон истифода барад. Дар ин ҳолат воқеияти мушаххас, факту рақами муайян дар асар то андозае рангу таровати дигар пайдо намуда, ҷиҳати ҷолибӣ ва таъсирнокии он қавӣ мегардад.

Насри мустанад дорои хусусиятҳои алоҳидае мебошад, ки онро дар намунаи адабиёти бадеӣ низ дидан мумкин аст. Дар насри мустанад низ дар такя ба маърифату маҳорати адабӣ сухану маромии муаллиф ба назар мерасад. Дар ҳама гуна асар муаллиф ҳамчун мутафаккир ва эҷодкоре намо дорад, ки дар атрофи меҳвари марому ҳадафи муайян чарх мезанад. Танҳо дар асари публитсистӣ-бадеӣ ин марому ин меҳвар амиқу мушаххас буда, муаллиф талоши онро менамояд, ки руҳи замонро бештар ташхис намуда, тавассути образҳову воқеоти реалии ҳаёт хонандаро мутаваҷҷеҳ намояд.

Насри мустанад бо илм қаробати наздик дорад. Дар ин маврид мубоҳисаҳо аз якдигар фарқ мекунанд. Масалан, баъзеҳо (аз ҷумла А. Аграновский) адабиётнигорӣ ва таҷрибаи бадеиро бисёр наздик мешуморад. Ба назари муҳаққиқ, дар таҳқиқ илм ва адабиёт якеанд. Фақат ҳамин ки ба ҷойи факт санад бештар аст [58, с.137].

Аз назари В. Здоровега, публитсист чун муҳаққиқ рӯйдодҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятиро хулоса мекунад. Аммо агар олим ба таҳқиқи қонунҳои табиат ва ҷамъият камар баста, бештар вазифаҳои амалиро аз нуқтаи назари имрӯз ба таҳлил гирад, публитсист воқеаҳоро дақиқу амиқ, умумӣ, ҳамаҷониба меомӯзад. Ҳамин ҷиҳати хосси назари ӯст, яъне олим низ ба насри мустанад бо як мақсад рафтор мекунад, ба фаъолияти амиқи рӯйдодҳо диққат дода, онҳоро

аз диди талаботи рӯз ба таҳқиқ мегирад. «Фарқи публитсистика аз илм ба он вобаста аст, ки онҳо дар шакли инъикоси воқеият ба ҳам монанд нестанд» [84, с.12].

Ба ҳамин монанд насри мустанад бо илм ва санъат иртиботи калон дорад. Ин се шохаи илм бо ҳам вобастагии қавӣ дошта, дар баробари ин аз ҳамдигар бо хусусиятҳои гуногунашон фарқ мекунанд. Иртиботи ин соҳаҳо ба андешаи Я. Р. Симкин, дар он аст, ки насри мустанад ҳамчун навъи адабиёт бо адабиёти бадеӣ дар як замон ба вуҷуд омада, ба соҳаи санъат тааллуқ дорад на ба илм. Модоме ки ин тавр аст, пас дар насри мустанад образ низ мушоҳида мешавад.

Дар насри мустанад образ ва мафҳум, образнокӣ ва мантиқи баён, бадеият ва илмият, ҷиҳатҳои эҳсосӣ ва ақлӣ ба ҳам пайванди азалӣ доранд ва ин ҳақиқати бебаҳс аст. Адабиёти бадеӣ чунон мафҳум ва маълум аст, чунон ки таърих мисли адабиёти бадеӣ аз образу образнокӣ бебаҳра нест. Ҳатто дар «Тоҷикон»-и Б. Ғафуров, «Таърихи табартақсим»-и Р. Масов унсурҳои образнокӣ дучор меоянд.

Доир ба махсусияти образи насри мустанад дар мавридҳои гуногун Т. А. Беневоленская, В. И. Вакуров, А. Н. Горбунов, Л. И. Колашников, Н. С. Кожурова, Е. Н. Прохоров, Р. Мусулмонқулов, М. Шакурӣ, А. Саъдуллоев, И. Усмонов ва дигарон андеша ронда, образнокиро дар асарҳои мустанад салоҳ дидаанд. Аксари донишмандони номбурда дар матнҳои публитсистӣ мавҷуд будани унсурҳои образи бадеиро махсус таъкид намудаанд. Аз ҷумла, А. Саъдуллоев менависад: «Махсусияти публитсистика фақат баёнгари он нест, ки вай образу мафҳуми образнокиро фаро мегирад, балки он низ ҳам ҳаст, ки вай предмети хоси худро дорад, дорои сохтори хоси образҳо буда, функсияи хоссаеро ба ҷо меорад» [148, с.47].

Дар насри мустанад сохтори хоси образҳо асосан, барои нисбатан васеъ, муассир ва гуворо инъикос намудани масъалаҳои муҳимми рӯз истифода мешавад. Дар ин маврид ба натиҷае мерасем, ки новобаста ба сабки нигориш образ як шакли инъикоси воқеият аст, тафовут ин ҷост, ки шакли мавзунсозӣ,

тарҳрезии вақт ва фазо дар ҳар навъи суханварӣ гуногун ҳастанд. Албатта, мисли ҳар соҳаю тарзи амал ҳар навъи эҷодиёт тафовути худро дорад.

Насри мустанад ва адабиёт дар фосилаи тӯлонӣ қарор надоранд ва ҳар кадом оҳанги алоҳидаи зиндагиро тараннум менамоянд: «Классикони барҷастаи адабиёти форсу тоҷик тавассути мавзуъҳои маълум гуманизми олӣ, идеалҳои инсонӣ ва фалсафаи ҳаёти замони хешро ифода намуда, онро ҳамчун меҳвари ифодакунандаи ҳаёти шахсӣ, ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ дарк мекунанд» [122, с.53]. Аз мазмуни иқтибоси боло бармеояд, ки насри мустанад ба таври парешон дар домани насру назми гузашта мақом дошта, бо арзишу моҳияти иҷтимоӣ ба мафкураҳо таъсир мегузошт. Танҳо дар шохаҳои алоҳида ифода ёфтани мақсаду маромҳо пайкари мушаххаси осорро ба вуҷуд меовард. Ҳамин қонуният аст, ки мо аксар вақт дар миёни публитсист, нависанда ва шоир як деворaи тафовутро гузоштан мехоҳем. Ин ҷиҳат ба он вобаста аст, ки маънигустарӣ дар ҳар кадом навъи эҷод дар кадом поя қарор мегирад.

Бо назардошти ин паҳлу, он ақида мавриди таъкид аст, ки дар шароити имрӯза адибеву эҷодкореро берун аз насри мустанад пазируфтану эътироф кардан душвор аст. Мақсаду матлаби адиби публитсист ва нигорандаи рӯз дар маҷмуъ ташхисгар будани онҳост.

Дидани воқеияти иҷтимоӣ ҳамеша муҷиби он аст, ки дар осори адибон дар давоми садсолаҳо нигораҳое ба миён меоянд, ки арзиши баланди иҷтимоӣ доранд. Адибону эҷодкорони асил ҳеҷ гоҳ ҳарису маснадхоҳ нестанд. Аз таърихи адабиёти классикии мо садҳо мисол маълум аст, ки адибони алоҳида бо фаъолият дар дарбори ҳокимону амирон тавону таҳаммули ноадолатиҳои маъмуронро надоштанд. Онҳо маддоҳӣ, авсофи бепоя ва таҳрифро дар эҷоди худ роҳ намедоданд. Ҳақиқатро бепарда гуфтан мехостанд ва ин рафтору муносибати онҳо боис мегашт, ки онҳоро аз доираи дарбор берун созанд.

Ин ҷузъиёт аввалин далели ба воқеият сару кор доштани адибон мебошад, ки онҳо ҳақиқатро таҳриф кардан намехостанд. Баёни воқеиятро напазируфтани адибони алоҳида ба он боис мегардид, ки онҳо дар ҳақиқат маддоҳу тамаллуқкори даргоҳ шаванд. Аммо ин ҷараён яксон набуд ва дар баробари он,

асарҳое ба миён меомаданд, ки дар бунёди онҳо манфиати ҷомеа муқаддам дониста мешуд.

Осори онҳо дар заминаи воқеияти иҷтимоӣ шакл пайдо карда, омили муҳимми шинохти таърихии замони мушаххаси гузашта гардидаанд. Махсусияти илмии насри мустанад дар заминаи осори гузашта ҳамин аст, ки баъд аз садсолаҳо мо аз сабтҳои онҳо ҳаводису воқеоти ҳақиқии рӯзро бо баёни таъриху макону замони мушаххас шинохта мегирем. Чунки дар меҳвари онҳо дар андозаҳои хурду бузург воқеияту ҳақиқати рӯз ҷо гирифтаанд. Дар ин гуна асарҳо низ образнокии сухан дар сатҳи баланд қарор гирифта метавонад ва дар замоне ки воситаи иртиботӣ вуҷуд надошт, як андоза ақидаҳои иҷтимоии фаъол барои таҳрик дар шууру афкори иҷтимоӣ танҳо дар домани ҳамин гуна асарҳо ба назар мерасанд. Ин тамоюл дар замони худ баландтарин воситаи дигаргун сохтани мавқеи омма дар нисбат ба ҷараёну идеологияҳои мавҷуд ба ҳисоб мерафт.

Боз ҳам он андеша мавриди зикр аст, ки насри мустанад дар таҳаввулоти ҷомеа ҳамеша таҳаввули худро дидааст. Он бо ин гуна хусусият дар низоми сиёсии ҷомеа нақш ва ҷойгоҳи худро пайдо намуд. Чунончи, дар асрҳои XIX-XX насри мустанад ба таври амиқ вазифаву мавқеи худро дигар намуд. Маҳз дар ин давра насри мустанад ба таври густурда ақидаҳои фаъолу пешқадамро, ки дар дигаргунии ҷомеа омили бунёдӣ ба ҳисоб мерафтанд, дар худ таҷассум менамуд. Дар заминаи ҷараёнҳои навини ҷамъиятӣ ақидаҳои пешқадаму прогрессивӣ хосияти асарҳои публитсистии тоҷик дар охири асри XIX дониста мешавад, ки дар асоси он ташаккули рӯзмараи ҷомеа суръат пайдо мекард.

Дар ҳақиқат, пӯшида нест, ки давраи нисбатан фаъолу чашмраси арзиш ва мақоми баланди насри мустанад асри гузашта ба ҳисоб меравад. Барои мо аз адабиёти ин давра собит мегардад, ки махсусан, публитсистикаи бадеӣ бо пайдо кардани шохаҳову самтҳои нав ба нави худ диққати оммаро ба таври фаррох ҷалб намуда тавонистааст. Дар оғози ин ҷараён асарҳое қарор доштанд, ки ақидаҳои ислоҳотпарваронаро дар худ таҷассум мекарданд. Насри мустанади форсии тоҷикӣ бо ба миён омадани «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш

поён наёфта, маҳз ҳамин асар барои пайдоишу такомули баъдии насри мустанади тоҷик чун заминаи асосӣ хидмат кардааст.

Фаъолтарин адибони публитсист дар арсаҳои муборизаву даъватҳо пайдо мегаштанд, ки мақсади онҳо ба хонанда нишон додани авзои рӯз ва ҳақиқатҳои комили онро фарогиранда ба шумор мерафтанд. Махсусан, саёҳатномаҳову сафарномаҳое, ки дар пояи мушоҳидаҳову қиёсҳо ва бардошту хулосаҳо бунёд мегаштанд, фазои афкору тасаввуру шуури ҷомеаро ранг мебахшиданд. Тафовути ин асарҳо аз осори гузашта дар он буд, ки дар онҳо дар баробари баррасии воқеоту ҳаводис фикру ақидаҳо ҳошияҳоро пур месохтанд. Усулҳои муътақидсозӣ фаъолтар мегаштанд ва садои даъват дар онҳо дар дараҷаи баланд қарор дошт.

Баъдтар бо дигаргун гаштани фазои иҷтимоиву сиёсии ҷаҳон ва ба вуҷуд омадани инқилоби Октябр вазифаву рисолати адибон ба пуррагӣ дигар гашт. Чунин ақидае ҳосил мешавад, ки акнун ин соҳаи фаъоли ба шууру афкори ҷомеа таъсиргузор дар зери назорат қарор дода шуд. Таҳаввулоти рӯзафзуни ҷомеа ба он боис гашт, ки насри мустанад дар роҳи таъсир ба равон ва шуури ҷомеа яке аз беҳтарин василаҳои фавриву сареъ пазируфта шавад. Нақши он ба маротиб боло рафт ва таҷаммуи хосияти соҳаҳои дигар, ки дар бораи онҳо ишора гашт, ин неруро пайваста тақвият мебахшиданд.

Аз нигоҳи М.С. Черепахов, дар муносибати публитсистика ва адабиёти бадеӣ низ баъзе тағйиротро мушоҳида кардан мумкин аст. Вай ҳудудҳои ин ду навъи эҷодро муайян карда, ҳамзамон менависад: «Адабиёти бадеӣ – шакли фарохонди эстетикии олам аст, инсон ва воқеият дар он рӯй додааст. Публитсистика бошад, як шакли маърифати сиёсӣ ва инъикоси он мебошад» [186, с.46].

Насри мустанади тоҷик таърихи тӯлонӣ дорад ва муҳаққиқон нисбат ба гузаштаи он назари амиқтар доранд: «Насри мустанади тоҷик, ки таърихи беш аз ҳазор солро дорост, давра ба давра осори бою рангинеро ба сафҳаи таърих ҷо додааст» [114, с.208]. Вобаста ба ин андеша метавон гуфт, ки насри мустанади тоҷикро дар домани офаридаҳои шифоҳиву фолклорӣ низ дарёфт намудан

мумкин аст. Ин таърих метавонад, ки қабл аз ҳуҷуми арабҳоро низ фаро гирад, зеро осору намунаҳои адабиёти суғдиву бохтарӣ дар сабтномаҳои таърихӣ вуҷуд доранд, ки дар онҳо ҷанбаҳои воқеият ба назар мерасанд. Ба таври нисбатан мушаххас таърихи қадимии насри мустанади тоҷикро муҳаққиқон чунин ишора менамоянд: «Таърихи инкишофи публитсистикаи тоҷик аз давраҳои хеле қадим об мехӯрад. Оғози онро аз асарҳои адибони мумтоз «Сафарнома» - и Носири Хусрав, «Ахлоқ – ул – ашроф» - и Убайди Зоконӣ, «Бадоеъ – ул – вақоеъ» - и Зайниддини Восифӣ, «Анвори Суҳайлӣ» - и Ҳусейн Маҳмуди Кошифӣ ва ғайра шуруъ кардан мумкин аст» [162, с.15].

Вобаста ба андешаҳои боло ба натиҷае расидан мумкин аст, ки насри мустанади тоҷик аз чанд давраи бузурги таърихӣ иборат мебошад: «...оҳанги публитсистии осори адабии классикии тоҷик, ки аз «Авесто» то «Шоҳнома» ва «Калила ва Димна» - и Рӯдакӣ то ашъори Ҳайрат мавҷуд буд, ҳамеша ҳамчун қисмати таркибии адабиёти бадеӣ боқӣ монд...» [133, с.42]. Ба вижа осори насрии адабиёти классикии тоҷику форсро бе тасвири воқеаҳои муайяни иҷтимоӣ ва ҳодисаҳои ҷудогонаи таърихӣ наметавон тасаввур кард. Доир ба ин масъала М. Муродов чунин ибрози назар дорад: «Мавҷудияти руҳи иҷтимоӣ дар осори намояндагони адабиёти классикии тоҷику форс ва ба публитсистика гаравидани адибони муосир нишони он аст, ки дар ҳар давру замон дахолат ба воқеёти муҳимми рӯз ва маърифати иҷтимоии онҳо барои равшанфикрон маҳаки асосӣ ба ҳисоб мерафтааст» [113, с.3].

Агар асарҳои дар боло зикршуда аз адабиёти классикии нисбатан қадимӣ руҳияи публитсистиро нишон диҳанд, пас дар асри XIX ва оғози асри XX публитсистикаи ҳамқадами замонро дарёфт кардан мумкин аст, ки онро давоми анаъанаҳои гузашта баҳогузорӣ кардан мумкин аст.

Дар асри гузашта бошад, мо насри мустанади навинро мушоҳида мекунем, ки бо хусусиятҳои ба худ хос ҳамқадами замон мебошанд. Дар саргаҳи насри мустанади навин устод С. Айнӣ қарор дорад. «Жанрҳои публитсистика, очеркро аввалин шуда С. Айнӣ ба адабиётамон татбиқ намудааст» [105, с.20]. Дар рушду такомули насри мустанади муосири тоҷик саҳми дигар адибон низ

назаррас аст. Дар ин ҷода, офаридаҳои адибон ба монанди А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода, А. Деҳотӣ, П. Толис, А. Шукӯҳӣ, Ф. Муҳаммадиев, Б. Раҳимзода, С. Ғанӣ, А. Самад, Ғ. Мирзо, Ӯ. Кӯҳзод ва дигарон мақоми хос доранд. Зеро онҳо ба воситаи асарҳояшон одамонро ба дарки воқеаву ҳодисаҳои муҳимтарини олами моддию маънавӣ даъват намудаанд.

Метавон гуфт, ки ин адибон тавонистаанд, ки бо сабку услуби хос насри мустанади навини тоҷикро такмил диҳанд. Бо вуҷуди фармоишӣ ва як навъ маҳдудияти қолабҳо адабиёти мустанад инкишоф ёфт ва тавонист, ки фарогирандаи оҳанги рӯз гардад: «Публитсистикаи бадеӣ дар ҳаёти беш аз садсолаи худ на танҳо ҳаматарафа эътироф гардид, балки инкишофу такомул ёфт ва тамоми паҳлуҳои ҳаётро предмети омӯзишу баррасӣ қарор дод» [113, с.179].

Насри мустанад дар гузаштаҳои дур таърихро месохт ва маълум, ки таърих чун як илм воқеиятро мепарастад. Муҳаққиқ В. Ученова таърихиятро муайянкунандаи сифати ҷаҳонбинии насри мустанад медонад [176, с.20].

Насри мустанад дар шароити феълӣ низ ба вуҷудоварандаи таърихи нав дониста мешавад, ки бо ин таърих дар бедор кардани эҳсоси омма дар роҳи ҳаракатҳои иҷтимоӣ қадам мегузорад.

Насри мустанад ҳамқадами замон буда, ҷараёни зиндагии воқеии иҷтимоиро бо буду бош, бурду бохт, шодию сурур, ғаму андуҳ инъикосу тасвир мекунад. Адабиёти мустанад, аз як тараф, ифодагари руҳияи давру замони муайян бошад, аз ҷониби дигар, ба набзи иҷтимоӣ ва талаби сиёсии он сахт алоқаманд аст. Ба ин маънӣ, мавзуи баҳси насри мустанадро пешакӣ наметавон муайян кард. Раванди зиндагӣ, пешомадҳои ҳаёт, набзи ҷомеа худ ғояи тавлиди эҷоди публитсистиро ба миён меорад ва қарору дастуроти расмӣ ба он руҳу равони тоза мебахшад.

Ташаккули насри мустнади муосири тоҷик, аслан, аз рӯйи чунин меъёр ба шакл даромада, ҷараён мегирад. Дар давраҳои гуногуни инкишофи матбуот рӯзноманигорону публитсистон, бахусус, адибон кӯшиш намуданд, ки самти фаъолияти худро мувофиқи талаби замон ба роҳ монда, дар инъикос ва

баррасии масоили мубрами рӯз, дарёфти роҳҳои ҳалли онҳо ва ба ин минвол баланд бардоштани сатҳи маърифати ҷомеа ва рушди кишвар саҳм гузоранд. Агар барои саромадони насри мустанади муосир масъалаҳои мисли таҳаввули иҷтимоии ҷомеа, беҳбудии мактабу маориф ва ба илму маърифат ҷалб намудани мардум нисбатан муҳим бошад, барои адибону публитсистони насли ҷавон чун сохтмони иншоотҳои азим, ҷалби мардум ба корҳои иҷтимоӣ, ташкили колхозу совхозҳо аз масъалаҳои асосӣ ба ҳисоб мерафтааст. Барои адибони публитсист тасвири инсони кору пайкор, фотеҳони замин, бинокорони гулдаст ва диловарони истеҳсолот нисбатан муҳимтар будааст. Ҷиҳати умумии насри мустанади ин насл он буда, ки дар асарҳои аксари намояндагони он қонуниятҳои анъанавии эҷоди публитсистӣ, монанди ба назар гирифтани муҳиммияти мавзуъ, аҳаммияти иҷтимоӣ доштани он, ба дарди ҷомеа асар кардан, манфиатҳои умумиинсонӣ ва миллиро ба инобат гирифтан, ба завқи хонанда мувофиқат кардан, мушоҳида мешавад. Аммо шеваи муносибат ба мавзуъ дар насри мустанади ин насл дигархелтар аст.

Ба андешаи муҳаққиқ М. Муродов осори публитсистии равшанфикрон, ки дар даврахои гуногуни инкишофи адабиёти тоҷик эҷод ва нашр шудаанд, ҳам махсусияти умда ва ҳам хосса дорад. Хусусияти умда дар он аст, ки дар ҳамаи онҳо таъсири ғояи замон, аҳдофи иҷтимоии насри мустанад бартарӣ дорад, аммо бо вуҷуди ин, дар чунин осор фарқи зиёдеро метавон ошкор намуд. Интихоби мавзуъ, жанр, муносибат ба он, тарзи андешаронӣ, нишон додани роҳу усулҳои ҳалли қазияҳо ва амсоли ин аз авомили фарқсозии насри мустанади давру замони гуногун ба ҳисоб меравад.

Умуман, насри мустанади имрӯзаи тоҷик ҳарчанд дар заминаи анъанаи насри мустанади гузашта инкишоф меёбад, он аз навгониҳои эҷодӣ ва жанрӣ бебаҳра нест. Дар тавлид ва шаклгирии хусусиятҳои тоза, аз як тараф, муҳити демократикунонии ҷомеа таъсир расонад, аз ҷониби дигар, қобилияту маҳорат, масъулиятхоҳиву масъулияттшиносӣ ва маърифати иҷтимоиву касбии адибони алоҳида мусоидат мекунад.

Хусусан, дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон, дар шароите ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҷаҳонишавӣ рӯ овардааст, адабиёти мустанад аҳаммияти боз ҳам бештаре касб мекунад, зеро он «дар шарҳи сиёсии воқеаҳои ба амалоянда, хулосабарориҳо доир ба масъалаҳои ниҳоят муҳимми ҳаёти халқ, тарғиби идеяву идеалҳои ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ ва ғайра хизмати босазоеро ба ҷо меорад» [148, с.6].

Дар замони истиқлол насри мустанади тоҷик басо густариш пайдо кард. Ба андешаи академик М. Шакурӣ: «Чунин зарурати таърихӣ пеш омадааст, ки илм барои ҳалли масъалаҳои бузурги рӯз, таъйини роҳҳои инкишофи минбаъдаи миллат, барои муайян шудани ҳадафҳои миллӣ ва ормонҳои маънавӣ, барои ташаккули худшиносии нави тоҷикон ёрмандӣ кунад. Асоси илмии пажӯҳишро суст накарда, балки бештар қувват дода, дар айни замон оҳанги иҷтимоии онро (насри мустанадро – К.Ҳ.) тавон бахшидан лозим меояд» [201, с.22].

Қувваи бузурги адабиёти мустанадро дар самти эҳёгарӣ, бедории фикрӣ, худшиносӣ, зебопарастӣ, меҳнатдӯстӣ, бунёдкориву созандагӣ, тарғиби ахлоқи ҳамида, хислатҳои неки инсонӣ ва дар баробари ин танқиду мазаммати амалҳои номатлуби ашхоси алоҳида, маҳкуми ақидаҳои зиддииҷтимоӣ ва амсоли ин дар даврaҳои гуногуни инкишофи матбуоти даврӣ, бахусус айёми бозсозиву замони истиқлоли давлатии кишварамон баръало мушоҳида мекунем. Мавзуи насри мустанад воқеияти давру замони муайян – натиҷаи муносибат ва фаъолияти инсон аст, ки дирӯз буд, имрӯз ҳам ҳаст ва фардо низ пойдор хоҳад монд. «Ҷараёни воқеаро дида тавонистану ба умқи он фуру рафтан ва дар ин замина дурнаморо бозгӯ кардан рисолати насри мустанад аст» [176, с.26].

Моҳияти осоре, ки ҷанбаи амиқи воқеӣ ва иҷтимоӣ доранд, аз назари муҳаққиқони тоҷик низ дур намондааст. Бояд гуфт, ки асос ва меҳвари андешаҳои онҳоро таҳқиқоти анҷомдодаи мунаққидону муҳаққиқони рус ташкил медиҳад. Албатта, нишондодҳо айнан бо сурати аслии худ пайгирӣ карда намешаванд ва танҳо бо шаклу шеваи дигар пайдо кардани ақидаву ҳукмҳо ҷавҳари аслии ақидаву афкор боқӣ мемонад.

Дар шинохти насри воқеъгароёнаву мустанад таҳқиқҳои анҷомдодаи муҳаққиқон А. Маниёзов, Ю. Бобоев, А. Сайфуллоев, С. Табаров, Л. Демидчик, Х. Мирзозода, М. Шакурӣ, Р. Мусулмониён, Бақозода, Х. Шарифов, А. Насриддинов, Х. Асозода, А. Саъдуллоев, П. Гулмуродзода, А. Кӯчарзода, И. Усмонов, А. Маҳмадаминов, А. Нуралиев, М. Имомзода ва дигарон мавриди зикр мебошанд. Онҳо бо пажӯҳиши худ дар айни ҷушу хурӯши инкишофи насри реалистиву публитсистӣ нуқтаи назари хосро соҳиб гаштаанд. Махсусан, солҳои 50-80-уми садаи XX адабиёти муосири тоҷик давраи нави таҳаввулу инкишофро тай кардааст.

Насли нисбатан ҷавону нави таҳқиқи адабиётшиносиро метавон мутахассисони варзидаи роҳи мушаххаси таҳқиқи ин соҳа номид, зеро баъд аз солҳои навадуми асри гузашта насри мустанад акнун чун соҳаи мустақили эҷод дар муҳити илмиву амалии ҷомеаи соҳибистиқлоли мо мақоми устувор пайдо кард. Акнун барои онҳо на таҳқиқи маҷмуиву умумӣ, балки ба таври мушаххас дида баромадани давраҳои асосии ташаккули адабиёти мустанад бо намояндагони шинохтаву фаъоли ин давраҳо оғоз гардид.

Муҳаққиқон дар баробари таҳқиқи насри мустанади адибон, инчунин, ба ҷанбаҳои публитсистии осори бадеии онҳо низ пардохтанд. Онҳо асарҳои бадеии нависандагонро мавриди таҳлил қарор дода, ҷанбаҳои публитсистии роману повестҳоро муайян намуданд.

Аз таҳқиқи муҳаққиқон метавон ба хулосае омад, ки асари бадеӣ низ аз воқеияти замон орӣ нест. Яъне, дар ҳама гуна осори адибон воқеиятро дидан мумкин аст. Чуноне ки гуфтем, нависанда ҳамқадами замон буда, рӯйдодҳои замонашро бо тамоми бурду бохташ ба риштаи таҳлил мекашад. Дар ин маврид метавон таъкид намуд, ки имрӯзҳо ҳаргуна асаре, ки аз авзои замон, вазъи иҷтимоъ ва маънавиёти мушаххаси муосирон суҳбат намояд, онро ба хотири замонӣ будану оҳанги публитсистӣ доштанаш, ба гурӯҳи намунаҳои насри мустанад дохил менамоянд. Муҳим он аст, ки насри мустанад бо замон якҷоя қадам мениҳад ва он офаридаест, ки вобаста ба муҳити сиёсиву иҷтимоӣ ва

ҷуғрофиёию фарҳангие, ки муаллифро иҳота кардааст, арзи вуҷуд намуда, рушду такомул меёбад.

Ба ҳамин тариқ, бо арзи заминаҳои иҷтимоиву фарҳангии насри мустанади муосири тоҷик, мутаваҷҷеҳи он шудем, ки ин наср дорои заминаву сарчашмаҳои ба худ хос буда, дар оғози инкишофи адабиёти нави тоҷик, аз солҳои 90-уми қарни XIX сар карда то солҳои 20-уми асри бист падидаҳои ҳунариеро доро гардидааст, ки онҳо ба сифати манбаъҳои асосии маводӣ дар пайдоишу инкишофи баъдии ин шохаи насри муосири тоҷик хидмат кардаанд.

Насри мустанади муосир ба сифати як шохаи бақуввати адабиёти тоҷик анъанаҳои қадимии инкишоф ва таъсиргузорӣ дошта, намунаҳои он дар поёни қарни XIX пайдо шуда, минбаъд дар пайвастагӣ бо адабиёти бадеӣ рушду такомул кардааст.

Умуман, дар насри мустанад, тамоми воқеияти зиндагӣ таҷассум ва инъикос мегардад. Яъне, насри мустанад соҳаи эҷодест, ки воқеияти зиндагиро бо ҳама буду бошаш дар шакли марғуб ва хотирмон пешкаши омма мегардонад.

1.2. Ҷанбаҳои публитсистии осори бадеии Ӯрун Кӯҳзод

Дар адабиёти бадеӣ ҷанбаи публитсистӣ зиёд ба назар мерасад, зеро ҳар он асаре, ки нависанда меофарад, пеш аз ҳама, заминаи воқеӣ дорад. Нависанда ҳар рӯйдоде, ки худ мушоҳида мекунад, бо истифода аз тахайюлу образ онро дар шакли асари бадеӣ ба қалам медиҳад. Оҳангҳои публитсистӣ аз аввали ташаккули насри мустанади тоҷик дар адабиёти мо мавқеъ пайдо кард. Дар асарҳои устод С. Айнӣ – «Ҷаллодони Бухоро», «Одина», «Дохунда» ва «Ғуломон» публитсистика мавқеи махсус дорад. Дар осори С. Улуғзода, Ҷ. Икромӣ, Р. Ҷалил, Ф. Муҳаммадиев, А. Самад, Сорбон, С. Турсун, Ӯ. Кӯҳзод ва дигарон оҳанги публитсистӣ пурқувватанд. Академик М. Шакурӣ ҳанӯз ибтидои солҳои 80 - уми садаи ХХ навишта буд: «Яке аз муҳимтарин хусусиятҳои инкишофи насри тоҷик дар солҳои охир хеле қувват гирифтани ҷанбаи публитсистӣ ва бунёди ҳуҷҷатии он мебошад» [199, с.76].

Дар ҳақиқат, дар солҳои 60-80-уми асри ХХ ва махсусан, дар замони Истиқлоли давлатии Тоҷикистон дар ҷомеаи тоҷикон тағйироти куллӣ ба вуҷуд омад. Яке аз хусусиятҳои насри мустанади муосири тоҷик аз оғози пайдоиш ҷанбаи публитсистии он буда, дар эҷодиёти нависандагон мувофиқи майлу рағбатҳои фардӣ ва сабку услуби ҳар кадоми онҳо зоҳир шудааст.

Эҷодиёти Ӯрун Кӯҳзод низ зери таъсири ин раванд ташаккул ва таҳаввул ёфта, баъзе хусусиятҳои онро фаро гирифтааст. Нависанда дар оғози фаъолияти эҷодиаш дар матбуоти даврӣ ба офаридани осори бадеӣ низ машғул будааст. Ӯрун Кӯҳзод муаммоҳои замонро ботамом дарк намуда, онҳоро хеле ҷолиб ва муассир дар асарҳои бадеияш ба тасвир гирифтааст. Нависанда дар осораш мавзуъҳоеро интихоб мекунад, ки ба дарди ҷомеа ва замон мехӯранд. Ҳамчунин, дар насри ӯ гузаштаву имрӯз ба фардо пайванди ногусастанӣ дошта, воқеаҳо ба раванди зиндагӣ, сиёсати ҷорӣ ва ахлоқи ҷомеа комилан мувофиқат доранд.

Ӯрун Кӯҳзод нигорандаест, ки дар навбати аввал моҳияти оҳанги замонро амиқан ташхису таҳқиқ менамояд ва бо назардошти ин паҳлу осори мустанади

худро шакл бахшидааст. Адиб дар заминаи тафаккури фаъолияти бадеӣ зиндагии муосиронашро дар чорчӯби ҷинсу намудҳои маъмулӣ ва нави адабиёт ба тасвир гирифта, дар баҳогузорӣ ба ҷараёнҳои мухталифи иҷтимоӣ муваффақ аст. Иқтидори нигорандагии ӯ ба он равона мегардад, ки дар асоси таҷзияи воқеият ва бадеият, ки таҷассуми ҳақиқатҳост, дар беҳтар гардидани зиндагии одамон нақш дошта бошад. Адиб дар асоси фаъолмандии иҷтимоӣ ҳар як ҷузъиётро дарк карда метавонад. Барои ин идрок ба муаллиф бештар сатҳи баланди донишу ҷаҳонбинӣ мусоидат намуда тавонистааст, ки нисбат ба умқи тазодҳои зиндагӣ назари хосси худро пайдо намояд. Адиб дар идораи рӯзномаву маҷаллаҳо бо дараҷаи ҷаҳонбиниҳову маърифати эҷодии пайваста инкишофёбанда, таззодҳои зиндагиро бештар дарк кардааст. Дар ҳар кадом самт бо устувории мавқеъ ва завқи баланд асареро таълиф намудааст, ки моҳияти худро дар навбати аввал дар алоқамандӣ бо оҳанги рӯз нишон медиҳанд. Махсусан, публитсистикаи бадеии нависанда бо ҳамин таъйиноти худ аз авзоъ ва воқеияти мушаххаси замонҳо ба хонанда ҳикоят мекунанд.

Аҳаммияти ҷанбаҳои публитсистии осори бадеии Ӯрун Кӯҳзодро алоҳида қайд кардан лозим аст. Оҳанги буррои публитсистӣ, он мулоҳизарониҳои иҷтимоии ҳаяҷономез, ки гоҳ аз забони муаллиф ва гоҳ аз забони қаҳрамонон омадаанд, на фақат барои амиқтар намудор кардани моҳияти рӯйдодҳо ёрмандӣ мекунанд, балки мабдаи фаъолонаи таҳқиқии нависандаро қувват медиҳанд. Мабдаи фаъолонаи ин наср як қисми тасвири психологӣ мебошад, зеро мулоҳизарониҳое дар атрофи масъалаҳои ҷамъиятӣ, дар бораи масъулияттшиносии иҷтимоиву шаҳрвандии шахс ва монанди онҳо ба олами маънавии қаҳрамон фаровон роҳ ёфта, дар андешаҳои ӯ, инчунин дар таҳлили психологии нависанда мавқеи калон ишғол менамоянд. Ин тарзи баён руҳи шаҳрвандӣ ва таъсири эмотсионалию ғоявии тасвири психологиро ба маротиб меафзояд. Аз ин ҷост, ки дар ҳикояҳои психологиву бадеии Ӯрун Кӯҳзод ҳам порчаҳои очеркӣ дида мешаванд ва баъзе порчаҳо ҳатто ба мақолаи публитсистӣ наздик шудаанд.

Дар ҳикояҳои адиб низ порчаҳоеро дидан мумкин аст, ки аз ҳаёти воқеӣ оварда шудааст ва ин масъалаҳои доғи рӯз мебошанд. Бахусус, дар солҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, ки сохтаи душманони берунаи миллати тоҷик буд, нависанда ҳаёти воқеиро басо равшан тасвир намудааст. Дар ҳикояи «Гудоз» он ҳодисаҳое, ки соли 1992 дар водии Вахш рӯй дода буд, тасвир ёфтааст. Ҳама он даҳшатҳо, мисли зинда ба зинда пӯст кандани одамон, забону биниву гӯш буридан, кӯдаконро дар батни модар чоку пора карданро нависанда ба рӯйи қоғаз овардааст. Муҳаққиқон М. Лутфуллоев ва А. Афсаҳов ин ҳикояро чун яке аз беҳтарин ҳикояҳое, ки воқеияти замон дар он акс ёфтааст, арзёбӣ намудаанд: «Мо имони комил дорем, ки ҳикояи «Гудоз», ки порае аз рӯйдодҳои соли 1992-ро акс гардонидааст, аз ҷиҳати мазмуни олӣ ва тасвири адибона яке аз беҳтарин ҳикояҳои Кӯҳзод ва умуман, адабиёти тоҷик мебошад» [104, с.77].

Дар ҳикоя нависанда одамонеро, ки барои пули ночиз шуда, ҳамватанон ва ҳатто ёру ақрабои хешро ваҳшиёна мекуштанд, инъикос намудааст. Албатта, ин гуна тасвирҳо дар адабиёти муосири тоҷик зиёд ба назар мерасанд, аммо Ӯрун Кӯҳзод таваҷҷуҳи хонандаро ба паҳлуи дигари масъала – модаре, ки ба марги фарзанди хеш мотам нагирифт, – ҷалб менамояд. Модари Муҳаммадамин Холдона аз беҳтарин занҳо буд, – бачаовар ва ҳалим ва аз ранҷонидани одамон доим ҳазар мекард. Вале писараш Муҳаммадамин таҳти таъсири таблиғоти ҷоҳталабон фирефтаи пулу мол шуда, даст ба қатлу ғорат мезад ва одамгариро фаромӯш карда буд. Ӯ ҳатто ба бачаи сесолаи Моҳшарифи ҳамсояашон – ин дӯсти ҷонӣ ва ягона ғамгусори модараш – раҳм накарда он кӯдакро бо нӯги панҷшоха ба ҳаво бардошта, нишонаи тири мусалсал мекунад. «Муҳаммадамин ваҷоҳати девонаворе дошт ва сухане намегуфт ва ин хомӯшӣ андоми ӯро, ки даҳшат меборид, даҳшатноктар менамуд. Вай панҷшохаро гирифт ва бо ҷаҳл ба бадани мулоими кӯдак халонд ва бо як даст ба болои сараш бардошт ва бо дасти дигараш аз автомат оташи мусалсал кушод. Садои чирроси кӯдак ва садои парвози тирҳо ба ҳам печид» [50, с.302]. Ин рафторҳои ваҳшиёнаи писар дили Холдонаро фишор медод ва дамгираш мекард. Холдона ба марги писараш мотам нагирифт, маҳалли гӯрашро начуст.

Нависанда дар симои Холдона беҳтарин зан ва модари тоҷикро, ки ҳалим ва меҳрубон аст, инъикос намудааст. Дар тасвири Ӯрун Кӯҳзод Холдона модар аст, раҳму шавқати модарӣ аз қалби ӯ фаввора мезанад, вале фарзанди нохалафу разил сазовори меҳри Модар шуда натавонист. Холдона дар сари қабри ҳар як шахси ба тозагӣ кушташуда истода фотиҳа мехонд ва ҳақиқати чун дунё куҳанро такрор мекард:

Эй ҷону ҷигар, киро куштӣ, ки кушта шудӣ!?

Руҷуъҳои публитсистии Ӯрун Кӯҳзод ба ҷараёни хатти сужаи асарҳо тобеъият пайдо кардаанд, ки дар кашфи характерҳо ва ифшои ҷаҳони ботинии ашхос мусоидат намудаанд. Дар ҳикоя ҳар қаҳрамон сарнавишти мураккабе дошта, дар рӯзгори онҳо ҳукми замону вақт эҳсос мегардад. Аз сӯйи дигар, дар сарнавишти қисме аз қаҳрамонон (Моҳшариф, Холдона) падидаҳое низ ҳастанд, ки ба ҳисси масъулияттшиносии онон далолат менамоянд ва ҳам тасвирҳои публитсистии асарро қувват мебахшанд.

Ба андешаи муҳаққиқон ҷанбаи сохтории роману повестҳои нависанда идома ва шакли такмилёфтаи сохтори ҳикояҳо мебошад. Яъне, ин ҷо низ аз унсурҳои муколама, монолог ва гузориши воқеа истифода мешавад ва чун ғунҷоиши қолабҳои мазкур барои тафсили сухан муносиб аст, имкони ироаи портрети нисбатан муфассали равониву ҷисмонии персонажҳо ба вуҷуд меояд. Бояд гуфт, ки дар повесту романҳои нависанда мавқеи монологи ботинӣ ниҳоят қавист ва портрети равонии персонажро метавон аз муҳтавои андешаҳояш бунёд кард.

Нависанда ба кадом мавзуе, ки даст занад, воқеаҳоро ба ҳаёти рӯзмарра, камбудиву норасоиҳои зиндагӣ, тангназариву камбинӣ ва маишати одамон алоқаманд месозад. Аз ин ҷиҳат повести «Писанддара»(1984), ки ба ҳаёти сокинони деҳоти тоҷик бахшида шудааст, ҷолиб аст. «Дар повести «Писанддара» нияти бадеии Кӯҳзод ба тариқи дигар сурат мегирад. Нависанда ин ҷо хостааст, ки моҳияти камбудиҳои зиндагиро бо масъалагузории ҳаяҷономези публитсистӣ ба миён гузорад» [185, с.38]. Дар повести номбурда зуҳуроти гуногуни зиндагии бемаънӣ, тангназарӣ ва кӯтоҳбинӣ, бехабарӣ аз

дунё ва худ, ки ба шаъни инсон, хусусан ба шаъни мардумони замони муосир ҳеҷ муносиб нест, муфассал ва бо тобишҳои гуногун ба тасвир омадааст. Ӯрун Кӯҳзод хостааст, ки мазмуни чунин зиндагии аз мақсадҳои олӣ маҳрумро эзоҳ дода бошад ва ба ин восита дар худшиносии онҳо саҳм гирад.

Новобаста ба замони таълиф, ҳикояҳои воқеъбинонаро метавон марҳилаи дуюми инкишоф дар раванди фаъолияти эҷодии нависанда донист. Азбаски дар ин қолаб бо зарфияти бештар масъалаҳои иҷтимоӣ ва таърихиву фарҳангӣ матраҳ мешаванд, дасти нависанда нисбатан дароз аст. Равиши истифодаи бонавбат ва мунтазам аз муколама, монолог ва гузориши воқеа дар ҳикояҳои воқеъгароёнаи Ӯрун Кӯҳзод муносиб ба назар мерасанд.

Бояд гуфт, ки дар шароити имрӯза, дар замони Истиқлоли кишвар худшиносиву худогоҳии миллӣ аз масъалаҳои муҳимми рӯз ба ҳисоб меравад ва Ӯрун Кӯҳзод низ ба ин масъала бетарафӣ зоҳир накарда, саҳми хешро гузоштааст. Бинобар ин ҳам қаҳрамонҳои ӯ дар повести «Писанддара» – этнографҳои ҷавон Даврон ва Диловар баробари мушоҳидаи камбудиҳо дар зиндагӣ ва маишати аҳли деҳа аз байни онҳо ба худ монанди Ризо ва Маҳкам ҳамфикру ақида пайдо намуданд. Ғояи асосии повести мазкур, ки иборат аз дилсӯзиву ғамхорӣ ба пешрафти маданиву маънавии деҳот аст, нияти нек ба зиндагӣ ва лаҳзаҳои ҳаётдӯстона мебошад. Даврону Диловар, ки нақл аз номи онҳо рафта ҳар як ҳодисаву воқеа, рафтору ҳаракат, муомилаи одамон аз назари ин образҳо санҷида мешавад, барои гузаронидани рухсатии меҳнатӣ ва, агар имкон шавад, ғун овардани маводи этнографӣ ба деҳаи дурдаст – зодгоҳи Диловар меоянд. Даврон пас аз шинос шудан бо ҳаёти деҳа ва одамони он дар ҳавои очеркнависӣ меафтад. Бо ҳамин ният ба омӯхтани хислату рафтори мардум шуруъ менамояд. Аз ин ҷиҳат дар муносибати Даврон ба воқеият, муҳит ва одамон низ як навъ мақсаднокӣ дида мешавад, ки дар услуби баёни фикр ҳам бетаъсир намондааст ва ба асар оҳанги муҳокимаронии публитсистӣ додааст.

Дар повести «Писанддара» баробари ҳаёти зебою дилкаш, мардумони меҳнатӣ (Маҳкам, Ризо, Шафоат), ки образҳои зиндаю қувваи пешбарандаи

ҷамъият ҳисоб меёбанд, баъзе камбудиҳои одамон, ки дар шуури онҳо ҳанӯз маҳкам ҷой гирифта бартараф намудани онҳо вақту қувваи зиёдеро тақозо менамояд. Нависанда ба воситаи образ ва тасвири бадеӣ таъкид кардан мехоҳад, ки ба чунин ҳолат танҳо муҳити якранги деҳаи Писанддара айбдор нест, балки ин, пеш аз ҳама, натиҷаи бади руҳияи бепарвоӣ ва хунсардӣ нисбат ба тақдири одам ва воқеоти мутараққии асру замон аст. Адиб ҳалли масъалаҳои муҳим, аз ҷумла нақши шахс дар ҷамъият, пайвастагии ахлоқу одоб ва созиш накардан ба назари нодуруст ба ҳаёт ва инсонро танҳо ба зиммаи Даврону Диловар гузоштааст. Ҳамин тавр, дар повест ҷанбаҳои публитсистӣ зиёд ба назар мерасад ва ҳатто метавон гуфт, ки «Писанддара» як навъ повести публитсистӣ аст.

Ф.Муҳаммадиев дар як мақола ишора менамояд, ки: «Асарҳои таълиф намудаи Кӯҳзод дар жанрҳои публитсистӣ хушбахтона, ба қадри кофӣ ҳарорат ва ғайрати публитсистӣ доранд. ...Чанд моҳ пеш Кӯҳзод барои хондан як повест овард. Повест, умуман, дар руҳи мубоҳисаноки публитсистӣ таълиф шудааст. Лавҳаҳои хотирнишин, порчаҳои дилкаш ва мушоҳидаҳои тоза дорад» [119, с.46].

Инъикоси инсони «муҳити ошно», воқеияте, ки ба ин ё он тарз аз зиндагии ҳамарӯза маълумот медиҳад, дар адабиёти муосири тоҷик аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Адабиёти тоҷик зимни баррасии бадеии муаммоҳои инсони муосир ба он чиз низ эътибор медиҳад, ки ин муаммоҳо дар заминаи ҳаёти муқаррарӣ, бо фаро гирифтани ҷиҳатҳои хубу бади зиндагӣ ҳаллу фасл гардад. Академик М. Шакурӣ дар мавриди чунин асарҳо сухан ронда, онҳоро «дорои оҳанги публитсистӣ ва равияи очеркӣ» [199, с.196] гуфтааст. Оҳанги публитсистӣ доштани асар ҳеҷ гоҳ маънии аз нигоҳи бадеият заиф будани онро талқин намекунад, баръакс, агар мавзуи асар ба замони муосир бахшида шуда бошад, тасвири воқеъгароёна авзои онро ба воқеияти мавҷуда ва лаҳни гуфтори қаҳрамононро ба муосирон наздик мегардонад.

Повести «Кини Хумор»-и Ӯрун Кӯҳзод (1976) ба таҳлилу таҳқиқи воқеияте нигаронида шудааст, ки муосиронро иҳота карда, ба рушду камоли характери

онон мусоидат кардааст. Воқеияти ба тасвир кашидаи нависанда бо имтидоди худ чунон макону замонро пеш мегирад, ки дар он шахсиятҳо бо фаҳму фаросати ҳақиқӣ пеши назар меоянд ва муҳиташон ба тарзи фикру андешаи онҳо мувофиқат мекунад. Повести «Кини Хумор» пас аз повести «Роҳи ағба» (1971) тавлид шуда, аз ҷиҳати заминаи таҳқиқи бадеӣ як андоза давоми мукаммали он бошад ҳам, вале шакли нисбатан нав дорад ва ин чиз аз баъзе ҷиҳатҳо тафовути байни онҳоро муайян кардааст.

Нависанда ҷузъиёти тасвирро ба он нуқта равона месозад, ки фикри хонандаро ба ҷунбиш орад, ӯро аз ҷиҳати иҷтимоӣ ба фаъолмандӣ ҳидоят намояд. Бинобар ин, андеша дар сари рӯйдодҳои зиндагӣ яке аз хусусиятҳои муҳимми насри мустанад адиб мебошад.

Дар повест аз ҳаёт, шароит, тарзи кору рафтори муаллимони яке аз мактабҳои Сарои Камар сухан меравад. Қаҳрамони асосии повест муаллими ҷавон Исфандиёр мебошад, ки нав донишгоҳро хатм карда, бо қатъияти тамом ба кор омадааст. Ӯ ба гуфти А.В. Луначарский барои «аз қаду бар», «ҳамаҷиҳата» инкишоф ёфтани инсон кӯшиш мекунад, вале дар ин роҳ худ ба сахтиҳо бармехӯрад. Аз ин ҷо дар асар низои ҷиддӣ байни афкори куҳнаву нав, байни «хушодобии шарқӣ» ва навҷӯӣ, одатҳои бобоӣ ва ҳуқуқи зан, манфиати шахсиву масъулиятшиносии ҷамъиятӣ ба амал меояд. Ӯрун Кӯҳзод табаддулоти ботинӣ, тағйири хислат ва андешаҳои Хуморро ботамкин баён кардааст. Фақат тағйироти оҳистаи рафтор ва тафаккури ботинии амиқ Хуморро ба дигаргунии куллӣ раҳнамун сохтаанд. Ин ҳам як навъ драмаи ҳаёт, драмаи одаму олам аст, вале воқеаи он бо ҷаҳони андешаҳои давомдор, тафаккуру тааммуқ ва таъсироти шуури маънавӣ алоқаманд мебошад.

Ба андешаи М. Шакурӣ, дар повести «Андешаҳо дар танҳоӣ» ба доираи фикру андешаҳои қаҳрамонон муҳимтарин масъалаҳои воқеияти иҷтимоии замон дохил шудааст: «Бо шиддати тамом ба муҳокима гирифтани масъалаҳои муҳимми ҳаёти ҳозира дар ин асар руҳи публитсистиро қувват додааст. Оҳанги публитсистӣ дар ин асар як воситаи пуртаъсири ба равандҳои иҷтимоӣ ҷасурона дахолат кардани қаҳрамон ва нависанда, яке аз падидаҳои асосии

фаъолиятмандии иҷтимоии онҳост. Тезутундии публитсистӣ аҳаммияти ҷамъиятӣ ва роли тарбиявии ин асарро зиёдтар кардааст» [200, с.136].

Дар ин мавридҳо муваффақияти нависанда ва ҷанбаи иҷтимоии повести ӯ бештар зоҳир мегардад; андешаҳои амиқ дар ҳаёт нақши бағоят калон доранд, бо андеша ва таассурот ба амал омадани дигаргуниҳои муҳим имконпазир аст. Хусусан, барои кори нек, барои фоидаи ҷамъиятӣ андеша кардан, чунонки Исфандиёр кардааст, аҳаммият дорад ва он андешаҳо оқибат рӯйи кор хоҳад шуд. Бо офариниши ин қабил образҳо нависанда борикбинона ва бо андешаҳои чуқур наздик шудааст. Вай силсилаи образҳоро беранг, яктарафа ва бо муқобилгузории рӯйрост наофаридааст, балки ранги сухани ӯ, моҳияти тасвирҳояш ва хулосаҳои иҷтимоиаш бо он пайдо шудаанд, ки образҳо ҳартарафа, бо мураккабию маънавиёташон, дар муколамаҳои доимию андешаҳои амиқ, дар тафтиши ҳарҷиҳатаи хислату рафторҳои гуногун тасвир гардидаанд. Аз ин тасвирҳо хулосаҳо падид меоянд, ки ҳатман дар ҳаёти воқеӣ хислатҳои нораво ва ғайриқаноатбахш, рафторҳои зиддиҷамъиятӣ бояд фош гарданд ва кори дурусту ҳалол асоси зиндагӣ қарор гирад. Нависанда ҳам ғояи асарро ба ҳамин руҳия созгор намудааст.

Муҳаққиқ Р. Амонов дар як муҳокима иброз медорад, ки дар повести «Кини Хумор» гузориши масъала дида мешавад, аммо ҳалли он ба назар намерасад. Муҳаққиқ дуруст қайд намудааст, вале як чизи дигарро низ бояд ба инобат гирифт, ки дар асарҳои мустанад, зарур нест, ки нависанда ба ҳамаи саволҳо ҷавоб гардонад. Маҳз аҳаммияти воқеанигорӣ доштани чунин асарҳо низ дар ҳамин аст, ки нависанда ҷавоби саволҳоро ба ҷамъият вогузор мекунад.

Ба назари муҳаққиқ М. Шакурӣ повести Ӯрун Кӯҳзод «Кини Хумор» дар адабиёти ҳозираи тоҷик аз он сабаб аҳаммияти ҷудогона дорад, ки баъзе масъалаҳои муҳимми ҳастии инсони имрӯзаро ба миён гузоштааст. Нависанда умдатарин масъалаҳои доимии ҳаётро, аз қабили инсон бояд чӣ гуна бошад, мақсад аз зиндагӣ чист, чӣ чизро бахт номидан мумкин аст ва ҳоказо, дар асоси талаботи замони муосир муҳокима кардааст.

Фарқи повести «Кини Хумор» («Андешаҳо дар танҳоӣ») аз дигар повестҳои Кӯҳзод дар он аст, ки дар дигар повестҳо бахусус, «Роҳи ағба», «Писанддара» тасвири лавҳа, воқеаҳои ҳаётӣ ва хусусияту рафтори қаҳрамонон пайваста бо нақли доманадор ва сужет инкишоф меёбанд, аммо дар повести «Кини Хумор» сужет фақат ҷо-ҷо дар андеша, муносибатҳо ва пурсупосҳои персонажҳо гузориш ёфта, ин ҷо назари муаллиф ба воситаи монологи ботинӣ, асосан, ба тасвири амиқи рафторҳо, мафкураи қаҳрамонҳо, фикру зикр ва андешаи онҳо, нуқтаи назар ва диди иҷтимоиашон равона шудааст.

Дар повести «Кини Хумор» ба ақидаи муҳаққиқ А. Абдуллоев, «Ҷанбаи публитсистӣ бо таҳқиқи амиқи бадеӣ сахт алоқаманд шудааст, вале он бар тасвири бадеӣ ғолиб нест, балки дар таркиби он нозук гузориш ёфтааст. Муҳокима ва хулосаҳои амиқи нависанда (Ӯрун Кӯҳзод – К.Ҳ.) аз зикри андешаҳо камтар мавқеъ дорад» [57, с.126]. Дар повест ҳукми андешаҳои хуб ва рафторҳои бадро муаллиф, асосан, ба ҳаёт ҳавола мекунад. Дар охири баъзе бобҳо андешаҳои Исфандиёр пас аз тасвир ду калима аз воқеаи Хумор руҷуъ меёбад, ки як навъ вазифаи равобити байниҳамии андешаҳои пайдарпайро иҷро кардааст. Бо вуҷуди ин дар тасвири андешаҳо ва далелҳои гуногун боварибахшии воқеаҳо, устувории реализми повест намоён аст.

Профессор Х. Шарифов дар мақолаи «Марзи адабиёт» навиштааст: «Бояд ҷустуҷӯи ҳақиқат дар партави андешаи озод, бо силоҳи ҳунари касбӣ ва тахайюли бадеӣ решаву бунёди тасвири бадеии ҳаётро ташкил намоянд» [188, с.114]. Ҷустуҷӯҳои Ӯрун Кӯҳзод дар роҳи ҳарчи хубтару беҳтар дар сухан ифода намудани ҳақиқати воқеӣ самараи хуб медиҳад. Махсусан, вақте ки нависанда ба тасвири ҳаёт ва камбудиҳои он, урфу одатҳои куҳнаи мардуми деҳот ва муборизаҳои аз байн бурдани ин одатҳо мепардозад, воқеияти тасвир боз ҳам барҷастатар ва ҷолибтар ба назар мерасад. Дар повести «Кини Хумор» ҷиддияти тасвир дар он зоҳир мегардад, ки қаҳрамонҳои асар барои расидан ба мақсадҳои некашон ҳамеша мубориза мебаранд.

Чунонки маълум мешавад, чашмандози Ӯрун Кӯҳзод нисбат ба фарогирии масоили зиндагӣ вусъат гирифта, дарки моҳияти рӯйдодҳои он дурандешӣ

пайдо кардааст. Мақсади танқидии нависанда низ маъниҳои тоза касб карда, аз мазаммати одӣ ба сӯйи ислоҳи баъзе аз паҳлуҳои низоми ҷомеа майл кардааст.

Повести «Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз»-и Ӯрун Кӯҳзод (1977) аз ҷумлаи он офаридаҳоест, ки он дар самти мақсади маълум, инъикоси симоҳои маънавӣ ва умуман, образи устод Айнӣ барин шахсиятҳои бузурги таърихӣ ба миён омадааст. Адиб дар чеҳраи қаҳрамони худ таҷассуми оҳанги рӯзро ба роҳ мемонад. Бозгӯи рӯзгори воқеии қаҳрамон дар ин повест меҳвари асосист. Мубориза, андеша ва муҳокимаи пуршиддати Айнӣ ба нависанда имкон додааст, ки ӯ муносибати худро нисбат ба тамоюли фарҳангиву иҷтимоӣ ва сиёсӣ ошкор баён намояд.

Ӯрун Кӯҳзод қаҳрамони худро дар робитаву алоқамандии қавӣ бо равандҳои иҷтимоӣ қарор медиҳад. Чунин шеваи пуртаъсири афкор дар такя ба симои таърихӣ мустанадияти осори бадеии адибро пайваста баланд нигоҳ медорад. Тамоми повест аз як навъ монологу андеша ва муҳокимаи пуршиддати С. Айнӣ дар як рӯзи фалокатбор иборат мебошад. Зиндагии фарде маърифатомӯз ва рӯшангар чун устод Айнӣ бо ҳаводис ва мушкилоти маънавии солҳои 80-уми садаи бисти мардуми тоҷик, ба қазияе мисли иртиботи шахси рӯшанфикри эҷодкор ва ҷомеаи худкомаву бозмонда ҳамоҳангӣ пайдо кардааст.

Сухани духӯра ва сабки киноямез, ки хоси таълифоти Ӯрун Кӯҳзод ба шумор меравад, ин иртиботро бештар месозад. Кӯшиши аз диди равоншинохтӣ тасвир намудани симои устод Айнӣ худ дар насри тоҷикии замони шуравӣ як ҳодисаи тоза ба шумор мерафт. Тамоми маводи повест аз гуфтугӯ ва андешаҳои Айнӣ бо худ дар як рӯзи фалокатбор ба ҳам омадааст. Ин ҳамон рӯзе аз зиндагии ӯ – 8 апрели соли 1917, замони аз ҷониби амир бо задани 75 чӯб мебошад. Ӯрун Кӯҳзод тавонистааст, ки як ҳодисаи воқеиро бо тамоми ҷузъиёташ дар шакли бадеӣ тасвир намояд. С. Айнӣ дар он рӯз аз дасти таъқиби иртиҷоиён маҷбур шуда буд, ки мунтазири пешомади хавфноке дар ҳуҷраи мадрасагии худ бознишинӣ кунад. Маҳз ҳамин вазъияти нохуш ва номуайяни сарнавишт Айниро ба андешаҳои пуршиддате нигоҳ доштаанд. Ва ӯ аз манзарҳои мудҳиши зиндагии иҷтимоӣ дар аморати Бухоро, аз тазодҳои

сиёсиву маънавӣ, ҷустуҷӯҳои рӯшангарон ва иртиҷои куҳнагароён, аз беадолатӣ, зулму таассуб, аз рӯзгору талошҳои хеш ёдовар шудааст. Ин андешаҳо рангу навои мухталиф доранд; ҳам яъс, ноумедӣ, ғазаб, ифтихору ғурур ва ҳам муҳокимаи солим ва худмашғулиро дар бар гирифтаанд. Дар байни ин сарпечидагиҳои андешаву эҳсос руҳи қавии Айнӣ ба сифати як инсони рӯшангаро, хирадманд, ватандӯсту дурандеш, вазъиятшиносу хушбин ҳувайдост ва касро ба натиҷае меоварад, ки ин рӯзи пурташвиш дар зиндагии ӯ ба гардиши ҷиддие сабаб хоҳад гашт.

Ҳамин мулоҳизаҳои ҳаяҷономезу андешапарваронаи нависанда, ки гоҳ тавассути ноқил ва баъзан ба воситаи образҳои дигари асар баён меёбанд, барои амиқтар намудани рӯйдодҳои таърихи фоҷиабори миллати тоҷик дар садаи ХХ ёрӣ расонда, ба асари бадеӣ ҷанбаи публитсистӣ ва иҷтимоӣ ато менамоянд. Ҳатто баъзан мулоҳизаҳои нависанда оид ба ҳақиқати таърихӣ вазъият ва ҳолатҳои руҳии образҳои асарро хеле амиқ мекушоянд, дар ин ҳолат таъсири сухани нависанда нисбат ба амалиёти қаҳрамон боло мегирад.

Метавон гуфт, ки дар бораи С. Айнӣ асарҳои зиёди бадеӣ, илмӣ, ёддоштӣ ба монанди: «Садриддин Айнӣ – асосгузори адабиёти советии тоҷик» (С. Табаров), «Садриддин Айнӣ ва эҷодиёти ӯ» (Н. Бектош), «Садриддин Айнӣ» (Қ. Обидинуф), «Нависандаи бузурги ҳақиқатнигор», «Публитсистика ва назми устод С. Айнӣ» (А. Маниёзов), «Айнӣ – аввалин адабиётшиноси советии тоҷик» (Х. Мирзозода), «Садриддин Айнӣ, ҳаёт ва эҷодиёти ӯ», «Садриддин Айнӣ» (И. Брагинский), «Қиссаи ҳаётии устод Айнӣ» (А. Гордон), «Садриддин Айнӣ» (А. Деҳотӣ), «Мактаби адабии устод С. Айнӣ» (Ҷ. Икромӣ), «Садриддин Айнӣ» (С. Улуғзода), «Садриддин Айнӣ – асосгузори адабиёти советии тоҷик» (А. Сайфуллоев), «Адиб ва олими забардасти халқи тоҷик» (З. Рачабов), «Омӯхтани эҷодиёти С. Айнӣ дар мактаб» (М. Раҳмонов), «Яке аз симоҳои бузурги илм ва адабиёти советӣ» (М. Раҳимӣ) ва ғайраҳо таълиф шудаанд.

Аммо биниши Ӯрун Кӯҳзод дар «Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз» тамоман дигар аст. Биниши Ӯрун Кӯҳзод фақат ба фоҷиаи С. Айнӣ мансуб набуда, балки ба таъриху тақдири халқи тоҷик ва ба ояндаи он нигаронида

шудааст ва хонандаро водор месозад, ки сари он ҷиддан андеша кунад. Ин, ба фикри мо, метавонад ҷанбаи публитсистии асар бошад.

Дар повести «Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз» на танҳо қаҳрамони асар С. Айнӣ замон ва зиндагии худро мавриди таҳлилу таҷзия қарор медиҳад, балки нависандаи асар низ ҳамроҳ бо ӯ ба умқи гузашта фурӯ меравад. Бо шуру шарафи гоҳномаӣ мавриди интиқод қарор додани масоили доғи ҷомеа, ки аз навиштаҳои пешинаи Ӯрун Кӯҳзод буд, қувват гирифтани ҷанбаи публитсистии асари бадеӣ, таҳкими ҳаққонияти тасвир ва афзудани маънои рамзию фалсафии он илова гашта, ба ҷамъбастҳои иҷтимоии сифатан тозае имкон додааст. Ҳангоми мутолиаи ин повест кас ҳақиқатеро мебинад, ки андешаҳо ба замони карахтӣ, чоплусӣ ва дурӯғгӯӣ созгоранд. Нависанда он воқеоти таърихиеро ба қалам додааст, ки дар хусуси зулму истибдод, ваъда рӯйи амалро надидан, кам гаштани қадру қиммати одам ва ғайра ишора мекунанд, ки онҳо солҳои наздик низ вуҷуд доштанд. Ба андешаи муҳаққиқон, Ӯрун Кӯҳзод дардҳои бозсозиро дар «Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз» моҳирона ба қалам додааст. Дар таҳвияти ин андешаҳо метавон, хитоби Мулло Амонро ба ҷадидон пеши назар овард. Ҳангоми хондани ин сатрҳо хонанда гумон мебарад, ки гӯё ба ҳамин наздикӣ ба одамон нидо кардааст. «...Шумо, фарзандони мулк, ба чӣ машғулед? Фақат шикоят мекунед, ҳасад мебаред, бо ҳасаду шикоят мушкил осон намешавад, ақлро кор фармудан лозим...» [13, с.9].

Тавоноии нависанда дар он зуҳур ёфтааст, ки дирӯзро ба имрӯз пайвастааст. Яъне аз дирӯз дарди имрӯз хонда мешавад. Хонанда он дунёи торро пеши назар оварда, аз тарзи зиндагӣ, ноадолатӣ, нобарорӣ ва ғайра бохабар мешавад. Мефаҳмад, ки маҳз ҳамон дам инсоният дунёи нав мехост. Ҷадидон садо баланд мекарданд: «...агар нашриёт бошад, чунонки дар мамлакатҳои мутараққӣ ҳаст, осори гузаштаву имрӯзаи бузургонро ба табъ расондан осон мешавад, китоб бисёр мешавад, хонанда бисёр мешавад, одам ба қадри одам бештар мерасад. Одамон, ки бамаърифат шуданд, аз ранҷонидан, аз таҳқир кардани ҳамгавҳари худ, аз бадкирдорӣ дар ҳаққи ҳамҷинси худ шарм медоранд...» [13, с.10].

Дар ин асар хонанда ба дарди С. Айнӣ ҳамовоз шуда, ҳама ҳодисотро чун дар лентаи кино мебинад. Нависанда С. Турсун дар бораи повести «Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз» гуфтааст, ки ин асар аз ҳаёти ибратбахши Айнии бузург, бо вуҷуди он ки танҳо як саҳифаи фоҷиаи суханвари мумтозро дар бар мегирад, то ҳоли ҳозир беҳтарин таълифи бадеист. Ӯрун Кӯҳзод тавонистааст, зимни як рӯзи ҳаёти Айнӣ саргузашти халқ, ҳамчунин фисқу фуҷур, чоплусӣ, найрангбозӣ ва беадолатиро дар Бухоро равшан нишон диҳад [172, с.2].

Дар нахустин романи нависанда «Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим» (1983) низ ҷанбаи воқеанигорӣ равшан ба назар мерасад. Дар ин асар як сифати умдаи биниши бадеии нависанда – хаёлу рағбати махсус ба андешаву муҳокимаи масъалаҳои мураккаб ва тезутунди ҳалталаби воқеият хеле вусъат гирифта, имкониятҳои нави он ба зуҳур омадааст. Романи Ф. Муҳаммадиев «Палатаи кунҷакӣ» [53] аз ҷиҳати гузоришу ҳалли масъалаҳои ҷиддии ҳаёти рӯз яке аз дастовардҳои муҳимми насри тоҷик эътироф гардид, вай дар айни замон дар роҳи ба табиати жанри роман созгор овардани имкониятҳои «насри андешаҳо» таҷрибаи нахустин буд. Минбаъд, Сорбон дар романи «Актёр» [54] ҷараёни худшиносии маънавии шахсро пайваста бо андешаҳои доманадори ӯ мавриди тасвир қарор дод. Бо вуҷуди як қатор норасоиҳо, ки аз тарафи танқиди адабӣ таъкид гардид, ин асар гувоҳи он буд, ки дар романи муосири тоҷик кӯшиши офариниши қаҳрамони андешапарвар ҳамоно идома дорад. Романи Ӯрун Кӯҳзод «Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим» дар таҳвияти тамоюли мазкур иқдоми тозае ба шумор мерафт.

Дар хусуси асари мазкур муҳаққиқ Н. Салимов дар мақолаи «Эҳсоси ворисият» чунин навиштааст: «Мутолиаи роман боз як бори дигар касро ба чунин хулоса меорад, ки дар биниши бадеии Кӯҳзод ғолибан мабдаи таҳқиқӣ нуфуз дошта, диққати нависандаро нисбат ба воқеияти мавриди тасвир андешаву муҳокимае, ки аз он ангезиш меёбад, бештар ба худ кашидааст. Яъне, воқеият чун маншаи фикр аҳаммият пайдо мекунад» [156, с.53]. Чунин усули тасвир ба мундариҷа ва поэтикаи роман нақши равшан гузошта, барои таҳқиқи масъалаҳои ҳаёти имрӯза замина ҳозир намудааст. Аз ҷумла созмони сужет

тағйир пазируфта, асоси онро на як воқеаи яклухти муайян, балки якчанд воқеаи алоҳида ташкил намудаанд. Ба равиши фикр тобеъ гардидани хатти ҳаракат ва таркиби сужет, дар тафаккури қаҳрамон фишурда шуда, макону замонҳои гуногун ба нависанда имкон додааст, ки масъаларо дар вазъиятҳои гуногун, дар айни замон аз чанд паҳлу ба таҳқиқ гирад.

Дар романи «Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим» масъалаи пайванди наслҳо ва замонҳо мавриди тасвир аст. Нависанда аз кору бори зиндагии имрӯза, фикру зикри зиёиёни муосир сухан ронда, лаҳзаҳои муҳимми таърихи гузаштаро ёдовар мешавад. Ҳамин тавр руҷуъҳои таърихии Баҳром Холиқзода чун як ҷузъи андешаҳои вай дар бораи масъалаҳои муҳимми зиндагии ҳозира буда, ба сифати муайянкунандаи ҳофизаи ӯ намоён шудаанд.

Ҳадафи нависанда аз эҷоди ин роман ба вуҷуд овардани асари комилест, ки аз рӯзгори аввалин инқилобиёни тоҷик, аввалин зиёиёни тоҷик, аввалин колхозҳои тоҷикӣ нақл карда, таҳаввули фикрии нимасраи зиёиёни даврони нав ва оқибатҳои онро фаро гирад. Образҳои асар симои бисёре аз зиёиёни тоҷик ба монанди Т. Зеҳнӣ, Р. Ҳошим, Ғ. Абдулло, Б. Ғафуров, А. Мирзоев, М. Шакурӣ ва амсоли онҳоро пеши назар ҷилвагар месозад.

Қаҳрамони марказии роман Баҳром Холиқзода яке аз аввалин зиёиён ва бунёдгузорони илму фарҳанги Тоҷикистон мебошад. Дар андешаҳои ӯ ду чиз худтаҳлиливу худшиносӣ ва ҳақиқатҷӯйӣ баробар аҳаммият пайдо карда, ҷустуҷӯҳои маънавии қаҳрамон мазмуни равшани иҷтимоӣ гирифтаанд. Ҳамаи ҳодисаву воқеаҳои роман чун ёддошт ягон–ягон аз назари Баҳром мегузаранд ва ӯ фикру зикри худро дар бораи он рӯйдодҳо ва пайомадҳояшон иброз медорад: «Оқибаташ хуб не ин корҳоя. Аввал ин ки бачаҳо дангоса мешаванд, баъд зарари ин дангосаҳо ба ҷамъият мерасад – одамони тайёрхӯри ноуҳдабаро сари кор меоянд. Боз фардо ин дангосаҳои ҳамаи ҳунарашон воситашавию воситаёбию воситабозию ба оқибати рафтору кирдорашон бепарво, кадрҳои ба мислу монанди худ тарбия мекунанд ва медонед, ки ҳоли ҷамъият чӣ мешавад? Олам вайрон мешавад!» [17, с.12].

Образи Баҳром ҷомеъ аст, кору фаъолият ва зиндагии зиёиёни тоҷикро дар зарфи 70 соли охир таҷассум кардааст. Аз ҷиҳати фарогири макону замон фикру андешаҳои қаҳрамон вусъатнок аст. Вай гоҳ ба воқеаҳои даврахои таърихи гузаштаи дур, гоҳ ба ҳаводиси пурошӯби солҳои инқилоб ва гоҳи дигар ба воқеияти солҳои сиюму чилум равона мегардад, вале манбаи ангезиши он, ибтидои андешаву муҳокима ҳамеша масъалаҳои ҳаёти имрӯзаанд.

Дар саҳифаҳои аввали роман мо бо образҳои Абушаҳид, Ҳайдар ва Кӯзиев шинос мешавем. Онҳо (Абушаҳид, Ҳайдар ва Кӯзиев) барои ба мақсадҳои нопокашон расидан аз ягон восита рӯй намегардонанд, ҷое ки манфиати шахсиашон дар миён бошад, байни ҳалолу ҳаром фарқ намегузоранд. Масалан, Абушаҳид эътимоди комил дорад, ки «калиди ҳама дарҳои баста пул аст». Пул бошад, дар дунё ҳоҷате нест, ки раво нашавад. Ба ҳамин эътимод аз ин хусусҳо сухан гуфтану мурод ҳосил кардан ба назараш ҳеҷ ҷойи ибо ва ҳаё надорад, балки як муомилаи одиву одатӣ менамояд. Абушаҳид меъёри зиндагӣ ва муносибати байни одамонро дар пулу чиз дидааст. «Пештар ҳамин хел буд, ҳоло не! Ҳоло киса ва вазни пушту паноҳро месанҷанд, – гуфт Абушаҳид бо оҳанге, ки чунин корҳоро на як бору ду бор кардааст ва ба ақидаи худ эътимоди том дорад» [17, с.11].

Ё худ Кӯзиев, ки аз ғояти тангназариву кӯтоҳбинӣ барои чоп кардани навиштаҳои хому хаталаи худ тайёр аст ба тамоми идораҳои дахлдор шикоят барад ва ҷанҷолу хархашаҳои зиёд бархезонад. Ҳайдари корчалон бошад, дар ниқоби хушодобиву хушзабонӣ худро ба ҳама дӯст гирифта, мекӯшад, ки «ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад». Гӯё сиришти ӯро аз тору пуди фиребу найранг танидаанд.

Чунин одамоне ки мақсади зиндагӣ ва моҳияти инсонро пояи манфиатҳои шахсии худ фаҳмидаанд, дар зиндагии имрӯза низ кам нестанд, ки ин яке аз масъалаҳои доғи рӯз ба ҳисоб меравад. Ӯрун Кӯҳзод ба ин гуна масъалаҳое, ки ҷомеаро ба ташвиш овардааст, таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамояд.

Масъалаҳои мабдаи некиву бадӣ дар табиату сиришти инсон ва зуҳури он вобаста ба шароиту муҳити конкрет, ки Ӯрун Кӯҳзод ҳанӯз дар повестҳояш ба

таҳқиқи он камар баста буд, дар романи мазкур низ яке аз масъалаҳои асосист. Мантиқи фикри нависанда талқин мекунад, ки агар барои авҷ гирифтани сифатҳои зишти инсон муҳиту шароити мусоид фароҳам ояд, онҳо ба қувваи фаъол табдил ёфта, тамоюли номатлуб ба вуҷуд меоваранд. Масъалаҳои роман ба тарзе дар меҳвари се мафҳум – сиришти инсон, таърих ва анъанаҳои ахлоқӣ давр мезанад. Ӯрун Кӯҳзод воқеияти имрӯзаро дар сатҳи робитаи мутақобилаи ин се мафҳум ба тасвир мегирад ва маҳз аз ҳамин ҷиҳат, яъне ҷиҳати ҷиддияту вусъати масъалагузорӣ, ҷустуҷӯҳои ӯ бо он ҷараёнҳое, ки дар насри умумииттифоқи собиқ ҷой доранд, ба ҳам мепайвандад. Бо ҳамин васила нависанда моҳияти баъзе марҳилаҳои ҳаёти имрӯзаро амиқтар падид овардааст. Муҳимтар аз ҳама, руҳи воқеият ба асар роҳ ёфта, ҷузъи табиии диди бадеӣ ба вуҷуд овардааст.

Дар романи мазкур муаллиф ба саволҳои зиёди хонандагон ҷавоби осон пешниҳод намекунад. Ӯ печидагиҳои ҳаёти имрӯзаи ҷомеаро ба тафсил аз заминаҳои таърихиву иҷтимоияш сар карда таҳлил менамояд. Офаридани образҳои тазодии Миралию Мирвалӣ, Холиқзодаю Деҳқонов, Ислому Нурулло дар кушодани моҳияти неруҳои неку бад дар сиришти инсон нақши калон доранд.

Муаллиф дар маҷрои тасвир мекӯшад, ки ҳар як амалу рафтори қаҳрамононашро аз нигоҳи ахлоқи солими инсонӣ мавриди баррасӣ қарор диҳад. Чунин андешаронии Баҳром дар саҳифаҳои аввали асар диққати хонандаро ба идомаи маҷрои нақл ҷалб менамояд: «Ошнои ман Абушаҳид, Ҳайдар ошнои Ислом, – гуфт дар дил Баҳром. – Ҳар дуяш ҳам одами ҳалол не. Чӣ шудааст ба мо? Яке ҳаромкор, дигаре фиребгари дурӯғгӯ ва ҳар ду гӯё дӯстони мо. Чӣ шудааст ба мо ва ба ахлоқи мо?» [12, с.14]. Нависанда ҳангоми қисса кардани воқеаҳои дуру наздик як навъ кӯшише ба харҷ медиҳад, ки ба ин саволҳо ҷавоб пайдо намояд, парда аз рӯи инсонҳои гандумнамои ҷавфурӯш бардорад. Мақоми ҳар яки онҳоро дар ҷомеа муайян кунад.

Дар айни замон моҳияти андешаву муҳокимаҳо набояд аз назар дур монад. Набояд фаромӯш кунем, ки маҳз масъалаҳои ҳаёти имрӯза ҳофизаи қаҳрамонро

ба ҳаракат оварда, имкон додаанд, ки воқеаҳои гузашта аз ягон ҷиҳат ва ё аз чанд ҷиҳат бо воқеияти замон робита пайдо кунанд. Шаклҳои зуҳуроти ин робита гуногун буда, ҷанбаи иҷтимоии андешаҳои қаҳрамонро таҳвият додааст. Гоҳо воқеияти гузаштаву имрӯза аз роҳи тазоду муқобила сурат гирифта, гузориши масъалаҳоро тезу тунд намудааст.

Ҳамин тавр, романи «Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим» романи ҳозирмавзуъ, романи андешаҳост, ки ҷанбаи воқеанигорӣ, мабдаи танқидӣ ва аҳаммияти таърихӣ дар он мавқеи баробар пайдо карда, ба сифати баёнгари хусусиятҳои муҳимми тафаккури инсони муосир зуҳур кардааст.

Метавон гуфт, ки ҷанбаи публитсистӣ дар асарҳои бадеии Ӯрун Кӯҳзод хеле бақувват аст. Дар онҳо симоҳои шинохтаи дорои хислату характерҳои хосса муҷассам гаштаанд. Асарҳои бадеии нависанда бо ин хусусият дар ҳар давру замон метавонанд ба дардҳо даво шаванд. Мавзуи одобу ахлоқи ҷавонон, проблемаҳои зиндагӣ, сиришти инсон, масоили таъсири муҳит ба сарнавишти одамон яке аз мавзуъҳои асосии насри муосири тоҷик қарор гирифтааст, ки осори бадеии Ӯрун Кӯҳзод аз онҳо истисно нест.

Ҳамин тариқ, осори бадеии Ӯрун Кӯҳзод дар инъикоси бадеию публитсистии муҳимтарин паҳлуҳои сарнавишти инсон ва воқеиятҳои иҷтимоӣ нақши муҳим дошта, хусусиятҳои хос ва раванди мусбати инкишофи ҳунари нависандагии ӯро муайян мекунад. Нақши ҷанбаи публитсистӣ дар осори бадеии Ӯрун Кӯҳзод ба сифати як ҷузъи муҳим ва табиии тасвири равонӣ равшан намудор гардида, рӯҳи публитсистӣ воситаи муҳимме дар ошкор намудани олами ботинии шахсиятҳо ва мазмуни иҷтимоии амалу кирдори онҳост.

1.3. Воқеият ва тасвири бадеии он дар романи «Ҳайҷо»

Воқеияти иҷтимоӣ дар ҳама гуна асари бадеӣ ҳадафи асосии муаллиф ба ҳисоб меравад. Ҳар як адиб бо ақидаи меҳварии худ ин маромро дар сатҳи гуногун қарор медиҳад ва аксар вақт ин оҳанг паҳнои васеъро мегирад. Бешак насри мустанад соҳаи эҷодест, ки ҳамеша дар ҷалби таваҷҷуҳи омма нақши муҳим дорад. Ин омили таваҷҷуҳ бештар ба оҳанги публитсистии асар ва ҳамқадами замон будани соҳа робита дорад, ки аз воқеияту ҳақиқати асил сарчашма мегирад. Вобаста ба ин, рисолату таъйинот муҳаққиқон аз мавҷудияти ҳатмии ғояи муаллифон таъкид мекунанд: «...эҷодкор бояд на танҳо дар фикри худ – ремаркаҳо, балки дар фикри қаҳрамононаш низ чун шахсияти идеявӣ баромад кунад» [148, с.40]. Собит сохтани ин муаммо, ки иртибот ба саводи эмотсионалии адиб дорад, дар мисоли эҷоди адибон барои мо пайванди адиб ва иҷтимоъро амиқтар бозгӯ мекунад. Аз ин рӯ, дар мисоли асарҳои алоҳидаи адибон баррасии масъалаи мазкур ҳақиқатеро собит менамоянд, ки адиб дар ҳама гуна самти эҷоди худ бо оҳанги публитсистӣ дар иртиботи зич қарор дорад. Ҳар як адиб дар осори бадеӣ воқеияти замони муосирро замзама намуда, муносибат ва мавқеи худро ба равандҳои иҷтимоии гузаштаву муосир тавассути ин образҳо муайян менамояд ва ба ин қабил адибон Ӯрун Кӯҳзод низ шомил аст.

Агар ба таърихи пайдоиши роман ҳамчун навъи мустаҳқили адабӣ таваҷҷуҳ бишавад, маълум мешавад, ки нахустин романҳо дар адабиёти муосири тоҷикӣ, қабл аз ҳама, моҳияти иҷтимоӣ доранд ва бо мақсади тасвири бадеии зиндагонии иҷтимоии ҷомеа ва ё афроди ҷудогонаи он навишта шудаанд. Зинаи баъдии таҳаввули романи садаи бисти тоҷикӣ ҳомили мавзуъҳои зиёде мебошанд, ки барои сифатан нав шудани мавзуъ ва мундариҷаи романҳо мусоидат кардаанд. Дар насри давраи пас аз Истиқлоли тоҷик низ асосан равишҳои мазкур пайгирӣ мешаванд. Илова бар ин ба таври густарда рӯй овардан ба мавзуи таърих ба мушоҳида мерасад, ки онро муҳаққиқ М. Нарзиқул ба ду самт ҷудо намудааст. Якум таваҷҷуҳ ба таърихи гузаштаи

дур, дуюм воқеоти таърихие, ки пайванди замонии онҳо то ба рӯзгори мо низ мерасад, ки романи «Ҳайҷо» ба он мисол шуда метавонад.

Романи таърихии «Ҳайҷо» (маъноиш майдони ҷанг) (2005) аз даврони пуршӯру пурнанги амирони манғития, аъламу аъзамҳояш, зиндагии бефурӯғу бемақсади халқи мазлум нақл мекунад. Албатта, ҳеҷ вақт Музаффар, Насруллоҳ, Олим заррае ба фикрашон намеомад, ки оянда замона дигар мешавад; ба зиддияти онҳо нигоҳ накарда, мактабу маърифат рушд хоҳанд кард; донишмандон ҳар қабоҳату разолате, ки онҳо пинҳону ошкоро ба ин замину мардумонаш раво диданд, як - як берун кашида, дар китобҳо сабт хоҳанд кард, то ки ҷаҳониёни ҳар давру замон хонда, ошноӣ пайдо карда, то Рӯзи бузург нафринашон бикунанд.

Образҳои асосии роман Дилмурод, Ҳайдар, Рӯзимурод, Мирзоумеди табиб, Насруллоҳ ва дигарон мебошанд. Муваффақияти Ӯрун Кӯҳзод дар эҷоди образи асосӣ Дилмурод низ мебошад ва ин образи бадеӣ дар тасвири нависанда дорои характери мураккабу барҷастаест ва ин характер рӯҳи замонро ҳам дар бар кардааст. Ин образ моҳирона ва бо муҳаббат офарида шудааст.

Образи Дилмурод ҳамчун характери бақуввати бадеӣ боз аз он ҷиҳат диққатҷалбкунанда аст, ки ӯ дар зиндагӣ устуворона қадам мениҳад ва ҳамеша пайи сулҳу субот ва осоиштагии мардум қадам мебардорад. Дилмурод ҳамчун тимсоли шахси муборизу боҷуръат ва матинирода, ки чанд тарзи давлатдориро дида, муқобили ҳукумати амирӣ аст, пеши назари хонанда намудор мегардад.

Ӯрун Кӯҳзод ба тамоми воқеаву ҳодисаҳои ҳаётии чи дар замони амирони манғит ва чи имрӯз бо чашмони дақиқсанҷу нозукбини Дилмурод менигарад. Ба ин маънӣ, Дилмурод чун қаҳрамони марказии «Ҳайҷо» дидгоҳи нависанда мебошад. Нависанда шахсияти қаҳрамони асосии асарашро дар ҳар ҳолат, ки ба тасвир бикашад, пайванди вайро аз замон ва зиндагии мардум гусаста намекунад. Дар симои қаҳрамони асоси нависанда кулли масъалаҳои асарро ба ҳам меорад.

Романи «Ҳайҷо» бештар на ба образҳои худ, балки бо зикри воқеият ва ҳақиқати замон аз асарҳои дигари Ӯрун Кӯҳзод фарқ мекунад. Ҳамин маъно, ба

андешаи мо, оҳанги публитсистии асарро таҳвият додан, ба мафкураҳо зиёда таъсир расонида тавонистан ва ҳақиқатро муаррифӣ карданро дорад. Мақсади асосии нависанда дар романи мазкур он нест, ки диққати хонандаро ба гузашта ҷалб намояд, балки ӯ гузаштаро ба рӯзгори имрӯза овардааст, то ки аз хатоҳои рафта, гуноҳҳо панд гирем. Ин чиз таъкиди оҳанги публитсистӣ доштани асар аст, зеро нависанда воқеаҳои муҳимми таърихиро дар даврони ҳукмронии амирони манғит, ки ҳамеша дар пайи зулму ситам буданд, тасвир намудааст ва мехоҳад насли имрӯза донад, ки чунин ноадолатиҳо буд ва ҳеҷ гоҳ фаромӯш насозад, ки халқи тоҷик дар тӯли асрҳо машаққатҳои зиёд кашидаанд.

«Кӯҳзод дар «Ҳайҷо» ба гунаи илмию бадеӣ доираи мавзуи асарашро ба тариқе густариш додааст, то битавонад ба сурати ҷомеъ тимсоли зиндагии тоҷиконро дар даврони сипаришуда ва таҷрибаҳои андӯхтаи ҷомеаро бо диди интиқодӣ ба доираи тасвир бикашад. Яке аз ҷолибтарин вижагиҳои равиши эҷодии Кӯҳзод дар он зоҳир мешавад, ки нависанда хонандаи хешро ба тафаккури интиқодӣ дар перомуни воқеият вомедорад» [55, с.97].

Тасвири рӯзгори на чандон дури ҷомеаи тоҷиконро дар романи «Ҳайҷо» ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Ҷумлаи аввали роман – «Оби наҳр месӯхт», ки як сархатро ташкил додааст, далолат ба муҳтаво дорад. Нависанда гузаштаву имрӯзаи маърифат ва хислати миллатро дар роман бе лофу газоф, соф, холисона ва сирф воқеъбинона мавриди таҳлил қарор дода, диққати муосирон ва ояндагонро ба масъалаи ҳастию нестии як миллати соҳибкитобу мактабдор ва як марзу буми фароху обод, ки бо гузашти замон аз ҳама чиз бенасиб ва бебаҳра мондааст, ҷалб мекунад.

Дар романи «Ҳайҷо» Ӯрун Кӯҳзод дар баробари асарҳои Аҳмади Дониш ва устод Айнӣ муҳимтарин масъалаҳои давр, аз қабили танқиди маҳкумкунандаи разолатҳои амир ва амалдорони ӯ, тарғиби ислоҳоти тартиботи давлатии аморати Бухоро бо Россия, зиндагонии тоҷатфарсо ва ақибмондагии мадании оммаи заҳматкаш, кӯшиши ба сӯи тамаддун ва тараққиёт кашидани мамлакат, сабуктар кардани аҳволи вазнини халқ ва амсоли инҳо инъикос ёфтанаанд ва

нависанда саъй кардааст, ки ҳаммаи ин масъалаҳоро дар руҳи ғояҳои олии халқпарварӣ ҳал кунад.

Қайд намудан лозим аст, ки ҳамаи он воқеаҳое, ки дар Бухоро дар даврони ҳукмронии амирони манғит ба вуқуъ омадаанд, аввалин шуда, Аҳмади Дониш онҳоро ба адабиёти тоҷик ворид намудааст. Ин нуктаро устод С. Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» чунин зикр намудааст: «Маълум аст, ки дар он овон дар Бухоро аз фикрҳои нав ва адабиёти ҷадида асаре набуд. Пас маълум мешавад, ки ин доҳии модарзод (Аҳмади Дониш – К. Ҳ.) ҳамаи афкорашро аз ғайри талқини касе ва китобе, маҳз аз тадаббуру тафаккури худ маишат ва дунёро ҳосил кардааст» [1, с.289]. Аз ин гуфтаҳои С. Айнӣ бармеояд, ки то замони Аҳмади Дониш на дар эҷодиёти адибон ва на дар китобҳои алоҳида ин равиши асарофарӣ дида намешуд ва мутафаккир ҳамаи он ҳодисаҳое, ки ба амал омада буданд, бо чашми сар дида бо услуби хоси худ дар асарҳояш инъикос намудааст.

Баъдан он воқеаҳое, ки Аҳмади Дониш дар асарҳояш тасвир намуда буд, устод Айнӣ дар замони худ мушоҳида кард ва дар пайравии ӯ асарҳо офарид. Яъне, С. Айнӣ якумин бор дар асари мутафаккир тасвири чунин воқеаҳоро дид, ки бевосита аз ҳаёту маишати онрӯза гирифта шуда буданд. Чунончи, аҳволи уламо ва расвоиҳои мадраса, ҳақиқати ҳоли амалдорон ва мисли инҳо. Ин тасвирҳо устод С. Айниро ба ҳайрат оварда буданд. Ӯ ин ҳодисаҳоро дар асари Аҳмади Дониш бо тасвири реалӣ – бо тасвире, ки худ дар зиндагӣ дида буд, дид ва тасвирҳои ин маорифпарвар диққати нависандаро ба мавзуъҳои ҳаётӣ, ба воқеаҳои муқаррарии ҳаррӯза ҷалб намуданд. Аз ҳамон вақт сар карда С. Айнӣ ба навиштани асарҳое, ки бозгӯяндаи ҳақиқати рӯз ҳастанд, шуруъ намуд.

Дар замони муосир, аниқтараш дар замони соҳибистиқлолии кишвар, ин анъанаро Ӯрун Кӯҳзод дар романаш «Ҳайҷо» идома дода, ҳамаи он воқеаҳоро дар шакли бадеӣ бо оҳанги публитсистӣ ба тасвир кашидааст. Романи «Ҳайҷо» аз нигоҳи ба доираи тасвир даровардани як воқеаи бузурги таърихие, ки дар оғози садаи гузашта рӯй додааст ва ба ин восита ба муҳокима кашидани муносибати шахсиятҳое, ки дар роман ба тасвир омадаанд, ҷамъбасти

таҷрибаҳое мебошанд, ки бо такя ба таҷрибаи ғанӣ ва диди равоншиносии воқеияти маълум нигошта шудааст. Аз ин ҷост, ки ба таърих бо назари ибрат нигаристан ва ишораи нозуки сабақи лозима бардоштан аз воқеоти гардишовари таърихӣ муҳимтарин паёме мебошад, ки дар романи «Ҳайҷо» ироа мешавад.

«Ҳайҷо» романест, ки доир ба даврони пурмоҷарои амирони манғит қисса мекунад. Дар асар образ, тахайюл ва характери бадеӣ дида мешавад, аммо вай аз оҳанги публитсистӣ зиёд барҳӯрдор аст, зеро роман ба замон баҳо медиҳад. В. Н. Станиславлёва оид ба романҳои Л. Леонов сухан ронда менависад: «Хусусиятҳои публитсистии асар воситаи асосии алоқаи нависанда «ба ҷаҳон ва вақт» таъсири ахлоқии нависанда ба хонанда ва ҷаҳонбинии ӯ мегардад» [166, с.3]. Аз ин нуқтаи назар, дар романи «Ҳайҷо» мавқеи нависанда ва муносибати ӯ ба воқеаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии охири асри XIX ва аввали асри XX баръало эҳсос мегардад.

Дар ҳақиқат, адиб таҳқиқи як асри пуршӯру пур аз воқеаҳои бузургро ба уҳда гирифтааст: тасарруфи Осиёи Вусто аз ҷониби русҳо, ки аз замони Пётри Кабир тарҳу тадбир мекашиданд, ки ин кишвари пуробу офтобро ба давлати Рус бипайванданд. Лашкаркашиҳои амирони манғитӣ, асрҳо бе пешвои халқ, андешаронии олимони рус (адиб онҳоро олимҷосус меномад) нисбати хӯю феъли халқҳои тоҷику ӯзбек ва дигар масъалаҳо. Аммо дар асар ду ишора, ду мақсад бештар манзури нависанда аст, ки онҳо хеле равшан ба назар намоёнанд. Дар асар оҳанги публитсистӣ баръало дида мешавад, маҳз аз кундии зеҳн ва бемасъулиятии амирон ва аз нодониву ҷаҳолати муллоҳои нодон, халқ асрҳо дар тирагиву бероҳӣ мондааст ва ин ҳолат дар асар инъикос гардидааст. Нависанда вомондагӣ ва қашшоқии мардуми мусалмонро дар симои манфури ҳамин ду тоифа инъикос намудааст.

Маълум аст, ки дар асрҳои XVIII-XIX дар бисёр кишварҳо таҳаввулоти бузург ба амал омаданд ва адиб ин таҳаввулотро низ дар асар воқеъбинона инъикос намудааст. Ин кишварҳо, аз ҷумла кишварҳои абарқудрат ба монанди Британиёву Россия ба пешравии илм, маориф, кушодани рӯзномаву маҷалла,

системаи қонунгузорӣ, судҳо, бонк, роҳсозӣ ва ғайра майдондорӣ мекарданд. Корҳои азим ба роҳ монда, халқу диёрашонро ба ҳамагон муаррифӣ мекарданд. Британиё обу хоки Ҳинду Покистонро балъида ба ин ҷониб меҷаҳид. Россия Сибиру Шарқи Дурро фурӯ бурда дар Аштархон сангар партофт. Ва ҳар ду ба ҷаҳиши навбатӣ ба Осиёи Васат тайёрӣ медиданд. Вале амири Бухоро ба ҷойи сарҳадро васеъ кардан занҳои ҳарамро зиёд мекард. Барои кадом як кӯдаки навзодаш даҳ рӯз гаҳворабандон мегузаронду туҳфа қабул мекарду туҳфа тақсим мекард. «Ба Арки Бухоро, ба қасри амир, ду гаҳвора оварданд – як гаҳвораи тиллокорӣ ва як гаҳвораи нуқракӯб. Ва даҳ рӯз боз – аз рӯзи фармудан, то рӯзи овардан, – дар боргоҳ, дар ҳарам ва роҳравҳо фақат аз ин хусус суҳбат мекарданд, гӯё ки дар аморат дигар гапе набуд» [48, с.3].

Аз ин корҳои беҳудаи амир англису русҳо истифода бурда тамоми хислату рафтор ва ҳатто руҳияи ашрофонро меомӯхтанд. Боре ба амир хабар медиҳанд, ки русҳо дар лаби Сирдарё истеҳкомҳо сохта истодаанд. Аз рафтори онҳо бӯйи ҷанг меояд. Амир ба онҳо чунин ҷавоб медиҳад: «Дар як ваҷаб саҳро аскари рус даромада бошад, ҳеҷ қисса нест. Он заминҳо бе ин ҳам бекору бесоҳибанд» [48, с.3].

Мисоли дигаре меорем аз тарафи коргузории уламои манғития. Деҳқони музофотие бо азоб назди амир даромада аз омадани вабо хабар медиҳад. Сутунҳои давлат ба ӯ маслиҳат медиҳанд: «Ҳашари ом даъват кунед. Ҷорчиҳо ба кӯча баромада ҷор кашанд. Латтаҳоро ба сари ходаҳо бандед, машъал афрӯзед. Дафдорон даф кӯбанд. Доирадорон доира зананд. Ваборо тарсонеду гурезонед» [48, с.3].

Бале, ин тоифаи шикампарвар бо чунин бандҳои сахту мустаҳкамашон мардумро асрҳо баста доштанд. Бухорои Шарифро ҷониби одатҳои ваҳшоният кашонданд, мисле, ки дар зиндагӣ ақиб рафтанд. Дар суҳбати онҳо ягон вақт аз илму амали олам сухан намеравад. Хатти пешона ягона таъбири илмиашон буд. Касе табларза шавад, «куффу суфаш» мекарданд, девона шавад, банди занҷир. Касе сухани салоҳ мегуфт, дар бало мемонд. Дӯстмуроди муҳандис ба амир хат мекунад, ки ба мансабдорон аз хазина маош таъин кунед. Амир ранҷида ба

қушбегӣ мегӯяд: «Ба ӯ мартаба додем, ба мо маслиҳатгар шудааст ва хатти маъзулашро дод» [48, с.4].

Нависанда ду тоифаи муллоҳоро, асосан, дар асар тасвир намудааст. Адиб мегӯяд, ки муллоҳо ду сифат доранд: доно ва нодон; муллоҳои доно онҳое буданд, ки мутолиа доштанд ва фикр мекарданд ва онҳое, ки мутолиа надоштанд ва фикр намекарданд. «Дар Бухоро ҳар касе, ки «хоки мадраса лесида» бошад, ба номи мулло машҳур аст ва муллоҳо, асосан, ду сифат доранд, – доно ва нодон... ва доноҳо аз пайи коре мегаштанд ва нодонҳо овози баланду даъвои мансаб доштанд; ва гурӯҳи якум шумораи хеле кам дошт, дар ҳоле ки гурӯҳи дуюм шумораи аз ҳад зиёди «саводдоронро» фаро мегирифт; ва муҳит чунон созиш ва парварише дошт, ки гурӯҳи дуюм, гурӯҳи якумро баддин ва бадбин медонист ва кофир мегуфту бадном мекард ва ба корҳои маърифатӣ ва рӯшангарӣ ва маъмурӣ роҳ намедод; ва аҳвол бад – ин сурат ҷилва мекард, ки илму амали доноён аз остонаи хонаашон берун баромада наметавонист...» [48, с.115].

Нависанда дар ҳама ҳолат пуштибонӣ аз халқу миллати заҳматкаш, муллоҳои доно, анъанаҳои нек ва таъриху фарҳанги худ дорад. Бахусус, ӯ дар асар ба воситаи қаҳрамонон ҷасуру тавоно будани мардуми меҳнаткашу одиро хеле моҳирона инъикос намудааст. Деҳқони ҷангнадида, ки «ҳамсояҳо ба ҷанг мераванд, ман наравам, шармандагист» – гӯён аз рӯйи номус ба ҷанг омада буд, аз чор тараф ворид шудани аскари душманро мушоҳида карду тирпаррон худро ба хонае гирифт: бисту се нафар навкарҳо аз ақибаш медароянд ва мебинанд, ки хона борутхона будааст. Ҷо-ҷо деворҳоро шикофта камин мегиранд. Пас аз муқовимати тӯлонӣ тирашон тамом мешавад ва деҳқон ҷониби ёронаш мегӯяд: «Ҳар кас хоҳад, ихтиёраш, баромада таслим шавад. Ман ин борутро метарконам бо худам». Ҳабдаҳ нафар ҳамнабардҳо паҳлуи ҳам болои хирмани борут баромаданду дасти ҳам гирифтанд ва чун ҳалқаи душман наздик омад, гӯгирд заданд. Аммо ин номдорӣ ва фидокориро дар он замон дар Бухоро касе ёд намекард. Вале охунди хеши амир, ки аз тарс худро аз девор партофта буду гарданаш шикаст, чун «шайхи шаҳид» дар он замон шуҳрат ёфт [48, с. 124].

НависандаДар тамоми гуфтори адиб як оҳанги маломат, ҳатто ситез нисбат ба халқи нодон, ки зиндагии беному бефурӯғ мегузаронданд ва кӯшиши дигаргунӣ ва пешравӣ надоштанд, ҳис карда мешавад. Масалан, пахтакорон, фикр намекунанд, бо кадом роҳ ҳосили хуб рӯёнанд ва нависанда ишора мекунад: «То омадани русҳо пунбаро мисли гандум мечошиданд, баъди неш задан, ҷуяк мекашиданд, ки ниҳолҳо як ё ду вақаб мехест. Русҳо омаданду тухми пахтаи мисрӣ ва америкоӣ оварданд ва сеялка кишт карду ниҳолҳо қади одам хест. Сипас, зовуди равған сохтанд, аз пунба равған кашиданд» [48, с. 124].

Дар ин гуна ҳолатҳо сухани нависанда бо сухани персонаж мепайвандад ва адиб ба воситаи саволҳои риторикӣ (Айби кӣ? Айби чӣ? Айби амиронамон? Айби худамон?...), ки аз андешаи Амриддини бозоргон мегузашт, хонандаро низ ба андеша водор мекунад. Амриддини бозоргон ҳангоме ки ба кишварҳои хорича сафар мекард, дар ҳар ҷое тартиби хубе, муомилаи хуше, кӯчаи озодае, иморати боҳашамате, сайргоҳи оростае, меҳмонхонаи муҷаҳҳазе, ҳаммоми тозае, фабрикаи калоне, мошини наве, қатораи равоне бинад, хаёлан аморати Бухороро пеши назар меовард, муқоиса мекард ва ғусса мехӯрд.

Ҳамин гуна нафарон дар он замонҳо низ ёфт мешуд, ки ғамхори халқу миллат бошанд. Аммо ҳукмронӣ ва фармонфармоии амирони золиму бесаводи манғит дар сарзамини тоҷикон аҳолиро аз озодӣ маҳрум карда, дар ниҳодашон тарсу ҳаросро ҷо намуда буд, ки фикрашонро озодона баён карда наметавонистанд.

Шоире шеър менависаду онро ба Дӯстмурод мефиристад. Дӯстмурод онро хонда ба вақд меояд ва дардаш ба дилаш намеғунҷад. Одам фиристода Рӯзимуродро ба хонааш оварда қоғазро ба дасташ медиҳаду мегӯяд, ки хонад. Рӯзимурод он байтро мехонад:

Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
Аммо чӣ метавон кард, ҷойи дигар набошад?

Маълум аст, ки шоир дардҳои замонро гуфтааст. Худи Дӯстмурод низ ба он андеша аст, ки дарди замонашро касе аз ин беҳтар нагуфтааст. Нависанда

дар ин монологи қаҳрамони марказӣ, ки ҳақиқати ҳолро баён мекунад, воқеияти он солҳоро мушаххас менамояд.

Он ҳама зулму бедодгариҳои амирони Бухороро дар охири асри XIX ва аввали асри XX мавриди инъикос қарор додани Ӯрун Кӯҳзод асарҳои устод Айнӣ «Таърихи хонадони манғит», «Таърихи амирони манғитияи Бухоро»-ро ба хотир меорад. Ҳамчунин, сафарҳои амир ба вилоятҳои гуногуни мамлакат, ки боиси хароҷоти зиёд мешуд ва аз ин мардуми одӣ зиёни ҷиддӣ медид, дар китоби «Маорифпарвар – Аҳмади Дониш» чунин шарҳ ёфтааст: «Дар вақти ба вилоятҳои гуногуни мамлакат сафар кардани амир хароҷоти рикобдорони сершумори ӯ низ ба гардани мардуми Бухоро бори хеле вазнини барзиёде буд» [144, с.27]. Ё худ «Сафарҳои амир, – навишта буд Лессар, – ба Шаҳрисабз, Кармина, Нурато ва дигар ҷойҳои мамлакати Бухоро, ки дар муддати як сол то 5 моҳ давом мекард, боиси хароҷоти фавқулода мегардид» [144, с.27]. Лессар хабар медиҳад, ки дар аснои ин гуна сафарҳо бо ҳамроҳии амир зиёда аз чор ҳазор сарбоз мераванд, ки барои онҳо 69950 сум хароҷот мешавад. Ин хароҷотҳо аз мардум бо ҳар восита ситонида мешуд, ки ин лаҳзаи воқеаи таърихиро Ӯрун Кӯҳзод дар боби якуми романи «Ҳайҷо» ҳангоми ба Шаҳрисабз сафар намудани амир, ки дар ин сафар ба шаҳри Китоб низ сарироҳӣ медарояд, чунин инъикос намудааст: «Қофилаи амир ба роҳ баромад, бо ду ҳазор сарбоз ва бо валвалаю дабдаба.... Беки Китоб дар як шабонарӯз саисхонае сохт – қадаш дусаду панҷоҳ метр ва халқ дар ин сохтмон бе музд кор мекард, ба тарзи ҳашар ва сутуну болору вассаашро халқ дод – ба тариқи хайрия ва бо андози ом аз ҳар буна коҳу бедаву ҷав гирифтанд барои аспу шутури меҳмонон» [48, с.58].

Дар лаҳзаи тасвиршуда мо ҳолатеро мебинем, ки зулму ситам ба аҳолии Бухоро дар ҳоли авҷ қарор дошт. Агар ҳамин ҳолат, яъне зулми амирони Бухороро дар он давраҳо аниқ донистан хоҳем, чунин бармеояд, ки Ӯрун Кӯҳзод аз осори дигар адибон рӯбардор кардааст. Зеро дар «Таърихи хонадони манғит»-и Аҳмади Дониш ва «Таърихи амирони манғитияи Бухоро»-и Садриддин Айнӣ, ки ба воқеаҳои он замон бахшида шудаанд, ин гуна тасвирҳо

кам нестанд. Аз ин бармеояд, ки адибон воқеияти ҳамон замонро на ба шакли типпӣ, балки бештар дар қолаби воқеӣ истифода бурдаанд. Ба андешаи мо, ба сифати воқеият ва тазаккури публитсистӣ шинохта шудани онҳо ба ҳақиқат бештар мувофиқат мекунанд.

«Агар ба рӯйхати асарҳои машҳури ҷаҳон назар андозем, ба мушоҳида мерасад, ки аксари онҳо таҳқиқианд. Навиштани чунин асар ба Ӯрун Кӯҳзод низ даст додааст. Ҳангоми мутолиа мо аморати тираву тори Бухороро пеши назар мебинем. Амирони шикампарвар ва халқи мазлуму парешон бо бероҳиву бенизомиаш дар назар ҷилвагар мешаванд. Мо ба тарзи коргузории давлати Русия, ки чилу панҷ сол дар ин замин давлатдорӣ кардаанд, ба ҳуҷҷату дастурҳояшон шинос мешавем» [55, с.40].

Воқеаҳои асар бо санаҳои аниқи рӯйдодҳо оварда шудаанд. Ҳамаи лаҳзаҳои мундариҷаи асар муҳим ва хотирмонанд ва ба лаҳни дилпазиру ҳунармандона навишта шудаанд. Ҳар ҷумла пурмаъно ва пурвазн аст. Чунин тарзи тасвирро дар охири асри бист нависандаҳои ҷаҳонӣ, мисли А. Камю, Г. Маркес, ҳар кадом бо сабку тарзи худ ба роҳ монда буданд. Нависанда Ӯрун Кӯҳзод дардҳои садсоларо, ки имрӯз ҳам ҷо–ҷо реш доранд, ташхис карду нишон дод, то ки мо хонему даво биҷӯем [55, с.41].

Дар навишти романи «Ҳайҷо» нависанда дар пайи он аст, ки ҳар чӣ бештар воқеаҳои муҳимми асрро нишон диҳад. Камбудии халқашро, хатоҳои зоҳиршударо бигӯяд. Ӯрун Кӯҳзод бо кӯтоҳбаёнии зебо як достони пур аз саҳву хатои гузаштагонамонро навиштааст. Хатоҳое, ки дар қарнҳои пеш буданду имрӯз низ дар рӯ ба рӯямонанд. Ба суҳбати ду заминдори калони русҳо Ананеву Андроников менигарем, ки адиб онҳоро бо чунин кӯтоҳбаёнӣ овардааст: «Ба хислати ин мардум сарфаҳм рафтан душвор аст. Дар суҳбаташон нишинӣ, аз ҳикмати зиндагӣ ва рисолати одамгарӣ сухан мегӯянд. Майдон танг ояд, одаму одамгариро ба як пули пучак мефурӯшанд. Харобиҳои кишварашон аз хислатҳои бошандагонашон баромадааст. Азбаски дар ин мулкҳо серу пур зистан фақат ба мансабдорон даст медиҳад, курсӣ каму талабгор бисёр аст,

фиребу найранг ба авҷи аъло расидааст, ришвахӯрӣ, туҳмат, фитнагарӣ дар ин давлатҳо як чизи муқаррарист» [48, с.138].

Аз он замона чи қадар қавмҳо гузаштанд бо орзуҳову инқилобҳояшон, бо китобҳо ва илмҳои ба кор бастаашон, то ки зиндагӣ дигартар бошаду мансабдорон ба дарди шикам гирифтор набошанд. Дар ҳақиқат, ин масъалаи басо ҷидии иҷтимоист. Ӯрун Кӯҳзод ба сифати мавод ҳамон қисмати ҳақиқати воқеиеро истифода мекунад, ки дар ботини нависанда ангезае ба вуҷуд оварда, ӯро ба эҷод кардан водор менамояд. Чунин далели воқеие, ки хотири нависандаро ба худ ҷалб карда буд, ришвахӯрӣ, туҳмат, фитнагарӣ ва дурӯғгӯиву фиреб мебошад, ки дар ҳар давру замон боиси коҳиши муносибатҳои иҷтимоӣ мегардад.

Ҳангоме ки чароғи карасиниро дар мадрасаҳои Бухоро даргиронданд ва баъде, ки Мирзоумеди табиб шифохона кушод, наваду се ҳиссаи муллоҳо зиддият нишон дода, онҳоро бастанд (албатта, бештари ин тоифа мефаҳмиданд, ки кори ноҷо, ногуфтанӣ мекунанд. Аммо ба хотире, ки ба чашми амиру вазиру дигарон чун одами худӣ ҷилва кунад, аз ҳақиқат рӯй мегардонданд). Ба андешаи нависанда, имрӯз низ нафарони «лагандбардор» дар ҷомеа дида мешаванд.

Воқеан, андешаи мазкур ҳақиқати талхест, ки ҷомеаи имрӯзи тоҷиконро сари он андеша мебояд кард. Ислоҳи иллати мазкур ногузир менамояд, дар акси ҳол фардо дер хоҳад шуд ва ин нукта мусаллам аст, ки дер ё зуд ҳақиқатро таърих ҳатман рӯйи об хоҳад баровард.

Муаллифи асар дар муқобили ноадолатиҳои замон ором истодан намехоҳад. Авзоро ба таври дигар дидан мехоҳаду бо баёни воқеӣ хоҳони он аст, ки дар ҳаёт он хатоҳо дигар роҳ наёбанд. Фаъолияти амалдоронро танқид менамояд ва кӯшиш менамояд, ки муҷиби нобасомониҳои рӯзгор гаштани онҳоро нишон диҳад. Оҳанги публитсистии асар дар ин маврид дар чунон тариқи баён ҳам ифода меёбад, ки нависанда даҳшатбор ва дар бисёр ҳолатҳо зидди мардуми одӣ будани равандҳои сиёсии даври амириро маҳкум мекунад.

Яъне, ҳадаф некиву бадӣ нест, балки одамони неку бад аст. Барои ҳамин ҳам тасвиру баён ба он замон наздик карда мешаванд.

Албатта, тасвирҳо тибқи талаботи адабиёти бадеӣ ва бо риояи қонунмандиҳои ҳунарии он сохта шудааст, вале вай ҳақиқати умумии замонро аз нав барқарор мекунад, сохта ва образ буданаш маълум намешавад, ҳар он чи дар он замонҳо ба вуқуъ пайвастааст, ба ояндагон гуфта мешавад.

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки дар романи «Ҳайҷо» ҳам дар тасвирҳо, ҳам дар андешаҳо, ҳам дар муқоисаҳо бисёр ҳолатҳое ҳастанд, ки ба таври сирф бадеӣ шарҳ додан душвор аст, зеро онҳо руҳан ба насри мустанад мутобиқанд. Пас, дар ин роман омезиши сареҳи дарк ва тасвири адабии воқеияти зиндагӣ мавҷуд аст ва дарки адабӣ на ҳамеша ба бадеият, балки дар бисёр ҳолатҳо ба рӯҳи публитсистӣ такя мекунад.

Масъалаҳое, ки ба оҳанги публитсистӣ майл доранд, гуногун буда метавонанд. Дар баъзеи онҳо возеҳияти публитсистӣ ба назар мерасад. Дар баъзеи дигарашон бошад, танҳо ҳолатҳое мавҷуданд, ки онҳоро ҳамчун публитсистика шинохтан мумкин аст. Яъне, зоҳиран ба адабиёти бадеӣ мутааллиқанд ва онҳоро адиб офаридааст, вале боз онҳо воқеаи ҳаррӯзаи зиндагиянд ва рӯҳи публитсистӣ мегиранд. Ва агар кас хоҳад, ки он таълифотро ба ҳаёт муқоиса кунад, таърихи ҳамон замон ва давраро суроғ мекунад ва ин гуна воқеаҳоро бо солу номҳои воқеӣ пайдо карда метавонад.

Асар ба дарди тамоми мардуми Осиёи Миёна, аз ҷумла, тоҷикон мехӯрад. Дар он азобу азияти тоҷикон аз дасти амирони манғит, ёварони онҳо, муллоҳои ҷоҳилу истилогарони давлати подшоҳии рус инъикос ёфта, сарчашмаҳои пайдоиши ақидаҳои озодихоҳӣ, истиқлол дар байни мардум инъикос ёфтааст.
Дар ҳамаи қисматҳои асар мустанадият равшан ба назар мерасанд. Муаллифи асар аз забони қаҳрамононаш сухан ронда ба ҳақиқати воқеаҳо бовар доштанро баён кардан мехоҳад. Барои ӯ исбот ҳам вуҷуд дорад. Андешаҳои солим фикрро пурра месозанд.»Ҳайҷо» аз нигоҳи мавзуъ, замони инъикоскардааш, ҳатто масъалаҳои ба миёнгузоштааш аз асарҳои дигаре ки адибони тоҷик дар замони муосир эҷод кардаанд, ба куллӣ фарқ мекунад.

Яке аз масъалаҳои бисёр душвор ва ҳалталаби насри мустанад дар он аст, ки адабиётшиносон ва публитсистон дар фаҳм ва дарки мафҳуми публитсистика на ҳамеша ҳамфикр ҳастанд. Онҳо ақидае доранд, ки моҳиятан соҳаи худро бартарӣ медиҳанд ва ё чизеро ба вуҷуд овардан мехоҳанд, ки ин ҳамеша воқеияти эҷодиро ифода мекунад. Муҳаққиқони публитсистика, тавре чанд маротиба дар рисола таъкид шуд, публитсистикаро ҳамчун як соҳаи алоҳида ва хоси эҷод шинохта, онро ба сиёсат наздик гузоштаанд ва инъикоси ҳаёти иҷтимоиро вазифаи он дониста, ҳақиқатофариро вазифа ҳисоб кардаанд. Дарки ин асл ба мо имкон медиҳад, ки дар адабиёти бадеӣ ҳам ҷойи публитсистикаро муайян намоем. Ин чунин маънӣ дорад, ки дар адабиёти бадеӣ баъзан оҳангҳои публитсистӣ басо пурқувват мушоҳида мешавад.

Фаҳму дарки оҳанги публитсистӣ ва муайян кардани ҷойи он дар таҳқиқоти олимони хориҷа, аз ҷумла дар таълифоту Е. Журбина ва Е. Прохоров мавқеи басо муносиб дорад. Бе дарки ин масъала дар бораи муносибати адабиёти бадеӣ ба публитсистика сухан рондан кори душвор ва ҳатто ғайриилмӣ менамояд.

Ҳамин тавр, муайян кардани хусусияти хоси асари Ӯрун Кӯҳзод «Ҳайҷо», бахусус ошкор намудани оҳанги публитсистии асар чун романи таърихӣ дар он аст, ки он на танҳо ба воқеияти зиндагӣ такя мекунад, балки ба замон баҳо додан низ аз хостаҳои муаллиф аст. Дар ин маврид муҳаққиқ М. Нарзиқул андешаҳои ҷолиб дорад. Ба андешаи ӯ нависандагон бо такя ба таҷрибаи эҷодӣ ва тахайюли бадеӣ тавонистаанд, ки бозтобе ҷомеътар аз зиндагии иҷтимоиро, ки худ аксар бевосита ва дар баъзе ҳолатҳо бавосита шоҳид будаанд, бо ироаи типпҳои мушаххас дар асарҳояшон бигунҷонанд. Аз ин ҷиҳат, ин асарҳо бо ҷомеа робитаи мустақим доранд; дар онҳо ҷузъиёт низ пайванди мустақиме бо воқеияти замон дорад [55, с.97]. Ба қатори ин гуна асарҳо муҳаққиқ романи «Ҳайҷо»-ро низ шомил намудааст.

Тавре аз гуфтаҳо ва мисолҳои оварда маълум мешавад, ҷанбаи публитсистии романи «Ҳайҷо» ниҳоят қавӣ аст ва ҳамин чиз арзиш ва қимати асарро дар адабиёти бадеӣ дучанд мегардонад. Ба гуфти муҳаққиқ Қ. Рустам, ин

асарро бояд ҳар як тоҷик мутолиа намояд: «Романи «Ҳайҷо», ки хонандаро ба андешидан водор мекунад, аз китобҳоест, ки бояд дар рӯйи ҷилдаш навишт; инро бояд ҳама хонад» [55, с.41].

Муваффақияти романи Ӯрун Кӯҳзодро тозагӣ ва барҷастагии мавзуъ ва мундариҷаи ғоявию бадеии он, зиндаву воқеӣ будани образу характерҳои он, тарзи тавсир ва сабки баёни мувофиқ таъмин намудааст. «Ҳайҷо» аз зумраи он романҳои таърихиест, ки дар он солҳои ҳукмронии амирони манғит, камбудӣ ва дардҳои бемарҳами воқеияти таърихии халқи тоҷик аз назари танқидӣ ва ба таври фошофош ба таҳқиқ омадааст.

Нависанда дар роман воқеаҳои сад соли охири миллати тоҷикро овардааст, ки ҳанӯз таърихнигорон онро пурра нагуфтаанд. «Ҳайҷо» аз сар то охир ягон ҷумлаи беасос надорад. Ҳамаи гуфтаҳо дар асоси ягон факт ё далеле оварда шудаанд. Дар ин хусус худи нависанда дар мусоҳибааш иброз медорад, ки барои навиштани ин роман 15 сол сарф намудааст ва барои омӯхтан ва дақиқ намудани воқеаҳо ҷӯстуҷуҳои зиёд намудааст. Нависанда бо далелҳое, ки дар рисолаҳои Аҳмади Дониш ва Садриддин Айнӣ инъикос гардида буданд, қаноат надорад, балки бевосита ба шаҳрҳои Ленинград, Самарқанд ва Бухоро сафар карда маводи фаровон ҷамъоварӣ менамояд. «Солиёни зиёдро пайи омӯзиш сипарӣ намудам. Дар ҷараёни омӯзиш маълумоти хеле зиёд ба даст омад. Аз маълумоти фаровон оид ба зиндагии шахсони одӣ ва табақаҳои болои ҷомеа бархурдор гардидам. Сипас шуруъ намудам ба таълифи роман» [180, с.7].

Дар ин роман вазифаи нависанда тарзи баён ва чида гирифтани фактҳои лозима мебошад. Ин нуктаро худи нависанда низ дар яке аз суҳбатҳояш, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҷой дода шудааст, чунин арзёбӣ менамояд: «Дар «Ҳайҷо» ягон ҷумлаи аз андешаи ман бофташуда нест, ҳамаи ҷумлаҳо асоси таърихӣ доранд ва бемақсад навишта нашудаанд» [205, с.1].

Ҳамин тавр, дар романи «Ҳайҷо» воқеияти замони муосир бо тамоми маҳорат мавриди тасвири воқеӣ қарор гирифтааст. Дар ин асар нависанда таҳқиқи як асри пуршӯру пур аз воқеаҳои бузургро ба уҳда гирифтааст. Адиб тамоми ноҳақиву ноадолатиҳои замонро ба таври воқеӣ ва рӯҳи иҷтимоӣ баён

намудааст. Ӯрун Кӯҳзод дар таълифи романи «Ҳайҷо» на танҳо ба эҳё ва ҳифзи як давраи фоҷеабори таърихи тоҷикон саъй карда, балки талош кардааст, то ба умқи воқеияти иҷтимоӣ ин давраи мураккаб бирасад. Аз ин назар асар аз ҷиҳати фарогири замон таърихӣ буда, вале муҳити он ба имрӯз ва фардо нигаронида шудааст.

Аз ин рӯ, романи «Ҳайҷо» романи таърихии пурбор буда, дар насри бадеии тоҷикӣ сафҳаи ҷадиде мебошад, ки гузашта аз ҷанбаҳои адабию ҳунарӣ, заҳмати таълиф, корбасти маводи таъоих, зинда гардонидани ном ва кору пайкори милдлати тоҷик, ки бо ҳукми тақдир ба ғурбат афтодааст, ки саропо созандаю омӯзанда мебошад, бо рӯҳияи саршор аз меҳру муҳаббат офаридани асари ҷолиб, аҳаммияти тарбиявӣ ва ба ин восита гузоштани саҳми муҳимме дар зинда гардонидани ҳофизаи таърихии миллат имтиёз дорад.

БОБИ II

ВИЖАГИҲОИ МАВЗУӢ ВА ЖАНРИИ НАСРИ МУСТАНАДИ ЎРУН КӮҲЗОД

Дар асри XX дар сарзамини Осиёи Миёна, аз ҷумла Тоҷикистони имрӯза, воқеаҳои иҷтимоӣ ва сиёсии бисёре ба вуқуъ пайвастаанд, ки ин воқеаҳо ба мундариҷа ва шаклу ифодаи асари бадеӣ низ таъсири худро расонд. Адибон дар баробари эҷоди ҳикоя, повест ва роман боз ба таълифи очерк, фелетон, памфлет, эссе, мақолаҳои публитсистӣ рӯ оварданд, ки аз нигоҳи шакл ва хусусиятҳои шаклӣ нав мебошанд. Баъдҳо дар насри тоҷик «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ ва «Субҳи ҷавонии мо»-и С. Улуғзода барин асарҳои калонҳаҷм пайдо шуданд, ки дар онҳо имкониятҳои нави насри мустанад мушоҳида мешавад ва ба қавли М. Шакурӣ, А. Сайфуллоев, С. Табаров, С. Брагинский барин мунаққидон дар асарҳои мазкур образнокӣ, ҳуҷҷатнокӣ ва баёни илмии саргузашти одамону воқеаҳо ба якдигар печидаанд.

Дар солҳои 70-80 насри мустанад дар адабиёти тоҷик дар эҷодиёти М. Миршакар, Ф. Муҳаммадиев, Р. Ҷалил, А. Шукӯҳӣ, С. Улуғзода, П. Толис, А. Сидқӣ, М. Наҷмиддинов ва чанде дигарон беш аз пеш мавқеъ пайдо кард, ки дар мундариҷа ва шакли осори адибон равшан ба назар мерасад.

Композитсия, сохтор ё бандубасти асари бадеӣ ё публитсистӣ дар ифодаи мавзуву муҳтаво нақши калон мебозад. Ягонагӣ ва тамомияти асар ба бандубасти он марбут мебошад. Дар мавриди бандубаст ва муҳтавои асари бадеӣ адабиётшинос М.С. Имомзода навиштааст: «Бандубаст ва сужет аз рукнҳои муҳим ва лузуми ҳатмии асари бадеӣ маҳсуб мешавад. Чигунагии бандубаст ва интихоби сужа ба ҳунар ва камолоти эҷодии нависанда вобаста буда, арзиш ва муассирии асари бадеӣ ба натиҷаи он алоқаманд аст» [88, с.129].

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки барои офаридани асари мустанад ва умуман, барои эҷоди дилхоҳ асар пеш меояд, ин интихоби мавзуъ аст. Ба андешаи бархе аз адабиётшиносон, мавзуи асар ё нигоштаҳо пас аз муддатҳо

куҳна хоҳанд шуд, вале ба ақидаи Ӯрун Кӯҳзод мавзуъ вобаста ба сатҳу дараҷа куҳнашавӣ надорад, зеро мавзуъ аз ҳаёти одам бармеояд ва ба монанди насли одамӣ куҳнашавӣ надорад. Фақат ҷойи амал, хусусияти мавзуъ, доираи ҷаҳонфаҳмии қаҳрамон куҳнашаванда асту бас. Аз ин рӯ худи мавзуъ наметавонад куҳна ва нав бошад. Гап сари он нест, ки нависанда кадом мавзуъро интихоб кардааст, балки гап сари он аст, ки ӯ дар мавзуи интихоб кардааш чиҳоро дидааст, аз кадом нуқтаи назар ба он наздик шудааст ва ниҳоят онро чӣ тавр ҳал кардааст.

Маҳз тарзи ҳалли мавзуъ дар кадом поя истодани муаллифро нишон медиҳад ва шуҳрати адабиёт низ дар ҳамин маврид маълум ҳоҳад шуд, ки нависанда кадом ҷараёни сиёсиро хайрхоҳ аст. Монанд ба ҳамин мавзуъҳои тасвирнашаванда низ нест. Ҳама ҷиҳати зиндагӣ лоиқи тасвир аст.

2.1. Мавзуъ ва муҳтавои осори публитсистии адиб

Ӯрун Кӯҳзод нигорандаи авзои рӯз мебошад ва ин авзо даҳҳо паҳлуҳову самтҳоро фаро мегирад. Иқтисодиёт, сиёсат, фарҳанг, иҷтимоиёт ва амсоли ин мавзуҳоест, ки нависанда пайваста ба онҳо рӯ меорад. Муаллиф чун як таҳлилгари фаъол масъалаҳои мубрамро ба таври ҳамеша бо назари таҳқиқиву мушоҳидаи худ назорат карда метавонад.

Китоби «Гардани ғам бишканед» аз зумраи он асарҳоест, ки ба мавзуъҳои муҳимми сиёсиву иҷтимоӣ бахшида шудааст. Ин асар соли 2018 ба табъ расида, аз се қисм иборат аст: мақолаҳои публитсистӣ, асарҳои бадеӣ ва ҳаҷв, аммо ҳамаи инҳо якдигарро аз лиҳози масъалагузорӣ пурра мекунанд. Самти асосие, ки нависанда дар ин маҷмуа ба риштаи тасвир ва таҳлил кашидааст, чанд масъалаи муҳимму бунёдии адабиётро дар бар мегирад. Пеш аз ҳама, ватандорӣ, хештаншиносӣ, ҳувияти миллӣ, донистани таърихи халқи худ, пос доштани бузургон, ки барои миллату Ватан хидмат кардаанд, мебошад.

Нахустин мақола «Садриддин Айнӣ (1878-1954) таҳқиқот не, ташвиқот» номгузорӣ шудааст. Ин мақола дар шумораи №1 январи соли 2018-и маҷаллаи «Дин ва ҷомеа» бо номи «Садриддин Айнӣ – Қаҳрамони Тоҷикистон» низ нашр шудааст. Назари Ӯрун Кӯҳзод ба осору шахсияти асосгузори адабиёти муосири тоҷик гуногунпаҳлӯ ва бисёрҷабҳа мебошад. Аз мақолаи мавриди назар, пеш аз ҳама, ранҷу машақат ва муборизаҳои ҷавонмардонаи устод Айнӣ маълум мегардад. Ба андешаи нависанда Садриддин Айнӣ аз синни хурди бо мушкилоти замон рӯ ба рӯ шуда, ҳеҷ гоҳ аз он рӯҳафтода нашудааст ва барои ободиву осоиштагӣ ҳамеша мубориза намудааст. Новобаста аз бесарусомониҳо, зулму истибдод С. Айнӣ дар пайи омӯзиш буда, дар дил орзуҳои нек мепарваридааст. «Панҷ сол боз Садриддин дар Бухоро дар мадраса мехонд. Дар ин солҳо, дар зиндагии вай рӯзҳои хуш кам буд. Бисёрии рӯзҳо ба сахтӣ ва муҳтоҷӣ гузашт. Сарпаноҳ на ҳамеша ёфт мешуд. Хӯрду хӯрок на ҳамавақт муҳайё мегардид... Бо вуҷуди ин ҳама ташвиш ва таку дав, Садриддин дарсҳоро

сари вақт тайёр мекард, қафо намепартофт, сарсарӣ намехонд, ба маъноях фурӯ мерафт» [50, с.11].

Ӯрун Кӯҳзод аз хизматҳои устод Айнӣ мисолҳо оварда, ҳамватанонро водор мекунад, ки мисли Садриддин Айнӣ миллату Ватанро дӯст доранд, таърихи худро омӯзанд ва барои миллату Ватан Айнивор хидмат кунанд. Дар мақола, махсусан, меҳнату талоши Садриддин Айнӣ барои пойдор ва зинда нигоҳ доштани забони миллати тоҷик баррасӣ гардидааст. Нависанда, дар тасвири С. Айнӣ, бо вуҷуди сахтиҳо манфиати миллатро аз манфиати худ боло дониста барои босавод шудани насли наврас мубориза намудааст, ки он ҳама дар мақола ҷой дода шудааст. Нависанда ҳамаи хизматҳову машақатҳои устод Айнӣро иброз намуда, бори дигар собит месозад, ки Садриддин Айнӣ бесабаб Қаҳрамони Тоҷикистон нашудааст ва дар охир менависад: «Қаҳрамонӣ аз ин боло намешавад» [50, с.22].

Дар ҳақиқат, зиндагӣ ва масъулияти шаҳрвандии шахсоне ба монанди Садриддин Айнӣ ба хонанда дарси ибрат шуда метавонад. Тамоми офаридаҳои нависанда хусусияти таълимию тарбиявӣ дошта, хонандаро ба роҳи дуруст ҳидоят менамоянд. Одамони қушбегӣ ба тахтапуштаи устод Айнӣ ҳафтодупанҷ чӯб зада, ӯро ба зиндон мепартоянд, бо вуҷуди ин ҳама захмҳо устод аз хизмат кардан ба мардум даст намекашад ва то қувват дошт, барои ободии марзу бум, зинда нигоҳ доштани забони тоҷикӣ ва миллати тоҷик мубориза бурд: «Баъди чор сол, соли 1924, масъалаи тақсимоти миллии Осиёи Миёна пеш омад. Туркпарастон ба воситаи матбуот, идораҳои давлатӣ ва раисони маҳаллаҳо ташвиқот мебурданд, ки дар Бухоро, Самарқанд, Тошканд ва Фарғона тоҷик нест. Тоҷикон бо далелҳо аз забон, илм, адабиёт ва таъриху ҷуғрофия ҷавоб медоданд, ки даъвоятон асос надорад. Таърихро намедонед.

Дар майдони ин мубориза Садриддин Айнӣ дар сафи пеш меистод. Вай мақолаҳо менавишт. Китобҳо менавишт. Нашр шудани рӯзномаи «Овози тоҷик»-ро ҳамчун як муваффақият дар ин роҳ медид» [50, с.101]. Ҳамин тариқ, дар мақола самимияти адиб ба ҳунармандону адибон, хусусан, ба устод Айнӣ барҷаста ифода гардидааст.

Муҳаққиқи рус Е. П. Прохоров оид ба масъулияти шаҳрвандии эҷодкорон муҳокима ронда қайд мекунад, ки: «Масъалаи масъулияти шаҳрвандӣ ботинан мураккаб аст. Моҳияти он дар идрок ва кӯшиши босамари паҳн намудани манфиатҳои умумимиллӣ, майлнокӣ ба ҳалли масъалаҳои минтақа, мамлакат ва ҷаҳон, ба манфиати ҳамаи шаҳрвандон ва кулли инсоният мебошад» [142, с.101]. Агар аз ҳамин нуқтаи назар ба осори публитсистии Ӯрун Кӯҳзод, аз ҷумла ба мақолаҳои нависанда баҳо диҳем, дар ҳар кадоми онҳо масъулияти шаҳрвандии муаллиф баръало эҳсос мешавад.

Ба ин монанд, Ӯрун Кӯҳзод ду мақолаи дигар навиштааст, ки ба шахсиятҳои шинохтаи миллати тоҷик бахшида шудаанд. Дар ин мақолаҳо масъулияти шаҳрвандии муаллиф равшан мушоҳида мешавад ва барои насли ҷавон намунаи ибрат аст. Дар мақолаҳои «Адиб ва замон» (2002) ва «Муодили адабиёти асил» (2002) зиндагии шоиста, пурихтилоф ва шарафмандонаи нависанда Сотим Улуғзода инъикос гардидааст. Ӯрун Кӯҳзод аз хислатҳои ҳамидаи Сотим Улуғзода ва фоҷиае, ки нимаи дуюми солҳои шастуми асри гузашта ба сари ӯ омада буд, ҳамзамон доир ба мероси гаронарзиши нависанда ёдовар шудааст. Мақолаҳои зикршударо муҳаққиқ А. Абдуҷабборов повести олиҷаноб дониста чунин баҳо додааст: «Ин ду мақоларо камина (Абдуғаффор Абдуҷабборов – К.Ҳ.) рамзан ҳамвазни ду ҳикоя ё ду повести олиҷаноби адабӣ мепиндорам, зеро устод Сотим Улуғзода, ки чеҳрааш нури хосса ва ҳолаи равшан дошт, аз болои худ ва аз болои нобасомониву маҳдудиятҳо ё беадолатиҳои замона ва сиёсати даврон ғалаба карда, ба рағми ҳама зарбаҳои тақдир инсони пуршараф, адиби нотакрор монда, осори гаронарзишро мерос ба ояндагон гузоштааст» [55, с. 76].

Мақолаҳои Ӯрун Кӯҳзод маҳсули муҳаббату арҷгузорӣ ва кӯшишу талоши ҷиддиву арзанда бобати ба вуҷуд овардани портрети нависандаи забардаст Сотим Улуғзода мебошанд. Шинохт дар заминаи эътиқод ва эътироф ба вуҷуд меояд. Эҷодкори асил ҳамеша аз пайи тасвирҳои ҷовидонӣ мегардад, то ки худ миёни алоқамандон ҷовидон боқӣ монад. Дар ин ҷода Ӯрун Кӯҳзод то андозае муваффақ гардидааст. Муаллиф дар мақолаи «Адиб ва замон» мисли

дигар адибон сарнавишти Улуғзодаро бо дигар шахсиятҳои шинохта омезиш намедиҳад, балки қисмати нависандаро, яъне фоҷиаи ба сари ӯ омадаро ба қисмат ва фоҷиаи забони тоҷикӣ тавъам медонад: «Дар таърих мардоне ҳастанд, ки аъмоли онон ҳаммонади аъмоли осорашон аст. Муаллим Сотим Улуғзода аз ҷумлаи чунин мардон буданд ва тақдирашон ба тақдири забони тоҷикӣ, ки яке аз аввалин ва асоситарин нишонаи миллат аст, шабоҳати қавӣ дорад. Ҳар гоҳ сухан аз салосат, аз ғунҷоиш ва савти калом меравад, машаққати таҳрири Сотим Улуғзода пеши назар меояд. Ва ҳар гоҳ, ки сухан аз мавқеи мақоми Сотим Улуғзода меравад, пеш аз ҳама, вазъи забони мо дар тӯли ҳаштод соли охир арзи вуҷуд мекунад» [49, с. 176].

Ӯрун Кӯҳзод Сотим Улуғзодаро ҳамчун як шахси масъулиятшинос медонад. Ба андешаи ӯ, Сотим Улуғзода дар ҳама ҳолат новобаста аз тақозои вақт забони тоҷикиро аз ҳар гуна олоишҳо пок нигоҳ доштааст. Ин масъулиятшиносии Сотим Улуғзода ва фаъолияти адабии ӯро муаллиф мактаби бузурги омӯзиш ва шоистаи ибрату пайравӣ донистааст: «Ва нек мулоҳиза бикунем, рӯшан мешавад, ки дар ин асри ҳардамбарҳам забон адибро ба камол расонидааст ва адиб забонро аз ҳама гуна олоишҳо муҳофизат кардааст» [49, с. 176].

Фаъолияти адабии Сотим Улуғзода дар асри бист дар муҳити забонӣ оғоз гардидааст, ки он замон барои эҷоди асар хеле душвор буд. Ва дар ҳамин айём пеш аз таълифи романи «Фирдавсӣ» дар доираҳои адабӣ маълум буд, ки С. Улуғзода дар бораи Сомониён роман менависад. Вале роман нонавишта монд. Боре Ӯрун Кӯҳзод бо Сотим Улуғзода ҳамсуҳбат шуда, пурсон мешавад, ки Сомониён дар чӣ ҳол аст, романро тамом кардааст ё не? Дар ҷавоб Сотим Улуғзода чунин мегӯянд: «Ҳанӯз сар накардаам. Роман дар сарам тайёр, вале ба навиштан сар накардаам. Боз мегӯянд, ки подшоҳро идеализатсия кардаӣ. Сомониёнро дигар хел тасвир карда намешавад» [49, с. 178].

Ӯрун Кӯҳзод бо таассуф аз хусуси бо сабаби эҳтимолии айбдор шуморидан аз ҷониби С. Улуғзода нонавишта мондани роман дар бораи Сомониён сухан мекунад. Ҳамчунин, муаллиф оид ба ҷараёни зиндагии Сотим

Улуғзода дар муҳити «талабот дар доираи тартибот» ва мушоҳидаву мулоҳизаҳои ҷолиби адиб, ки тайи даҳсолаҳо бо асарҳои пурмазмуни худ дили хонандагони наслҳои гуногунро ба даст овардааст, муҳокима ронда, чунин натиҷа мегирад: «Ва ин раҳоӣ, ки ҷониби адабиёти асил мебурд, гурези зоҳирӣ аз мавзуъоти замони ҳозира ва паноҳи ақлӣ ҷустан аз ҳаёти бузургони гузашта буд. Дуруст аст, ки ин иқдом қадами ҷиддӣ ба сӯи адабиёти асил дар қиссаи «Субҳи ҷавонии мо» хеле рӯшан зуҳур кард... « [49, с. 179].

Ӯрун Кӯҳзод ба чунин хулоса меояд, ки ҳама балоҳое, ки дар асри бист ба сари забони тоҷикӣ омад, бо шаклу намудҳои дигар ба сари Сотим Улуғзода ҳам фурӯ рехт. Ҳар санге, ки ба сари забон заданд, бо ғаразҳои дигар ба сари Сотим Улуғзода низ кӯфтанд.

Ӯрун Кӯҳзод дар мақола хидматҳои барҷастаи Сотим Улуғзодаро як як баён намуда бо қатъияти том таъкид менамояд, ки осори Сотим Улуғзода сазовори таҳсину ифтихори миллӣ аст: «Сотим Улуғзода ҳақ дорад ва арзанда аст, ки Куллиёти осораш ба дасти хонанда расад, аз саҳнаи театр ва экрани телевизион драмаҳояш садо бидиҳад ва оромгоҳаш зиёратгоҳ бишавад; хона - музеи ороста дошта бошад ва дар маҷлисҳои ватанхоҳӣ, истиқлол ва ваҳдат, номи ӯ як гӯшаеро зеб бидиҳад» [49, с. 186].

Сотим Улуғзода дар қатори дигар адибони шинохтаву маъруфи адабиёти давраи нави тоҷик дар ҳаёти фарҳангии ин халқ хизмати бузургеро ба сомон расонидааст. Нафаре, ки бузургони адабу фарҳанги тоҷикро дар асарҳояш зинда мегардонад, бояд худ баландҳиммат ва бузург бошад ва Сотим Улуғзода дорои ҳамин гуна хислатҳо буд.

Ба назари муҳаққиқ А. Абдуҷабборов, ҳангоми мутолиаи ҳар ду мақолаи Ӯрун Кӯҳзод хонанда дарк менамояд, ки эҳтимол Сотим Улуғзода ба ганҷинаи ниҳони таърих такя оварда медонист, бо дилу ҷон ҳис мекард, ки таърих, адабиёти асил бар дӯши ӯ рисолати хосеро гузоштаанд ва адиб ба ҷуз босубот, пурсамар, бо маҳорати том адо намудани он дигар илоҷе надорад.

Ҳамин тавр, Сотим Улуғзода яке аз поягузорони худшиносию худогоҳӣ, ифтихори миллӣ мебошад. Зеро ӯ тавонистааст, ки дар симо, гуфтору рафтор ва

кирдори образҳои таърихиаш башорати ваҳдати миллӣ, ифтихор аз миллат, истиқлолталабӣ, эҳсоси шинохти корнамоиҳои ниёгонро ҷуста, дар шакли бадеӣ пешкаши хонандагон намудааст. Ӯрун Кӯҳзод бошад, он саҳифаҳои рӯзгори пуртазоди Сотим Улуғзодаро бо меҳр бозгӯй кардааст. Сотим Улуғзода аз нигоҳи Ӯрун Кӯҳзод чун шахсияти ватандӯсту хештаншинос ва адибе ки асолати адабиётро дар хидмат ба мардум медонад, шинохта шудааст. Ин аст ки мақолаҳо бо як самимияти хоса нисбат ба шахсият ва осори Сотим Улуғзода таълиф гардидаанд ва нависанда ба хонанда тавассути мақолаҳои хеш дарси ибрат медиҳад.

Ӯрун Кӯҳзод дар тамоми мақолаҳояш ба таълиму тарбияи насли наврас эътибори ҷиддӣ додааст. Нависанда мехоҳад, таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ бо усулҳои нави ба мақсадҳои истиқлол мувофиқ ба роҳ монда шавад. Ин мавзуъро дар мақолаи «Фарҳанги ватандорӣ», ки дар китоби «Гардани ғам бишканед» ва дар маҷаллаи «Дин ва ҷомеа» (шумораи №9, №10-и соли 2017) чоп шудааст, матраҳ намудааст. Дар мақола таъкид мешавад, ки: «Имрӯз ба мо ва ба истиқлоли навраси мо усули таълиму тарбияте даркор ва зарур аст, ки хислатҳои ноустуворӣ, заифнолӣ, гӯшанишинӣ, оҷизӣ ва бечорагиро бишканад, дур андозад ва ба хона, ба кӯча, ба бозор, ба мактаб ва ба минбар роҳ надиҳад» [50, с.42].

Аз ин гуфтаҳои адиб бармеояд, ки таълиму тарбияи насли наврас на танҳо бар зиммаи мактаб аст, балки тамоми сохторҳо вазифадоранд, ки насли наврасро дар руҳияи ватандориву фарҳангдӯстӣ тарбия намоянд. Нависанда чунин андеша дорад, ки мардуми тоҷик бояд ҷасуру тавоно бошад ва аз ҳамаи вазъиятҳои душвор ба воситаи донишу малакаи воқеӣ баромада ба сӯйи фардои дурахшон қадамҳои устувор гузоранд. Аҳли ҷомеаро лозим аст, ки новобаста дар кадом сохтор фаъолият намуданашон ба таълиму тарбияи насли наврас эътибори ҷиддӣ диҳанд. «Имрӯз дар хона, дар кӯча, дар бозор, дар минбар, дар мактаб, дар маҷаллаву рӯзнома, дар радиову телевизион ва дар адабиёту театру кино, тарғибу ташвиқ ва таълиму тарбияте шарту ногузир аст, ки ба мақсадҳои истиқлол мувофиқат бикунад, насли сарбаланд, ба душвориҳо тоқатовар, ба

андешааш устувор, дар майдон мардона, дар кор фаъол, дар ҳаёт чӯянда ва аз худаш дилаш пурро ба воя расонад» [50, с.42].

Нависанда дар мақола ба таърихи халқи тоҷик назар намуда, дирӯзро бо имрӯз муқоиса менамояд. Ба андешаи ӯ фарҳангиёни имрӯза бояд гузаштаи худ, фарҳанги ғании аҷдоди баруманди худро омӯзанд ва ба он арҷ гузоранд: «Дар аввал, руҳияи мардуми мо руҳияи фарҳангандӯзӣ буд. Падидаҳои фарҳангиро пос медоштанд, ғун меоварданд, ҳифз мекарданд, зам менамуданд, истифода мебурданд ва баҳра мебардоштанд. Ба чор унсури ҳаёт муомилаи оқилона доштанд. Кишоварзӣ, боғдорӣ, чорводорӣ, тиббу табобат ва забону адабиёт сайқал меёфт, асбобаш беҳтар аз пештар мешуд. Олимону адибони шуҳратёр дар ҳамин замина таълиму тарбият мегирифтанд ва ба камол мерасиданд ва фарҳангро ғанӣ мегардониданд» [50, с.25].

Мақсади нависанда аз таълифи мақола дар он аст, ки насли наврас бояд мисли гузаштагони худ дар пайи ободиву осудагии миллат бошанд. Бештар илм омӯзанд, аз таърихи халқи худ огоҳ бошанду ватани хешро дӯст доранд ва барои ободии он бикӯшанд. Ӯрун Кӯҳзод таъкид менамояд, ки ҳамаи ободкориву созандагӣ дар заминаи хондан ба вуҷуд меояд ва чунин менависад: «...Хондану тавонистане ҳаст, ки рӯ ба тараққиёту пешравӣ дорад ва одамро шариф медонад ва даъват мекунад, ки ҷаҳонро обод ва шаҳрҳоро маъмур ва хоку оби заминро покиза нигоҳ дорад. Чунин хонишу тавон созанда аст ва одамро одамгарӣ ёд медиҳад ва ба рӯзҳои беҳбудӣ мерасонад ва фарҳанги милливу ватандориро обутоб медиҳад...» [50, с.40].

Ҷустуҷӯҳои адиб аз ҳаёти иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеа сарчашма мегирад. Ӯрун Кӯҳзод мавзуъҳоеро интихоб менамояд, ки ба тарбияи насли наврас мусоидат мекунад. Навиштаҳои ӯ ба хонанда панд медиҳад ва ӯро ба ҳушёрӣ, масъулияттшиносӣ ва созандагӣ ҳидоят менамояд.

Нависанда ҳамеша дар пайи беҳбудии зиндагии ҷомеа аст ва талош бар он дорад, ки ҷавонон ба хондан бештар завқ пайдо намоянд. Яъне, китобдӯстдор бошанд. Ба андешаи ӯ агар инсон китобхон бошад, умуман, дониши хуб дошта бошад, барои ободии ватан саҳми арзанда мегузорад.

Нависанда ба он ақида аст, ки инсон набояд дар тарсу ҳарос зиндагӣ кунад, балки ҳамеша дар пайи ҷустуҷӯву навоварӣ бошад. Ин гуфтаҳо моҳияти мақолаи «Дастархони солорон»-ро ташкил медиҳад. Дар мақолаи зикршуда нависанда боз ба мавзуи таълиму тарбия рӯ меорад. Муаллиф бар он аст, ки барномаи таълимиро дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ бояд нав кард ва онро бояд мутахассисони ботаҷрибаи рӯҳи пуркуввати миллӣ дошта нависанд.

«... Ва ин дастархон пур аз бозёфти дастовардҳои худӣ бошад, Миллат аҳлу асил ва Давлат қавиву қодир мешавад» [50, с.80]. Мақсад аз ин гуфтаҳо он аст, ки дар муассисаҳои таҳсилот таълим дар асоси мавзуъҳои ба асолати миллӣ ва ифтихори ватандорӣ ҳидояткунанда ба роҳ монда шавад. Дар натиҷа мероси ниёгон низ аз байн нахоҳад рафт ва миллату давлат устувору пойдор хоҳад монд.

Насри мустанади Ӯрун Кӯҳзод, аз ҷумла мақолаҳои «Савту калом», «Мо ҳама қарздорем», «Баракати кор – аз интизом», «Камоли суханвар», «Фоизҳои бефайз», «Сухан аз боби ҳаҷв», «Ҳикоёт аз таърихи адабиёт», «Нагуфтан не, гуфтан беҳтар», «Қадри сухан», «Агар салоҳе мехоҳем...» ва ғайра сухани наву муассир, муҳокимаву таҳлили ҷолибу шавқангез, пешниҳоди судбахш ва дорои арзишҳои иҷтимоӣ буда, хонандаро ба андеша ва масъулияттшиносӣ водор менамояд. Дар ҳар кадом мақолаҳои публитсистии номбурда масъулияти шаҳрвандии адиб баръало эҳсос мегардад. Масалан, дар мақолаи «Қадри сухан» нависанда масъалаи басо муҳимми рӯз – шаффофияти забони асари бадеиро ба миён гузоштааст, ки он танҳо дар омӯзиши собитқадамона, таҳрирҳои пайдарпайи матн ва ба эътибор гирифтани мулоҳизоти устодони сухан амалӣ мешавад. Адиб андешаҳояшро бо мисолҳои ҷолиб, ки худ шоҳиди онҳо шудааст, тақвият бахшида, ба адибон муроҷиат мекунад: «...Не, мо фақат таъкид карданием, ки навиштаҳои мо аз як гӯш даромада, аз гӯши дигар набарояд, балки манфиате расонад. Ман борҳо шоҳиди чунин ҳол шудаам, ки шахсе мақолае ё рисолаеро бо забони тоҷикӣ гаштаву баргашта хонда, чизе нафаҳмида, оқибат нусхаи русиашро ёфта мутолиа кардааст, ки баҳрае

бардорад» [49, с.132]. Бо ҳамин нависанда ҷавонадибонро ба фарогирии забони ноби тоҷикӣ ҳидоят менамояд.

Дар мақолаҳои номбурда муаллиф масъалаҳои доғи рӯзро хеле ҷиддӣ ба миён гузошта, роҳҳои ҳалли онҳоро ба ҷомеа пешниҳод менамояд ва бо ҳамин чун дигар адибон ва публитсистон дар инкишофи ягонагии миллӣ ва руҳи ватандории ҳамватанон саҳми муносиб мегузорад. Дар ин бора муҳаққиқ М. Абдуллоев зикр намудааст, ки: «Ғояи ягонагии миллӣ ва ватанпарвариро бе тарғиботу фаҳмондадиҳӣ ва тавзеҳот инкишоф додан мумкин нест» [56, с.4]. Хусусиятҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии нигоришоти публитсистии Ӯрун Кӯҳзод то ба дараҷаест, ки масъалагузориҳои ӯ дар солҳои шасту ҳафтодуми садаи ХХ ҳоло ҳам аз масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ ба шумор мераванд.

Яке аз онҳо масъалаи забони тоҷикӣ мебошад, ки нависанда аз истифодаи нодурусти он аз ҷониби соҳибони забон изҳори нигаронӣ намудааст. Ин масъала имрӯз низ мавриди омӯзиши забоншиносони тоҷик қарор дорад. Яъне, мавзуе, ки солҳои шастум ва ҳафтодум Ӯрун Кӯҳзод мавриди баррасӣ қарор дода аст, имрӯз масъалаи асосӣ дар соҳаи забон ба ҳисоб меравад.

Албатта, ин мавзуъ дар осори адибони тоҷик мавзуи нав нест. Дар ин бора устод С. Айнӣ мақолаҳои зиёд таълиф намудааст, ки дар онҳо кӯшиши то ҳадди имкон сода кардани забони тоҷикӣ дида мешавад. С. Айнӣ дар яке аз мақолаҳояш ишора мекунад, ки: «Забони авоми тоҷик забонест, ки вайро оммаи тоҷик фаҳмад, дар ҷумлабандӣ, дар ташбеҳҳо, дар киноя ва истиораҳо, дар зарбулмасалҳо ва дар дигар бобатҳо хусусият ва руҳи забони тоҷик риоя карда шуда бошад» [61, с.362].

Муҳаммадҷон Шакурӣ низ дар китоби «Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад» доир ба масъалаҳои муҳимми маданияти сухан изҳори андеша намудааст. Ӯрун Кӯҳзод масъаларо ба таври дигар мехоҳад ҳал намояд. Ӯ дар мақолаи «Савту калом» чунин нигоштааст: «... Дил мехоҳад, ки ҳусни забон аз маврид ба мавриде не, балки ҳамеша – ҳар рӯзу ҳар соат дар муҳокимаи илму адаб бошад; ҳар ибораи хато, ҳар ҳарфи ноҷо, ҳар таркиби вайрону даҳал, ҳар

ҷумлае, ки зоҳиран ба забони тоҷикӣ навишта шудааасту дар асл тоҷикии равон ва фаҳмо нест, сари вақт ба ислоҳ расад» [49, с.134].

Инчунин, дар мақола нависанда ба ҳунари тарҷумонии нависандагон ва ғалат истифода шудани тарҷумаҳо дар васоити ахбори омма низ эрод гирифтааст: «Мушоҳида нишон медиҳад, ки бисёр таркибҳои вайроне, ки мо дар саҳифаҳои рӯзномаҳо мебинем, аз тарҷумаи ҳарф ба ҳарф, аз тарҷумаи калима сар задаанд... Аксари ҷумлаҳо ва таркибҳои вайроне, ки ба назар мерасанд, аз надонистани мантиқи сухан ва маънои калима рӯй додаанд» [49, с.136]. Нависанда дар асоси факту далел ва воқеаҳои муайян фикри умумиро ташаккул додааст.

Мақолаҳои Ӯрун Кӯҳзод аз ҷиҳати шумора зиёд буда, дар онҳо масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ таҳлил шудаанд. Дар бештари мақолаҳои публитсистӣ нависанда ба масъалаи адабиёт ва таърихи он таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Аз ҷумла, дар мақолаи «Ҳикоёт аз таърихи адабиёт», ки дуюми сентябри соли 1978 дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» нашр шудааст, адиб андешаҳои худро доир ба адабиёти пурғановати классикии тоҷик, таърихи таҳаввул ва арзишҳои умумиинсонии он иброз намудааст.

Дар ин мақола нависанда ба адабиёти давраи классикӣ таваҷҷуҳ намуда бошад, дар мақолаи дигар, ки бо сарлавҳаи «Масъалаҳои насри муосир» соли 1988 дар маҷаллаи «Садои Шарқ» интишор шудааст, адиб доир ба адабиёти муосир ва масъалаҳои асосии он изҳори андеша намуда, вазифа ва масъулияти аҳли қалам, махсусан, суханваронро дар ҷомеаи серташвишу пуртазоди даврон нишон додааст.

Мақолаи дигари Ӯрун Кӯҳзод «Агар салоҳе мехоҳем» (2000) диққати хонандаро ба масъалаи забони давлатӣ яъне, забони тоҷикӣ равона месозад. Муаллиф иброз медорад, ки бояд ҳамаи қонуну қоида ва дастурҳо дар забони асл бо забони давлатӣ таълиф гарданд.

Нависанда дар осори публитсистии хеш мавзуъ ва масъалаҳоеро, ки дар ҳамаи давру замон доғи рӯз ба ҳисоб рафта, имрӯз низ ҷомеаро ба ташвиш овардааст, инъикос намудааст. Офаридаҳои Ӯрун Кӯҳзод самти мақсади

маълум дар муаррифӣ кардани якбора чандин симоҳо ба миён омадааст. Адиб боз ҳам дар такя ба услуби писандидааш дар чеҳраи қаҳрамони худ таҷассуми оҳанги рӯзро ба роҳ мегузорад. Зиндагии қаҳрамонон, рафтору хулқи онҳо ва муборизаву талоши ҳар як персонаж дар пайроҳаи мушаххас ба адиб имкон медиҳанд, ки ӯ муносибати худро нисбат ба тамоюли фарҳангӣ ва иқтисодиву сиёсӣ ошкор намояд. Аз ҷониби дигар, ҳунармандиву таҷрибаи муаллиф боис аст, ки ӯ дар ҳама ҳолат қаҳрамони худро дар робитаву алоқамандии қавӣ бо равандҳои иҷтимоӣ қарор медиҳад. Чунин шеваи пуртаъсирии афкор дар такя ба чеҳраҳо мустанадияти навиштаҳои ӯро пайваста баланд нигоҳ медорад. Ин шинохт дар пояи «...воқеияти реалии замон ва ҳақиқати ҳол» [63, с.155] сурат гирифта, ҳодисаҳои солҳои гуногун дар пеши назар ба ҷилва меояд. Ҳамин аст, ки муаллиф дар нишон додани симои ботинии қаҳрамони худ шитоб надорад. Ӯро бештар падидаҳои мусбату манфии муҳиту фазои замонҳо мутаваҷҷеҳ менамоянд.

Лавҳаи «Навбати шумо кай?», ки ҳаштуми феврали соли 1996 дар ҳафтномаи «Маориф ва маданият» нашр шудааст, гуфтаҳои болоро тақвият мебахшад. Нависанда ин лавҳаро ҳикоя ном бурдааст, вале худи адиб дар суҳбат бо хабарнигори маҷаллаи «Садои Шарқ» зикр намудааст, ки мавзуъ ва муҳтавои он бофта набуд, балки ҳаётӣ буд. Дар солҳои шастум чунин анъана вуҷуд доштааст, ки ҷоиза на барои беҳтаринҳо, балки аз рӯи навбат супорида мешудааст ва Ӯрун Кӯҳзод ба ин мавзуъ диққати ҷиддӣ додааст.

Муҳтавои лавҳа чунин аст, ки шахсе дар муассисаи истеҳсолии бозичаҳои кӯдакона кор мекунад. Ин муассиса соле як маротиба маъракаи мукофотдиҳӣ анҷом медиҳад. Мукофот ба пешқадамоне дода мешавад, ки дар кор ва истеҳсол ба худ ҳамто надоранд. Номгӯи пешниҳодшудагонро дар тахтаи эълонҳо зада мемонанд ва коргарон ҷамъ шуда онро хонда, агар номашон бошад, рафта аз шуъбаи мукофотдиҳӣ мукофоташонро мегиранд. «Имсол ҳам ҳамин тавр шуд. Ногоҳ рӯйхати мукофотгирифтагон баромад. Мо анбуҳ шуда, ҳамдигарро тела дода хондем» [7, с.7]. Аммо дар он эълон як номи ношиносро мебинанд. Касе он шахсро намедонист. Хулоса, дар ҷустуҷӯи он шахс

мераванд. Ва дар охир маълум мешавад, ки мукофот на барои беҳтаринҳо, балки аз рӯйи навбат дода мешудааст.

Ҷанбаи танқидӣ ва публитсистӣ дар эҷодиёти Ӯрун Кӯҳзод мақсади ниҳоӣ нест. Вай на танҳо камбудиҳоро мазаммат мекунад, масъалаҳоро ошкоро ва бепарда ба миён мегузорад, дар айни замон ҷузъиёти тасвирро ба он нуқта равона месозад, ки фикри хонандаро ба ҷунбиш орад, ӯро ба тафаккур ва фаъолият ҳидоят намояд. Бинобар ин андеша дар сари рӯйдодҳои зиндагӣ яке аз хусусиятҳои муҳимми осори публитсистии нависанда мебошад.

Танқиду мазаммати камбудиҳои иҷтимоӣ, рафтору амали ашхоси алоҳида аз масъалаҳоеанд, ки Ӯрун Кӯҳзод дар осори публитсистиаш ба онҳо диққати махсус зоҳир намуда, васеъ истифода кардааст. Ӯ дар танқиди норасоиҳои иҷтимоӣ аз тамоми имкониятҳои қаламкашӣ истифода мебарад. Тамоми мавзуъҳои публитсистикаи Ӯрун Кӯҳзод масъалаҳои доғи рӯзро дар бар мегиранд. Асарҳои публитсистии «Тоҷикони имрӯза» (2000), «Тахти равон ва тахтбардорон» (2003), «Ахлоқи воло дафъи бало» (2003) ва амсоли ин аз рӯзгори ҳамарӯзаи халқи тоҷик нақл мекунанд.

Мавзуи асари «Тахти равон ва тахтбардорон» дарди ҷомеаи имрӯзро фаро мегирад. Дар ин асар нависанда ба мавзуи зиндагии пасипардагии ҳокимону ходимонашон, харобиҳои соҳаи кишоварзӣ ва дар баробари ин ситоишҳои бардурӯғи пешравии он аз тариқи расонаҳои хабарӣ назар намудааст. Асари публитсистии мазкур хонандаро маҷбур месозад, ки ба зиндагӣ бо чашми ибрат нигарад, то зоҳири зебову ботини вайронро аз ҳам ҷудо карда тавонад. Ба қавли А.Саъдуллоев, «муаллиф дар ин асар тавлиди инсони навро бо таъсири таърих дар дохили таърих меҷӯяд, худро барои ҳар рӯйдод масъул медонад» [150, с.81]. Мундариҷаи памфлети мазкур зоҳиран бадеӣ ва тахайюлӣ ба назар расад ҳам, моҳияти он аз мавзуоти рӯз гусаста нест. Дар асар симои ду шахс – Ҷавони паҳлавон ва Ходими калон ба тасвир гирифта мешавад. Дар тасвири муаллиф ин ду симо мухталиф буда, хислати ба ҳам зид доранд.

Ӯрун Кӯҳзод дар насри мустанади худ масоили зиндагиро аз паҳлуҳои мухталиф шарҳ додан мехоҳад. Дар тасвири ҷузъиёти характерҳо талоши андак

ба харҷ намедиҳад. Чун ремаркаҳои муаллифию тасвири суханҳои рӯзгор дар ифшои ботини қаҳрамонон кифоят намекунанд, рамзи сухани қаҳрамонон ба имдоди ӯ меоянд. Саҳнаҳои зиндаву воқеӣ ҳамагӣ аз ҳақиқати бепарда ҳарф мезананд ва ручъуҳои публитсистӣ ба ҷараёни хатти сужаи асар дар алоқамандӣ қарор гирифта, ҷаҳони ботинии қаҳрамонон кашф карда мешавад. Муаллиф моҳияти идеологии замонҳоро дарк карда метавонад, ки ин натиҷаи мутолиаву донишҳои амиқи ӯ ба ҳисоб мераванд. Ҳамчун як фарди гузаштаву имрӯзаву ояндаро қиёскунанда ҷараёнҳои ихтилофдоштаро бо хосиятҳои умдаашон ташхис карда метавонад. Афзалият ва нокомии падидаву зуҳуроти муайянро баён мекунад. Ӯ гоҳе фарҳангшинос, гоҳе сиёсатшинос, гоҳе файласуф ва умуман, фарди ҳамабинест, ки ба хонанда аз дидгоҳи хос сухан мегӯяд. Баёни нависанда чунин хосият дорад, ки хонандаро хеле осон муътақид месозад ва образҳои алоҳида барои адиб тимсоли ҳақиқат мешаванд.

Мавзуи асари «Тоҷикони имрӯза» низ инъикосгари норасоиҳои рӯзгори мардум мебошад. Муаллиф хонандаро сари андеша оид ба масъалаҳои муҳимми миллӣ, тақдири Ватан мекашад, ӯро талқин менамояд, ки хатои гузаштагонро бояд такрор накунад, балки неру ва руҳи бузургамонро баҳри аз байн бурдани мушкилоти рӯзгор ва ободу зебо гардонидани диёрамон сарф намояд.

Доир ба ин масъала, яъне, ҳимояи Ватани азиз Тоҷикистон, Ӯрун Кӯҳзод дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ соли 1994 низ андеша намудааст. Ӯ дар китоби «Ҷамъи парешон», ки соли 2004 рӯйи чоп омадааст, ин андешаашро ба ҷои охирсухан ҷой додааст. Адиб дар ин навиштаҷот, ки дар шакли мақола аст, ба тамоми мардуми тоҷик муроҷиат намуда, чунин менигорад: «Ба Шумо муроҷиат мекунам, мардум, Ватанро аз ҳалокат наҷот бидиҳед. Ҳар соат, ҳар рӯз ва ҳар субҳу ҳар шом ба ёд оред ва такрор бикунед, ки «Ҳифзи ҷон воҷиб аст ва ҳифзи Ватан воҷибтар аз он». Ватанро аз вайронӣ нигоҳ доред» [36, с.134].

Нависанда дар осори хеш масъалаи шахс ва ҷамъиятро пеш гузошта, бештар он чизҳоеро, ки дар ҷамъияти гузашта ба инкишофи озодонаи шахсияти

инсон халал мерасонид ва боқимондаҳои он то ҳол халал расонида истодаанд, ба таҳқиқ гирифтааст ва дар роҳи решакан кардани таъсири онҳо ҷидду ҷаҳд дорад. Дар насри мустанади Ӯрун Кӯҳзод падидаҳои гуногуни маҳдудияти назар, ки боиси поймол шудани ҳуқуқи инсон, сабабгори таҳқир дидани ҳиссиёти инсонии вай гардида, дар зиндагӣ бемаҳсадӣ, беиродагӣ ва нотавониву оҷизиро ба миён меорад, бо диққат аз назари таҳқиқ гузаштааст. Ӯрун Кӯҳзод, асосан, он ҳодиса ва воқеаҳоеро, ки ба инкишофи фардияти инсон, ба тараққии ҳамаҷонибаи шахсу ҷомеа мамониат мекунанд, инчунин, боқимондаҳои номатлуби ҷамъияти гузаштаро, ки ба рушду нумуи ҷомеаи инсонӣ дар шароити нави таърихӣ мухолифат доранд, ба муҳокима гирифтааст. Ин андешаҳо дар очеркҳои нависанда бештар ба назар мерасанд.

Мавзуи дигаре, ки аз мадди назари нависанда Ӯрун Кӯҳзод дур намондааст, ин мавзуи зан мебошад. Инъикоси образи зани русто дар маркази асарҳои мустанади нависанда меистад. Дар осори публитсистии ӯ исёни занон, сар бардоштани онҳо бар зидди маҳдудиятҳои бешуморе, ки урфу одат дар роҳи бахту саодати инсонии занон мегузорад, тасвир ёфтааст. Дар эҷодиёти нависанда исёни занон шаклан ва моҳиятан гуногун аст.

Мавзуи исёни зан дар осори мустанади Ӯрун Кӯҳзод хеле фаррох буда, моҳирона тасвир шудааст. Боз як навъи исёни зан дар очеркҳои ӯ ин бо сарбаландии тамом намоён кардани ҳиссиёти поки дили меҳрпарвари худ, бо ифтихор устувор намудани ҳуқуқи инсонии худ мебошад. Чунончи, дар очерки нависанда «Никоҳ бо корд» (ки соли 1972 бо номи «Ишқи нотамом» чоп шуда буд) Санавбар ба ҳамин роҳ қадам гузошт.

Дар очерки «Никоҳ бо корд» сухан аз хусуси «роҳи халосӣ аз таънаву маломати мардум» рафтааст. Нависанда гаштаву баргашта ба ин гуна мавзуъҳо ва масъалаҳои доғи рӯз рӯ оварда, онҳоеро, ки аз гап–гапи бефаросатҳо, аз миш–миши ҳангоматалабҳо, аз айбҷӯиву айбшумории нотавонбинон андеша карда, падидаҳои эҳсосоти начиби инсонӣ ва рафтори принсипиалии мустақилонаи худро маҳдуд менамоянд ё истиқлоли фикрро аз даст медиҳанд, баробар мазаммат кардааст.

Дар ҳақиқат, аз рӯйи гапи мардум зиндагӣ кардан мумкин нест. Мардумон гуногунанд ва ҳар кас ба таври худ фикр мекунад. Ба гуфтаи Хоҷа Ҳофиз, фикри ҳар кас ба қадри ҳиммати ӯст. Аз ин рӯ, ҳар кас худаш бояд як фикру ақидаи муайян, як мақсаду мароми начиб, як этиқоди қавӣ дошта бошад ва аз рӯйи он дар зиндагӣ амал кунад, аз ҷумла фикри дигаронро қабул ё рад намояд.

Санавбар бо ҳама ҷавонӣ дар дил чунин қуввае дошт, ки ба муқобили фикри норавои мардум, бар зидди маҳдудкории тасаввуроти куҳнаи урфӣ бо камоли ҷасорат исён мекунад ва дар роҳи устувор намудани шахсияти худ қадами қатъӣ мебардорад.

Қаҳрамони асари публитсистии «Пули ларзон» Нурбибӣ худро ба дарё мепартояд ва аз зиндагии чӯривор, аз азобҳои тоқатфарсо, хонадоне, ки он ҷо занро канизаки зархарид медонанд, худро раҳо мекунад. Худкушии Нурбибӣ нишонаи ноилоҷӣ, аломати оҷиз мондани ӯ аз мубориза мебошад. Лекин ба ҳар ҳол ин ҳам исён аст, ин ҳам як навъи овози эътироз баланд кардан, сахт маҳкум намудани расму таомули дур аз инсоният мебошад.

Нависанда сабабҳои асосии чунин ранг гирифтани сарнавишти қаҳрамонашро боз дар ҳамон кӯшишҳои маҳдуд кардани ҳуқуқҳои инсон дидааст. Падару модари меҳрубон фарзанди қобил, боодоб ва боиффат тарбия кардан мехостанд, вале қобиливу одобро чунин мефаҳмиданд, ки агар фарзанд андак истиқлол зоҳир кунад, дарди дил гуфтанӣ ва ё норозигӣ карданӣ шавад, мегуфтанд: «ба рӯйи падару модар надав, онҳо бахти туро мехоҳанд». Тамоми «муҳит талқин мекард, ки шарти фарзандӣ дар итоат» аст. «Дилбастагии ғуломона ба хешу табор, тарси содалавҳона аз ғайбату таънаи мардум» дасту пои занро баста медорад ва имкон намедиҳад, ки ӯ қадаме ба хоҳиши дил пеш гузорад. Нурбибӣ ба чунин муносибати ноинсофона, ба чунин муомилаи хориовар ва пуртаҳқир дигар тоқат карда натавониста оқибат ба худкушӣ роҳ медиҳад.

Асарҳои зикршуда як навъ ҷамъбасти ҷустуҷӯю бозёфтҳоеанд, ки нависанда дар нигоштаҳо ноил шудааст. Ва дар ин ҳама осор симои худи муаллиф, мавқеи рӯшани ӯ эҳсос мешавад. Хонанда хуб ҳис мекунад, ки он

ҳама чизе, ки тасвир шудааст – бетафовутӣ, тангназарӣ, кӯтоҳбинӣ ва бемаънавиятии инсону ҷомеа дарди гарони муаллифанд, ӯро орому бетараф намегузоранд. Майли зиёди адиб ба публитсистика аз чунин мавқеи фаъолонаи иҷтимоияш сарчашма мегирад ва агар дар осори соф бадеияш низ ин сифат рӯшан зоҳир шавад, боке надорад, зеро мақсадаш, ки такон додани фикрҳост, ҳосил шудааст.

Метавон гуфт, ки мавзуъҳое, ки нависанда дар солҳои 60-80 мавриди таҳқиқ қарор додааст, имрӯз низ дар ҷомеа аҳёнан дида мешаванд. Имрӯз низ ҳастанд оилаҳое, ки ба зан эҳтиром намегузоранд. Ҳарчанд ки мақоми зан дар шароити давлатдории имрӯза ба боло бардошта шудааст, аммо ҳолатҳое ҳам ба назар мерасанд, ки ба зан беадолатона муносибат мекунанд.

Дар насри Ӯрун Кӯҳзод мавзуъҳои тасвири баъзе инсонҳои табақаи болоӣ, ки корашон айшу ишратпарастӣ аст ва худашонро аз мардуми одӣ як зинна боло медонанд, инчунин, ҳамаи масъалаҳоро тавассути сарват ҳал мекунанд, мавриди ҳаҷву танқид қарор гирифтааст. Ҳаҷвияҳои «Ғукҳои беадаб», «Хеши дур» инъикосгари чунин масоили доғи рӯз аст. Дар ҳаҷвияи «Хеши дур» симои Одиназода ном як сарватманд, ки ҳамеша дар орзуи як зани зебову хушқомат буд, тасвир ёфтааст. Баъд аз вафоти ҳамсараш фикр мекунад, ки духтарони паричеҳра ба ӯ нома навишта изҳори муҳаббат менамоянд ва бо яке аз он зебосанамҳо оила барпо менамояд. Аз сабаби он ки сарватманд буд, фикр мекард, ки духтарон худашон омада ба ӯ муҳаббаташонро изҳор менамоянд, вале пас аз муддати интизорӣ касе ба ӯ на нома менависаду на изҳори муҳаббат мекунад. Дар шабнишиниҳо ширкат намуда, духтарони паричеҳраро ҷустуҷӯ мекунад ва дар яке аз он шабнишиниҳо бо зебосанаме шинос мешавад ва бо ӯ оила барпо мекунад. Зебосанам аз дороии Одиназода истифода карда, нисфи сарваташро аз они худ мекунад ва аз ӯ ҷудо мешавад. Ҳамин тавр, Одиназода дигар дар орзуи зани зебо намешавад.

Ӯрун Кӯҳзод мушоҳидакорест, ки ба таҳқиқи масъалаҳои муҳим ва мушкилоти дар ҷомеа мавҷуд мутаваҷҷеҳ гардида, ин камбудиҳоро дар навиштаҳояш тасвир намуда, роҳи пешгирӣ ва бартараф кардани онҳоро нишон

медиҳад. Дар навиштаҳо нависанда аз имконоту махсусиятҳои публитсистика хеле хуб истифода кардааст. Дар онҳо мавқеъ ва хулосаҳо ба назар расида, инкору тасдиқ дараҷаи нафрату муҳаббати хонандаро пайваста дигар менамоянд. Дар ҳамаи осори адиб камбудиҳои иҷтимоии ҷомеа ҳақиқатнигорона тасвир гардидаанд.

Дар маҷмуъ, дар баррасии ҳама гуна мавзуъ Ӯрун Кӯҳзод муваффақ аст ва нисбат ба масъалаҳои фарҳангиву иқтисодиву сиёсии замон нигоҳи бетафовут надорад. Ақидаи муҳаққиқ А. Саъдуллоев аст, ки ҳамагуна асар «аз бӯйи зиндагӣ орӣ нест» ва бо назардошти ин масъала метавон гуфт, ки ҳеҷ як падидаи мусбату манфии ҷамъиятӣ аз назари Ӯрун Кӯҳзод дур намемонад. Бо тавсиф, танқид, тамасхур ва андешаҳои фалсафӣ аз забони худ ва забони қаҳрамонони асарҳояш андешарониҳои қавиро пеш гузошта метавонад. Чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки муаллиф бо баррасӣ кардани масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ дар навбати аввал мавқеи мушаххаси худро ошкор менамояд. Ин мавқеъ аз баҳогузориҳову таҳлилҳо зикру ташреҳҳо писханду тамасхур, умуман, ҳукму хулосаҳое иборатанд, ки дар муқобили авомили номатлуби иҷтимоӣ баён гардидаанд.

Як рукни устувору қавии рӯҳи публитсистии асарҳо ин ҳазар кардан аз умумумигӯиҳои такрору қолабӣ мебошад, ки ин ҷиҳат дар асарҳои Ӯ. Кӯҳзод ба назар намерасад. Ҳамин аст, ки мавзуъҳои фарогиранда дар навиштаҳои нависанда мушаххасу суфта мебошанд. Сиёсат, фарҳанг, маориф, иқтисод аз ҷумлаи мавзуоти доимии осори ӯ мебошанд. Таҳқиқи ботини инсонҳо ба муаллиф имкон додааст, ки ҳар як мавзуи ба тасвир гирифтаашро аз чандин паҳлуҳо комил гардонад. Бухлу ҳасад, ҷаҳолату бесаводӣ, ҳирсу тамаъ, хиёнату садоқат, найрангу фиреб ва даҳҳо хислатҳои мусбату манфии одамон адибро водор менамояд, ки рангорангиҳои зиндагиро аз дидгоҳи мухталиф мушоҳида намояд.

Умуман, дар осори мустанади Ӯрун Кӯҳзод тамоми мавзуъҳои ба зиндагии ҷомеа марбут мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Мактаб, донишгоҳ, хоҷагӣ, деҳа, ҷодаи таҳқиқ, оила, коргоҳ аз ҷумлаи он муҳитҳое ба ҳисоб мераванд, ки

нависанда аз таркиби онҳо барои худ мазмун ёфта метавонад. Хонанда аз муҳтавои мавзуъ мақсаду мароми адибро зуд пай мебарад.

Аз мазмуни осори Ӯрун Кӯҳзод бармеояд, ки ӯ, пеш аз ҳама, тавассути андешаву афкори амиқи иҷтимоӣ таваҷҷуҳи хонандаи умумро ҷалб кардааст. Назари интиқодӣ ва муносибати тунду сард алайҳи нобасомониҳову ноадолатиҳои замон дар аксар ҳолатҳо дар насри мустанади ӯ оҳанги публитсистӣ пайдо мекунанд. Ифодаву тасвирҳои адиб зиндагии рӯзмарраи одамонро дар бар гирифта, набз ва оҳанги рӯзро баррасӣ кардаанд. Аз назари Ӯрун Кӯҳзод масъалаҳову ҷузъиёти зиёди зиндагӣ дур намондаанд ва таркиби насри ӯро шарҳу тавзеҳ ва хулосаву ҳукмҳои возеҳ ташкил додаанд. Мавзуъҳои сиёсиву ватандӯстӣ, мактабу маориф, фарҳангу маънавиёт, иқтисодиёт ва ғайра дар назми иҷтимоии ӯ мавқеи назаррас дошта, ҳар кадоми он хонандаро ба қазоват даъват менамояд. Тавсифу таърифи чеҳраҳо ва интиқоду танзи онҳо дар осори ӯ якҷониба нест ва маҳорати хоси адиб аст, ки дар ҳошияи симоҳои мусбату манфӣ марому ҳадафро хеле нозукона матраҳ менамояд.

2.2. Мавқеи муаллиф – ноқил дар насри мустанади нависанда

Ҳар як нависанда дар асарҳояш воқеа ва ҳодисаҳои мушоҳида намудаашро ба рӯйи қоғаз меорад. Дар илми адабиётшиносӣ ва публитсистика бештари муҳаққиқон роҷеъ ба симои муаллиф–ноқил сухан ронда, образи публитсистиро дар назар доранд. Ин андешаҳо аз он сар задаанд, ки ҳама гуна тавзеҳи тундгузару мӯҷаъзии ғоя, воқеа, рӯйдод ва далелҳои ҳаётӣ чун як ҷузъи образи бадеӣ–публитсистӣ буда метавонанд. Дар бунёди образҳои публитсистӣ қонунҳо ва принсипҳои бадеӣ – эстетикӣ нақши муҳим доранд.

Дар бораи публитсистика сухан ронда, Генрих Боровик навиштааст: «Мо аксар маврид ҳама гуна матлаби чопӣ, тавзеҳ, мақол ё андешаронӣ аз боби ин ё он масъаларо публитсистика меномем. Гоҳо ба он очерки тасвириеро шомил месозем, ки бо ибораҳои зебои лозиму нолозим, ташбеҳу истиораҳо оро дода шудааст. Хонанда баъди мутолиаи чунин суханпардозӣ ҳатман хоҳад гуфт: Офарин ба нависанда, аҷаб адабгуфторӣ кардааст! Аммо ин чӣ гуна публитсистика будааст, ки байни муаллиф–ноқил ва хонанда ҳеҷ гуна робита набошад. Мавқеъ, фикр, образ, эҳсос – ана инҳо ҷони публитсистикаанд. Ва табиист, асари санъат аз ин ҷузъиёт орӣ нест» [71, с.289].

Дар ин хусус муҳаққиқ В. Ученова чунин ақида дорад: «Ҷараёни воқеаро дида тавонистану ба умқи он фуру рафтан ва дар ин замина дурнаморо бозгӯ кардан рисолати публитсистика аст» [176, с.26]. Дар асоси ин ақидаҳо гуфтан мумкин аст, ки танҳо ноқил будани муаллиф боис мешавад, ки ҳадафи умумии публитсистика шакл пайдо кунад. Табиист, ки «...дар таҷзияи ҳаводису фактҳои дирӯзу имрӯза» [153, с.265] фаъолмандии иҷтимоии адиб аввалиндараҷа мебошад. Муаллиф дар нигоштаҳои воқеъгароёна он симоест, ки бо хонанда бидуни парда дар робитаи қавӣ қарор мегирад.

Дар осори мустанади Ӯрун Кӯҳзод симои муаллиф хеле возеҳ на танҳо дар хоссагиҳои услуб, балки дар сохтори муроқибаву мушоҳида ва маърифати нависанда низ эҳсос мегардад. Дар очерку эссе, лавҳаю мақолаҳояш нависандаро чун ровии фаъоли рӯйдодҳо мебинем, вай тадриҷан ба ҳомии

ғоявии қаҳрамонон, балки гузашта аз он, ба ифодагари ғояву афкору ақида, андешаву мавқеи шахси худ табдил меёбад.

Назариячиёни публитсистика дар арзишдиҳии образи нависанда ақидаҳои гуногун доранд. Аз ҷумла, муҳаққиқ М.Н.Ким аз боби образи нависанда дар осори публитсистӣ ва бадеӣ сухан ронда мегӯяд, ки «Онҳо ба сифати образи бадеӣ аз рӯи қонунмандии типикунонӣ сурат мегиранд. Ба таъбири дигар, вай метавонад ҳамчун иштирокчии мустақим ва ҳамчун мушоҳиди туфайлӣ ва ҳамчун ровии нақл намо диҳад. Олами диди бадеӣ як олами муташаккил, мураттаб ва анҷомёфта буда, бе чуну чароҳои ҳастии одам вуҷуд дорад: мо ҳис мекунем, ки дар атрофи шахс лаҳзаҳо ва муносибати фазову вақт ва маъно шакл гирифта намоён мегарданд» [93, с.265].

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар дилхоҳ асари бадеӣ–публитсистӣ таҷассуми симои муаллифро нақли бевоситаи ӯ таъмин менамояд ва ин гувоҳ аст, ки дар асар муаллиф шахсияти канорӣ нест. «Муаллиф бевосита иштирокчии фаъол буда, ба рафти воқеа таъсир мегузорад» [173, с.104]. Аз ин андеша бармеояд, ки муаллиф ташхисгарест, ки бо таҳлилу гузоришҳои ҳамаҷонибаи рӯйдод ва таҳқиқи ботину зоҳири симоҳо дар назди худ мақсади ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаро мегузорад.

Дар осори мустанади Ӯрун Кӯҳзод, бахусус, дар очерку ёддошт, навиштаҳои эссемонанд ва баъзан дар мақолаҳо мавқеи муаллиф фаъол ба назар мерасад. Фаъолияти публитсистии нависанда дар натиҷаи мушоҳидаву таҷрибаҳояш, ки солҳо дар маҷаллаҳои мухталиф дар вазифаҳои гуногун фаъолият намудааст, арзи вуҷуд намудааст. Дар роҳи эҷод адиб ба тақлид ва сирқат роҳ надодааст ва худи нависанда дар ин маврид дар суҳбаташ бо нависанда А. Абдуҷабборов чунин мегӯяд: « Эҷодиёт берун аз ҳаёт нест. Ҳама чизро аз ҳаёт, аз воқеият мегиранд ва мувофиқи хосту мақсади худ ҷома мепӯшонанд. Олим дар илмаш истифода мебарад ва адиб дар образҳояш. Дар адабиёт образ офаридан ҳаст ва нусха бардоштан ҳаст. Адибе, ки образ офаридааст, фикру андешаи ҷомеаро такон додааст ва ба ҷунбиш овардааст.

Яъне, хидмате ба мардум кардааст. Оне, ки нусха бардоштааст, дар пояи ғайбат ва таъна мондааст» [55, с.58].

Аз ин гуфтаҳои нависанда бармеояд, ки ӯ зидди он аст, ки дар адабиёт адиб инъикосгари нусхаи айнии ҳаёт бошад, ба эҷодиёти адиби дигар тақлид намояд ва ё ин ки аз асари дигар нусхабардорӣ кунад. Метавон гуфт, ки осори мустанади Ӯрун Кӯҳзод дар заминаи қавию ибратомӯзи эҷодиёти гузаштагон – адабиёти классикӣ ва бозёфтҳои адабии чеҳраҳои намоёни адабиёти асри бисти тоҷик, боз бар асари адабиёти ҷаҳон арзи вуҷуд кардаанд. Яъне, нависанда аз ҳар як адабиёти классик ва муосир, аз ҳар як эҷодкори боистеъдоди олам сабаки асарофариро омӯхтааст. «Кӯҳзод шогирд ва номбардори сазовори мактаби нависандагии устод С. Айнӣ, С. Улуғзода, П. Толис ва Ф. Муҳаммадиев мебошад» [55, с.82].

Инсон аз таҷриба омӯхтан ба ҷое мерасад. Ӯрун Кӯҳзод аз аввалин офаридаҳояш услуби хоси хешро ба хонанда равшан кард. Мақсадаш низ кашфи дили инсон ва таҳқиқи ботинии ӯ мебошад, ки дорои арзиши баланд аст. Нависанда ҳамчун мушоҳидакор ба тамоми ҷузъиёти ҳаёти ҷомеа менигарад ва мушоҳидаҳояшро ба қалам медиҳад. Адиб дар образҳои офаридаи худ вазъи замон, фардҳои гуногун ва умумикунонидашудаи идеали ҷамъиятиро тасвир намуда, дар баробари он ҳодисаҳое, ки ҷомеаро доғдор мекунанд, танқид кардааст.

Дар ин самт, ба назари мо дар китоби «Ғайр аз хӯрдан ва пӯшидан» (2017) намунаи беҳтарини мақолаҳо ва ёддоштҳои Ӯрун Кӯҳзод ҷамъоварӣ шудааст. Маҷмуа матолиби солҳои 90-ум иншогардидаи нависандаро дар бар мегирад. Ин маҷмуаи мақолаву ёддоштҳо басо арзишманд буда аз чор боб: «Миллат», «Адабиёт», «Забон» ва «Адибон» иборат аст. Ва ин бобҳо аз нигоҳи маъниву муҳтаво ва ҳадафи муаллиф ҳамдигарро пурра менамоянд. Мавзуъҳое, ки дар ин чор фасли китоб матраҳ шудаанд, муҳим буда, дар онҳо муаллиф бештар мушоҳидагар, нақлкунанда, баҳогузор ба назар мерасад.

Яке аз мақолаҳое, ки дар ин маҷмуа ҷой гирифтааст ва мехоҳем мавриди таҳқиқ қарор диҳем, «Муроҷиат ба мардум» (1994) мебошад. Мақола бо як

ҳассосият, дилсӯзӣ, шинохти аҳволи айём ва оқибатҳои фоҷиаангезу фалокатбори беэътиборӣ ба он навишта шудааст, имрӯз, бо мурури бисту ҳашт сол ҳам муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро як рукн ва ё қудрати насри мустанад – ба фикру андеша водор карда тавонистани хонанда, ба ҷунбиш овардани ақли ба гирдоби гумроҳӣ афтода аз ҷониби муаллиф хуб риоя шудааст.

Нависанда дар он замон, ки то ба имзо расидани санади тақдирсози сулҳ фарсахҳо масофа буд, дар бисёр гушаву канори мамлакат гурӯҳҳои мухолиф ба сӯи ҳамдигар тир мекушоданд, ҳанӯз тарсу ҳароси рӯҳия, фазо ва муҳити ҷанги шаҳрвандӣ, ҷанги бемаънои бародаркуш ҳанӯз бартараф нашуда буд, ҳанӯз одамон ба фардои неки зиндагӣ, тақдири фарзандон – насли ояндаи оилаву ҷомеа бовар надоштанд, орому осуда, боэътимод ва ошкорову самимӣ, рӯирост ба чашми аҳли он ҷомеаи олудаи тоҷик – ба мардум муроҷиат кардааст.

Дар мақола фаъолтарин қаҳрамон худи муаллиф мебошад. Муаллиф ҳар он чизе, ки худ мушоҳида намудааст, дар шакли муроҷиат нақл кардааст. Ин мақола саропо воқеъият аст, ки дар он муаллиф чун қаҳрамони асосӣ бо хонанда дар иртибот қарор мегирад. Муаллиф набзи ногувору пурфоҷиаи ҷамъияту аҳволи сокинони мамлакатро бо дилу ҷон эҳсос намуда, пайомадҳои андуҳовари муқовимати тарафҳоро пеши назар оварда тавонистааст. Ин воқеият дар пайроҳаи шарҳ, таҳлил, мавқеъ, баҳогузорӣ, тарғиб ва хулосаву амсоли он сурат гирифтаанд, ки онҳоро муҳаққиқон чун ҷузъҳои бунёдии насри мустанад пазируфтаанд. «Фаъол будани муаллиф зимни гузориши масъала ва таҳлили ҳамаҷонибаи рӯйдоду далелҳо хонандаро ба ҷараёни воқеаҳо кашида, чун фарди иҷтимоӣ ӯро ба андеша кардан водор мекунад ва бо ҳамин дар фароҳам овардани афкори умум саҳми бориз мегузорад» [132, с.247].

Муаллиф хонандаро бо авзои замон ошно намуда, ҳангоми нақл чун як инсони ҷонибдори сулҳу субот андешаҳои фардиро пеш овардааст. Ифодаву афкори муаллиф дарди замон аст ва бо таассуф иқрор шуда, ки «...ҳама медонанд ва мебинанд ва бо ҷисму ҷон ҳис мекунанд, ки ба сари мо бало омад. Ва ин балоро худамон ба сарамон овардем. Ва дафъи ин бало низ дар дасти худамон аст» [49, с.45].

Пай бурдан душвор нест, ки Ӯрун Кӯҳзод бо назардошти ҳолати ҳассосу пуртаҳлука ва фалокатбори ҷомеаву халқ маҳз тарзи хосса муроҷиатро интихоб намудааст. Муаллиф қудрати суханро истифода бурда, аз хусуси бенизом, бесомон, парешон ва вайрон мондани сарзамин, ба силоҳбадастони ду тарафи сангар муроҷиат карда, бевосита, ба ақли одамӣ, тавони таҳлилу хулосабарорӣ ва ба нишонаҳои футури миллат рӯ оварда, нидо ва ишора мекунад. «Мо аз ҷаҳл хонумонамонро оташ задаем ва дар хокистараш нишаста аз дасти замона менолем, ки замона вайрон шудааст... Замона худи мо ҳастем. Агар мо, мардуми замон, додрас бошем, замона додрас мешавад. Ва агар мо бедодгарӣ бикунем, замона бедодгар аст. Агар мо ободӣ мекунем, замона ободгар аст ва агар мо ба вайронӣ даст занем, замона вайронгарӣ мекунад. Мову замона як чизем» [49, с.47]. Аз ин нақли муаллиф хонанда эҳсос менамояд, ки муаллиф шоҳиди бевоситаи он замон будааст.

Фаъолмандии бевоситаи нависанда ба қаробати наздики ӯ бо ҳаёт, ширкат дар ҳаллу фасли муаммоҳои рӯзгор, амиқ дарк карда тавонистани моҳияти рӯйдодҳои тезгузар ва натиҷа гирифта тавонистан аз печидагиҳои иҷтимоиву сиёсӣ вобаста аст. Ҳамон адибе муаммоҳои халқу ҷомеаро ба асари зудтаъсири насрӣ ҷо карда метавонад, ки он печидагиҳо ҳар як узви ҷомеаро низ ноором созад ва вайро ба ислоҳи онҳо бовар намоянд.

Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки дар эҷодӣ мақолаи «Муроҷиат ба мардум» нависанда батамом муваффақ гардидааст. Ӯ тавонистааст, ки мардумро аз гирдоби балоҳо раҳо намояд. Яъне, сухани ӯ, муроҷиаташ ба хурду бузург илоҷу тадбири аз ҳалокат раҳонидани миллат мебошад.

Муҳаққиқ ва нависанда А. Абдуҷабборов қайд намудааст, ки: «Муроҷиат ба мардум» иқдоми одиву сарироҳӣ не, балки нидои қалби ҳассоси нависанда аст, ки чун фарзанди арзандаи замони худ он рӯзҳои тақдирсоз – чун сухан аз боби будан ё набудани миллати тоҷик мерафт, хомӯш, бетараф, бепарво истоданро авло надониста, бо ҷасоратмандии ба ҳар нависандаи асилу ватанпарвар хос садо баланд кардааст» [55, с.47].

Тавре ба назар мерасад, муаллиф дар рафти муроҷиаташ ба мардум чун иштирокчии фаъоли саҳна аст ва ҳузури ӯ дар воқеаи замон равшан мегардад. Муаллифро дар ин мақола бештар масъалаҳои сиёсии замон мутаваҷҷеҳ намудааст. Дар муроҷиати худ дарду ранҷи ҷомеа ва нишонаҳои аз байн рафтани миллати тоҷикро нишон додан мехоҳад. Барои ӯ фазои як коргоҳ бо он муҳим аст, ки дар он манфиати ҷомеа ниҳон аст. Ба ин ваҷҳ муаллиф дар мақола ба сифати як қаҳрамон ба назар мерасад, ки нисбат ба ҷараёни зиндагии одамон бефарқ нест.

Дар мақолаи «Дар машварати адибони ҷавон» муаллиф бештар фикру андешаҳои хешро дар хусуси камбудиву муваффақиятҳои эҷодиёти нависандагони ҷавон баён намуда, бар он ақида аст, ки ояндаи насри тоҷик аз қаламкашони ҷавон вобаста аст. Дар оғози мақола нависанда фикри умумро баён намуда, аз фаъолияти навқаламон изҳори норозигӣ мекунад. Аммо қайд менамояд, ки ин фикри умум аст. Баъдан дар хусуси муваффақиятҳои бархе аз адибони ҷавон ибрози андеша намуда, аз иштироки бевоситаи худ дар мақола ба хонанда хабар медиҳад: «Агар ба тариқи фардӣ бигирем, дар байни ин ҳама пургӯйиҳо ва беҳудагӯйиҳо навқаламоне ба монанди Қудрат, Ҳанифа, Муродалӣ, Матлуба, Лутфишо, Баҳманёр ва монанди инҳо ҳастанд, ки то андозае дар наср маҳорати адабӣ ва образофарӣ ва фаросати ҳусни баён доранд ва заҳмати адабиёт мекашанд ва ҳунарашонро сайқал медиҳанд» [49, с.123]. Дар ҷумлаи баъдӣ бошад, «ман»-и муаллиф фаъол аст, ки ӯ дар муроҷиат ба хонанда мавқеи равшан ва ошкори худро зоҳир кардааст: «Инҳо ба назарам (адибони дар боло зикршуда – К. Ҳ.) аз рӯи ҳаваси даргузар не, балки бо нияти «Сухане ба сухане зам кардан» қалам ба даст гирифтаанд, ки алҳол дар роҳи ҷустуҷӯ ҳастанд ва дар ин роҳ каму беш комёб ҳам шудаанд» [49, с.124].

Дар мақола тамоми фикру андешаҳои Ӯрун Кӯҳзод дар хусуси камбудиҳои адибони ҷавон ва тарбияи онҳо барои навиштани асари арзишманд баён гардидааст. Нависанда дар бобати адибони ҷавони насрнавис сухан ронда, афсӯс мехӯрад, ки имрӯз дар навиштаҳои навқаламон равиши рӯбардор роиҷ гардидааст ва ба тарафи таҳқиқот касе гӯё нигоҳ намекунад. Инчунин, барои

пешрафти кори эҷодии адибони ҷавон тавсияҳои хуб дода, қайд мекунад, ки онҳо пайрави кори адибони гузашта бошанд, суҳбатҳои якҷоя ташкил кунанд, навиштаҳояшонро байни ҳамдигар хонда, фикру ақидаҳои якдигарро фаҳманд ва ба таҳқиқот бештар рӯ оваранд. Зеро дар илму адаб ба таҳқиқот рӯ овардан ба фоидаи кор аст, ки фардои адабиётро обод нигоҳ медорад. Дар мақолаи мавриди назар муаллиф дар симои мунаққид баромад кардааст. Ин мақоларо хонда ба хулоса омадан мумкин аст, ки Ӯрун Кӯҳзод дар адабиёт диди нав дошта, барои пешрафти он бетафовут нест.

Дар боби чоруми китоб, ки «Адибон» ном гирифтааст, ёддоштҳои нависанда дар бораи адибони шинохтаи тоҷик, аз қабили Л. Бузургзода, А. Лоҳутӣ, С. Улуғзода, М. Шакурӣ, Р. Ҳошим, Ҷ. Одинаев, Ҳ. Аҳрорӣ, Ф. Ансорӣ, У. Рачаб ва дигарон гирд оварда шудааст. Дар ёддоштҳои номбурда, нависанда аз рӯзгору тақдири адабии ин мардони саҳнаи адабиёт нақлҳо намудааст. Дар бештари ёддоштҳои зикргардида худи нависанда иштирокчии бевосита аст, ки ин ҷиҳат услуби нақли навиштаҳоро таъмин кардааст. Муаллифи ёддоштҳо ҳам қаҳрамон, ҳам мушоҳидакунандаи бевосита ва ҳам ноқил аст.

Як нуктаро бояд таъкиди махсус кард, ки дар ёддошту навиштаҳои эссемонанд мавқеи муаллиф – ноқил боз ҳам фаъолу равшан мебошад. Серҳаракаттарин муаллиф низ дар ёддодшту эссе ба назар мерасад. Дар ёддошт муаллиф ноқилест, ки бештар мебинад, баҳо мегузорад ва факту аснодро бештар пеш меорад. Ёддошт ин мавқеву мақом ва сухану баёни мушахаси адиб мебошад, ки пойбанд ба воқеияти комил аст. Ёддошт дар асоси санаду факту рақам ва рухдоди воқеӣ тавлид мешавад. Хусусияти аслии ёддошт дар он аст, ки дар раванди воқеаи реалӣ муаллифи он ҳамчун ноқилу иштирокчии фаъол ба шумор меравад.

Дар ёддошти «Дардҳош нимгуфта монд» ноқил худи нависанда буда, дидаю мушоҳидаҳояшро ба қалам дода, хонандаро ҳушдор медиҳад, ки инсон дар кадом вазифаю мартаба, новобаста дар чӣ ҳолат қарор дорад, бояд пеш аз ҳама, дорои хислатҳои накуи инсонӣ, меҳрубону дилсӯз ва ғамхор бошад. «Вай

(Фазлиддин Муҳаммадиев – К. Ҳ.) бо чеҳраи кушод ва даҳони пурханда, озод ва бе ҳеҷ гуна такаллуф даст дода ба аскар ба курсие нишаст, ки дар бари девор меистод. Аз ин рӯ, аскар гумон надошт, ки ҳамин одами содамуомилаи хушвохӯри гармдидор муҳаррири «Хорпуштак» бошад... Баъдҳо, дар солҳои ҳамкорӣ ва муносибатҳои шогирдиву устодӣ, аскар фаҳмид, ки гап дар лутфу марҳамат ба шахсҳои алоҳида набудааст, балки асли хислати ӯ некиву некукорӣ будааст» [49, с.192]. Дар ин навиштаҷот, ки қаҳрамони он адиби маъруф Ф. Муҳаммадиев мебошад, нависанда ҳамчун мушоҳидакор аз аввалин шиносоиаш бо нависанда, ки он вақт дар адои хизмати Ватан буд, оғоз намуда, бо як муҳаббати беандоза, ҳамчун дӯстдори адабиёт ва ғамхори эҷодкорони асил нақл менамояд. Аз нақли муаллиф хонанда шахсияти барҷаста будани Ф. Муҳаммадиев ва хоксору самимӣ будани ӯро пеши назар меорад. А. Абдуҷабборов мақолаи ёддоштии «Дардҳош нимгуфта монд»-и Ӯрун Кӯҳзодро бо мақсади омӯзиш се маротиба мутолиа карда, қайд намудааст: «Ва пеши назарам қомати, не, муҷассамаи бошукӯҳи руҳонии нависандаи забардаст, устоди насри муосир, инсони покниҳоду тозанигоҳ, ғурураш табиӣ, модарзод, муаллифи мероси бойи маънавӣ Ф. Муҳаммадиев бо ҳамон чеҳраи андешаманд, чашмони пурнуру сукути ба худашон хос ва нимтабассум падид омаданд» [55, с.91].

Бояд гуфт, ки Ӯрун Кӯҳзод ҳам адиб ва ҳам муҳаққиқ аст. Гӯё маҳз барои ин ҳолат чунин таъйиноту мавқеи муаллифи асари публитсистиро мушаххас кардааст. Муаллифи асари публитсистӣ, метавонад, ки ҳам ба сифати иштирокчии бевосита, ҳам мушоҳидачии канорӣ ва ҳам нақлкунанда ба назар расад. Ин нақшҳои муаллиф дар ёддошти мазкур баръало ба назар мерасанд. «Ҳамеша хандон ва ҳамеша ғамгин буд Фазлиддин Муҳаммадиев. Дар суҳбатҳо механдид, дар маҷлисҳо бо чеҳраи кушод менишаст, дар байни мардум зарофатгӯй мекард. Ва дар айни замон ҳамеша ғам мехӯрд. Ғам мехӯрд, ки ин мардак фаросат надорад, ба дигарон навбати сухан намедиҳад; ғам мехӯрд, ки дар минбари муътабар истода дурӯғ мегӯяд...» [49, с.196]. Дар ин иқтибос

муаллиф – ноқил мушоҳидагари фаъол аст. Бо такя ба мушоҳидаҳо ҳар кадом усули хоси баёни муаллиф мебошанд.

Як ҷиҳати услуб ва сабки хоссаи муаллиф он аст, ки дар офариниши симоҳо ба нақлҳои қолабиву маълумотномашакл такя намекунад. Ҳар як ҷузъи ҳарактери қаҳрамони худро зимни офариниши лаҳзаҳову саҳнаҳои хоси зиндагӣ неру бахшидан мехоҳад. Ба ин васила, бовармандии хонандаро бештару беҳтар ба вуҷуд оварда метавонад. Барои муаллиф ёддовар кардани симои барҷастаи қаҳрамон муҳим бошад ҳам, вале муҳимтар аз он масъалаи инсоният, яъне инсони ҳақиқӣ ва меҳнаткашу ростгӯ ба шумор меравад.

Муаллиф мушоҳидакор буда, аз мушоҳидаву дида ва шунидаҳояш Ф. Муҳаммадиевро ҳамчун инсони заминӣ, хоксор ва нисбат ба қадри сухану андеша ва мақом эҳтироми зиёд дошта тасвир намудааст, ки пеши назари хонанда портрети Ф. Муҳаммадиев барҷаста ҷилвагар мешавад. Муаллиф ин ҷо мусавирест, ки дар асоси нақли ҷолиб хонандаро мутаваҷҷеҳ месозад.»...Ҳамин хел мегуфт, Муҳаммадиев ва завқ карда механдид – хандаи пуралам, хандаи пурдард. Ва давоми воқеаро шарҳ намедод» [49, с.194].

А. М. Горкий ҷиҳати таҳқиқкории публитсистикаро дар силсилаи ҳикояҳои соли 1922 нишон дода ба он ақида буд, ки мухбир (нависанда) дар суҳбат бо қаҳрамонаш, пеш аз ҳама, худашро кашф мекунад. Ин чунин маъно дорад, ки воқеанигор ҳангоми мулоқот бо қаҳрамон дараҷаи маърифат, дониш ва дидгоҳи худро аз нуқтаи назари шахсияти дигар месанҷад, яъне қаҳрамонро ҳамчун маҳак интихоб намуда, донишҳои худро бо он муқоиса мекунад. Азбаски публитсист дар як вақт ҳам воқеанигор ва ҳам шахси андешаманд мешавад, вай метавонад ду хислат низ дошта бошад, нависанда ва таҳқиқотчӣ.

Маҳз ин ду ҷиҳати масъала муаллифро ба тасвири гуногуни ҳаёт водор менамояд. Ба андешаи муҳаққиқон, дар замони муосир санъаткор дар баробари истеъдоди фитрӣ доштан, пеш аз ҳама, мушоҳидакори фаъол бошад. «Дар замони мо санъаткор фақат бо истеъдоди фитрӣ асари барҷаста офарида наметавонад, вай бояд зиндагиро ҳамчун иштирокчии бевоситаи худи воқеаҳо муоина кунад» [148, с.36].

Ӯрун Кӯҳзод низ дар асарҳояш бахусус дар мақолаи ёддоштии «Дардҳош нимгуфта монд» иштирокчии бевосита мебошад. Қаҳрамони асосии асар худи муаллиф аст, ки ҳамчун образи аскар инъикос гардидааст. Дар асар «ман»-и муаллиф баръало мушоҳида мешавад. Хонанда ҳангоми мутолиаи мақола зуд пай мебарад, ки образи аскар худи муаллиф аст. «Ин одам чашмони ҷозиб дошт ва нигоҳаш гӯё одамро сеҳр мекард. Вай ба Басир Расо нигарист ва Басир маънои нигоҳи ӯро фаҳмида гуфт:

– Муаллифи «Мунаққид ва ошпаз» [49, с.192].

Дар ин суханҳо муаллиф дар баробари фаъолияти Ф. Муҳаммадиев ва хислатҳои хуби ӯро нақл намудан, инчунин худашро низ ба хонанда муаррифӣ намудааст. Бояд таъкид намуд, ки ин мақола аз дафтари хотироту ёддоштҳои Ӯрун Кӯҳзод мебошад. Аз оғоз то анҷоми мақола муаллиф ва «ман»-и муаллиф фаъол аст. Метавон гуфт, ки нақши муаллиф дар ёддошт басо барҷаставу назаррас аст. Ба воситае аз ҳузури худ намо дода, бо иштирокдори асар ба муошират меояд ва ба ин васила ҳам олами ботинии ӯ ва ҳам дари ҷаҳони маънавии хешро боз менамояд. Хусусияти нақлҳои муаллиф он аст, ки дар заминаи бозгӯи таърихи аҳволи қаҳрамонаш ташаккули худро ҳамчун як фард нишон медиҳад.

Дар ин ёддошт ноқил шахси одӣ набуда, мушоҳидакорест, ки аз рафтору суҳбати дигарон бардоште мехоҳад. Муаллиф Ф. Муҳаммадиевро бевосита устоди хеш медонад, зеро аввалин муҳаррири ҳикояи «Мунаққид ва ошпаз» ӯст. Ва аввалин нафарест, ки муаллифро беғаразона ва бе ягон расмиятгузорӣ ба маҷаллаи «Хорпуштак» ба кор гирифтааст, ки ин воқеаро муаллиф дар ёддошт инъикос намудааст.

Фалсафаи гуфтори адиб дар пешниҳоди содаву фаҳмо ҷараён дорад ва нақли хислатҳои нависанда хонандаро боз ҳам ба фаҳму дарки инсони ростгӯву ҳақиқатпараст қарин мегардонад. Ӯрун Кӯҳзод бо тасвиру нақлҳо доиман пойбанди воқеият аст ва ин воқеият мӯҷиби асили дарёфти табъу завқи хонанда аст.

Ҷустуҷӯҳои адиб аз ҳаёти иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеа сарчашма мегирад. Ӯрун Кӯҳзод қаламкашест, ки дар навиштаҳояш воқеияти аслии ҳаёти ҷомеа, дигаргуниҳои иҷтимоии бағоят ҳассоси зиндагӣ тасвир гардидаанд. Чунин амиқрафт ҳаллоқияти асарҳои ӯро таъмин кардаанд. Нависанда дар навиштаҳояш чигунагии замону ҳаёти ҳамзамононашро таҳқиқ менамояд ва, пеш аз ҳама, аз ҳаёт типҳои психологии замонро дарёфтаву меофарад. Ӯрун Кӯҳзод адибест, ки ба дигаргуниҳои дар маънавияти фарҳангии ҳамзамононаш, дар олами фикру андешаҳо ва эҳсосоти одамони давраи шуравӣ рӯйдода чашми ҳақиқатбинона дӯхта, ин дигаргуниҳоро хеле образнок ва барҷаста ифода намудааст. Ин пеш аз ҳама худшиносии миллии ӯст.

Дар ёддошти «Рӯйи гарм ва сухани нарм» нақл дар бобати хислату рафтор, муносибату муомилаи Ҳабиб Аҳрорӣ бо ҳамкорон ҷараён меёбад. Дар ин ёддошт ӯ ҳамчун дӯсту рафиқ, ҳамкор сухан мегӯяд. Ноқил худи нависанда аст, ки доим ҳамроҳи қаҳрамонаш амал мекунад. Дар ифодаҳои муаллиф Ҳабиб Аҳрорӣ хайрхоҳу некбин, меҳрубон буда, бо ҳамкорону ҳамкасбони ҷавонаш чун дӯсту бародар рафтор мекунад. Ба кору касби хеш содиқ буда, ҳатто як лаҳза ҳам бекор нагаштааст. Муаллиф дар аввали мақола як нақл оварда, исбот мекунад, ки қаҳрамонаш дар тӯли умри ҳафтодсолааш ҳеҷ гоҳ бекор нагаштааст, ҳамеша дар ҷӯши корҳо будааст. Дар ин ёддошт тамоми нақлу воқеаҳо аслист ва нависанда онро ҳақиқатнигорона тасвир кардааст: «Ҳабиб Аҳрорӣ 15 августи соли 1913 дар шаҳри Самарқанд таваллуд шуд ва ҳаждаҳ сол дошт, ки дар нашриёти давлатии Тоҷикистон ба кор даромад ва он солҳо (1931) нашриёт дар Самарқанд буд. Аз ҳамон сол то ба охири умр (соли 1983) қаламу дафтар ва китобу нашриёт, ҷои кори ӯ ва мазмуну маънии зиндагии ӯ гардидааст» [49, с.212].

Дар ин порча нависанда дилбастагии Ҳ. Аҳрориро ба меҳнату инсондӯстӣ барҷаста инъикос намудааст. Дар ҳақиқат симои чунин шахсият ба хонанда дарси ибрат шуда метавонад. Аз нақлҳои муаллиф маълум мешавад, ки рафтору хислати Ҳ. Аҳрорӣ бо сабку услуби навиштаҳояш монандӣ доштааст ва адиб чунин баҳогузорӣ намудааст: «Ҳабиб Аҳрорӣ дар оила, дар муомила бо

дигарон, дар ҷои кор, рӯи гарму сухани нарм дошт ва услуби нигоришаш ҳам монанд аст ба хислаташ» [49, с.216].

Муаллиф дар ду ёддошт – «Дардҳош нимгуфта монд», «Рӯйи гарм ва сухани нарм» симои инсонҳои ҳақиқиро тасвир намуда, ба ин васила хонандаро ба поктинативу инсондӯстӣ, меҳнатдӯстиву садоқат ба халқу миллатро тарғиб мекунад. Дар ин ёддоштҳо воқеияти ҳаёти инсонӣ ҳақиқатнигорона инъикос ёфтааст. Рӯзгори ду марди бузург, ду шахсияти маъруф, ки басо ибратбахшанд, бо нақли ҷолиб ва тасвири бадеӣ инъикос гардидааст. Бо қиёсҳои мусбати ҳаммонанд дар бораи симоҳое нақл мегардад, ки дар ҷомеа мақому нуфуз доранд.

Аз таҳлили мақолаву ёддоштҳо метавон ба чунин хулоса омад, ки нависанда аз тазоди аҷиби ифодаи мақсад истифода мекунад ва чунин ҷузъиёт муҳим ба шумор меравад. Зарофати адиб барои беҳбуд бахшидан барои тарзи зиндагии ҷомеа ва тарбияи солими насли наврас мебошад. Падидаҳои номатлуб дар замони имрӯза зиёд ба назар мерасанд, ки Ӯрун Кӯҳзод ба воситаи қаҳрамонҳои асарҳояш ба насли ҷавон дарси ибрат медиҳад. Бояд гуфт, ки маводи публитсистӣ, пеш аз ҳама, арзиши иҷтимоӣ дорад. Онро ба рӯйи қоғаз овардан ҳунари на ҳар қаламкаш аст. Ин корро касе карда метавонад, ки таҷрибадор, ҳақиқатнигор ва мушоҳидакор бошад.

Дар насри мустанад тасвири кулл ва ҷузъ аз унсурҳои асосӣ ба шумор меравад. Вақте мавзуъҳои ба кулл маълум ба доираи баҳс кашида мешаванд, аз як сӯ, ҷузъҳои ба ҳам алоқамандро пурра мекунанд аз ҷониби дигар, ҳамаи онҳо дар маҷмӯъ, мисли мавзуи дорои моҳияти иҷтимоӣ як фикри томро ифода менамояд. Ҳадафи асосии насри мустанад таъсир расонидан ба шуури одамон барои тағйироти минбаъда мебошад. Дар ин маврид вазифаи асосии насри мустанад ташаккул ва тағйири афкори ҷамъиятӣ будааст. Ангезаи афкор, таҷрибаи ҳаёти иҷтимоӣ, муносибати бевоситаи одамон байни худ ва бо ашёҳо, сиёсат, иқтисод, ҳаёти маънавии ҷомеа низ нақш мебозад.

Мавқеи адабиёти мустанадро дар ташаккули афкори умум бузург нишон додан бесабаб нест. Табиист, ки ноқили фаъол будан дар эҷод муҷиби тавлиди

асари ҷолиб ба шумор рафта метавонад. Аз ҷониби дигар вазифаи ноқил танҳо дар асарҳои сирф публитсистӣ зоҳир намешавад. Дар асарҳои воқеъгароёна низ нависанда аз рӯзгору аҳволи ҷомеаи ӯро фарогир сарфи назар намекунад. Ин ҷиҳат дар асари бадеӣ нисбатан номаълум сурат мегирад. Дар баробари ин дар жанрҳои алоҳидаи адабиёт нақши ноқил ҳеҷ гоҳ кам нест. Ин ҳолат дар қиссаву ҳикояҳои публитсистӣ бештар ба мушоҳида мерасад. Рӯҳи бадеӣ дар ин гуна асарҳо ғолиб бошад ҳам, муаллифон аз воситаҳои гуногуни баррасӣ намудани симои худ истифода мекунанд.

Умуман, Ӯрун Кӯҳзод ноқили қиссагӯест, ки дар пешниҳоди матлаб ва фаро гирифтани оҳанги замонаи худ муваффақ гардидааст. Мавқеи муаллиф–ноқил дар тамоми осори публитсистии нависанда бо маҳорати баланд ифода ёфтааст. Чуноне ки қайд намудем, дар бештари ёддошту очерк ва мақолаҳои публитсистӣ нависанда иштирокчии бевосита аст. Ӯ дидаву шунидаҳо ва мушоҳидаҳояшро ба рӯйи саҳифа андешамандона меорад ва хонандаро бо шахсиятҳои маъруфу таърихӣ аз наздик ошно месозад. Бо тасвири образҳои мусбату некукор ва инсонҳои нексиришт хонандаро дар руҳияи инсондӯстӣ тарбия менамояд. Ҳузури муаллифӣ боис мешавад, ки андешаҳо дар қолаби нақл шакл пайдо кунанд. Дар саҳнаву лавҳаҳо муаллиф шахси канорӣ ва бетараф нест ва нақлҳои дар алоқаи мантиқӣ қарордошта ҳадафи ӯро равшан ифода мекунанд. Ин нақлҳо бо он диққати хонандаро ҷалб месозанд, ки ҳамагӣ дар меҳвари воқеияти асил шакл гирифтаанд ва тараннуми оҳанги рӯз дар замони зиндагии адиб ба шумор мераванд ва дар онҳо мавқеи муаллиф – ноқил басо нишонрас ба назар мерасанд.

2.3. Корбасти имконоти жанрӣ дар публитсистикаи бадеии Ӯрун Кӯҳзод

Рушду такоммули адабиёти мустанади муосир низ ба фаъолияти публитсистии адибони тоҷик иртибот дорад, ки оғози чунин ташаббусҳои эҷодӣ солҳои бисту сӣ садаи ХХ сурат гирифта буд. Минбаъд, дар солҳои шаст-ҳаштод ҷиҳатҳои навро дар тарзи офаринишу инъикоси рӯйдодҳо ва сохтор соҳиб гардид.

Масъалаи жанр дар фаъолияти публитсистии Ӯрун Кӯҳзод мавқеи муайянро дорост. Ӯрун Кӯҳзод дар ҷараёни фаъолияти нигорандагии хеш ба жанрҳои таҳлилӣ, публитсистӣ – бадеӣ инчунин, жанрҳои публитсистикаи ҳаҷвӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудааст.

«Дар мақола, фелетон, луқма андеша бартарӣ дорад, – қайд кардааст публитсисти рус М.Колсов, – вале андешае, ки бидуни эҳсос, шавқ, тасвиру тавсиф ояд, касеро мутаваҷҷеҳ нахоҳад сохт» [94, с.111]. Лавҳаҳои Ӯрун Кӯҳзод то андозае ба талаботи жанрӣ ҷавобгӯ мебошанд. Лавҳаҳои адиб теъдоди зиёдро ташкил медиҳанд, аз ҷумла: «Роҳ», «Навбати Шумо кай?», «Таърих», «Суруд», «Соҳибирода», «Сазо», «Мехгардон» «Мунаққид ва ошпаз» ва ҳоказо. Лавҳаи «Суруд» яке аз лавҳаҳое мебошад, ки нависанда аз тамоми махсусиятҳои жанрӣ дар ин лавҳа истифода намудааст. Дар эҷоди лавҳа нигоранда ба талаботи асосӣ, ки дарёфти мавзуъ (воқеа) аст, риоя намудааст. «Ба мактаби деҳаи дурдасте муаллими нав омад. Вай муаллими суруд буд. Мактаб қаблан муаллими суруд надошт. Одатан соатҳои дарси суруд ҷойи ками соатҳои муаллимони табиатшиносӣ, ҷуғрофия, меҳнат ва ғайраро пур мекард. Ба ҳамин сабаб дарси суруд ором, беғавғо, ҳатто номаълум мегузашт» [14, с.225].

Ҳар гуна лавҳа амалан аз ду қисм: саҳна ва тафсил иборат аст. Саҳна воқеа аст. Воқеа амали мушаххас аст. Вай тафсил мехоҳад. Тафсил маънои шарҳ додани воқеаро дорад. Дар лавҳаи номбурда бошад, Ӯрун Кӯҳзод дар тафсили воқеа тамоми маҳорату лаёқаташро сарф намудааст. Барои ҷолиб шудани воқеаи тасвиршаванда муаллиф аз муҳити воқеа истифода бурдааст.

Жанри лавҳа дар навбати худ ба се навъ тақсимбандӣ мешавад: лавҳаи портретӣ, проблемавӣ ва лирикӣ. Лавҳаи «Суруд»-ро метавон ба навъи дувум шомил намуд, зеро дар он масъалаи муҳим мавриди музокира қарор гирифта, вобаста ба он дар хусуси иштирокчии ҳамон воқеа нақл карда мешавад. Дар ин лавҳа масъалаи муҳим ин норасоии омӯзгори суруд дар деҳот мебошад, иштирокчиёни воқеа бошанд, муаллими суруд инчунин маъмурияти мактаб мебошанд. Тавре ки проффесор И. Усмонов менависад: «Дар лавҳаи проблемавӣ ду чиз муҳим аст: аввало масъалаи мубрами зиндагӣ, ки таваҷҷуҳ ба он ҷалб карда мешавад. Баъдан роҳи баёни мавзуъ» [174, с.184].

Ӯрун Кӯҳзод ин лавҳаро хеле таъсирбахш, ҷолиб, гуворо ва ибратомӯз тасвир намудааст. Аммо баъзан аз чи сабаб бошад, ки нависанда дар чанд лавҳаи дигар саҳланкорӣ намудааст ва ин боиси эрод гирифтани адиб Ф. Муҳаммадиев гардидааст. Ӯ дар таҳқиқи ду лавҳаи Ӯрун Кӯҳзод «Роҳ» ва «Таърих» норозигии худро баён намудааст. Дар лавҳаи «Таърих» адиб ривоятеро доир ба дини мубини ислом оварда, онро дар жанри лавҳа пешкаши хонанда гардонидааст. Мундариҷаи лавҳа чунин аст, ки замоне бар сари шаҳре офат меояд. Хирадмандони шаҳр аз паи наҷоти китобҳо меафтанд ва корвони китобҳоро ба роҳ мебароранд. Онҳо ҳарҷанд кӯшиш мекунанд, ки ин корвонро наҷот диҳанд, аммо бардоштани ҳатто як дафтар ба хирадмандон вазнинӣ мекард. Кор ба ҷое мерасад, ки аз корвони китоб дар як ҷумла – ҷумлаи «Худо яккаву ягона ва Муҳаммад расули барҳақ» ғунҷоиш ёфту халос.

Ба андешаи муҳаққиқ Ф. Муҳаммадиев, Ӯрун Кӯҳзод ба лавҳаи номбурда нодуруст номгузорӣ намудааст ва ба ин қисмати лавҳа эрод гирифта, мегӯяд: «Муаллиф ба лавҳа «Таърих» гуфта сарлавҳа гузоштааст. Ва ҳол он ки таърих ба ин ҷо дахле надорад. Ин ривоят бофтаи иртиҷоиён ва мутаассибон аст, на факти таърих. Таърих – ин қиссаи хунрезиҳо, тохтутозҳо барои ҷорӣ кардани дини ислом» [119, с.47].

Аммо агар адиб ба ин лавҳа сарлавҳаи муносибе интихоб мекард, ба назар мерасид, ки навиштаҷоти олиҷанобе дар жанри лавҳа мешуд. Дар ин лавҳа ҳамаи унсурҳои жанрӣ хуб истифода шудааст ва дар он амали мушаххас мавҷуд

аст ва ин амали мушахасро нависанда тафсил додааст. Дар лавҳае, ки зикр гардид, унсурҳои бадеӣ, аниқтараш образи бадеӣ низ истифода шудааст, ки ин ба зебо ва хонданӣ баромадани лавҳа кӯмак намудааст. Ба ақидаи профессор А. Саъдуллоев, «образи бадеӣ бо ягон шакле ё навъе аз зиддият ва муборизаҳои синфию иҷтимоӣ, ҷаҳонбинию ақидаҳои сиёсӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ ва динии муаллифон ривоят мекунад ва ҳамин ҷиҳати адабиёти бадеӣ онро ба таълифоти публитсистӣ наздик мегардонад» [148, с.44].

Адабиёти мустанади тоҷик дар иртибот ба воқеияти солҳои 60-80 бештар дар жанрҳои очерк, эссе ва нигоришу репортаж инкишоф кардааст. Дар ҳамин замина бояд таъкид кард, ки як силсила асарҳои насрие, ки дар жанрҳои повесту роман эҷод шуданд, аз нигоҳи фарогирии мавзуъ ва тарзи нигориши рӯйдодҳову инъикоси шахсиятҳо ба жанрҳои мустанад қаробат доранд ва ин ҷиҳати муштарақиятро ба сифати падидаи тозае дар халлоқияти эҷодии адибони солҳои мазкур бояд эътироф кард. Солҳои мавриди назар аз ҷиҳати чопи осори мустанад хеле пурмаҳсул ба ҳисоб мерафт ва жанрҳои очерку эссе маҳз дар ҳамин айём аз жанрҳои асосӣ шинохта шудааст. Яъне дар ин давра китобҳои зиёди очерку мақолаҳои публитсистӣ ба шакли маҷмӯаҳо таълиф гардидаанд.

Ӯрун Кӯҳзод низ ба қатори нависандагони солҳои 60-80 шомил аст, ки аз мактаби хуби таҳқиқи публитсистӣ гузаштааст ва малакаву завқи баланди нависандагӣ дорад. Жанри очерк дар насри мустанади адиб нақши бағоят муҳим дорад. Ӯ корнамоиҳои шахсони воқеии дар корзорҳои меҳнатӣ, истеҳсолот, илму фарҳанг ва мактабу маориф содир намударо дар очеркҳояш барҷаста тасвир намудааст. Инчунин, нависанда дар очеркҳояш масъалаҳоро аз нигоҳи фаъолияти иҷтимоии шахс баррасӣ намудааст.

Очерк аз жанрҳои маъмул, серистифода ва нисбатан паҳншудаи публитсистикаи бадеӣ ба ҳисоб меравад. Жанри очерк таъсири эмотсионалӣ дошта, фардро пайваста ба воқеаи ҷудогона ба тасвир гирифта, аз ин тариқ ба рӯйдодҳои зиндагӣ ҷамъбасти бадеиву публитсистӣ дода, баъдан арзиши онро муайян месозад. Махсусияти жанри очерк дар он аст, ки он меъёрҳои таҳқиқи

иҷтимоиву публитсистиро ба инъикоси бадеӣ омезиш медиҳад. Доир ба шакли публитсистии очерк муҳаққиқони тоҷик А. Саъдуллоев, П. Гулмуродзода, С. Табаров, И. Усмонов, М. Шоев ва дигарон таҳқиқотҳои алоҳида ба анҷом расонида, дар асоси осори адибону публитсистон хусусият, ҳолат ва таъсири онро дар тарбияи ахлоқии ҷомеа муайян намудаанд.

Очерк жанри публитсистиву бадеӣ аст. Аз ин рӯ, он дар баробари публитсистика буданаш, аз унсурҳои бадеӣ бебаҳра нест. Моҳияти бадеии очерк кӯшиши ба тарзи публитсистӣ ва бо ифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ типи тарҳи воқеияти реалӣ ва сохтани образ мебошад.

Мутахасисон мавқеи аввалиндараҷа доштани образро дар адабиёти бадеӣ ва дигар намудҳои санъат дар назар дошта, онро ҷони санъат номидаанд. Аммо мафҳуми образ танҳо ба санъат дахл надорад ва модоме ки заминаи офариниши образ олами мавҷудот буда, вазифаи он ҳаёти воқеиро ҳарчи ҷолибтару муассиртар ба хонанда расонидан мебошад, пас образ дар осори публитсистӣ низ мавқеи муайян дорад.

Жанри очерк дар солҳои ҳафтодум паҳлуҳои нав ба нави ҳаёти инсонҳоро ба таҳқиқ гирифтааст. Сатҳи маърифати муаллифон ба кайфияти очерк таъсир расонидааст. Муаллифони очеркҳо шахсони аз назарияи публитсистика то андозае огаҳанд, расму ривоҷи мардумиро хуб медонанд, ҳангоми таълиф талош мекунанд, ки ба ниҳоди қаҳрамон амиқ шуда, ҳолати равонии онҳоро ба риштаи тасвир кашанд.

Пайваста ба фаъолияти шахсиятҳо очеркҳо мавзуву масъалаҳои ватандӯстии олӣ, садоқат ба идеалҳои замон, обшор гардонидани заминҳои нокорам, бемайлон баланд бардоштани ҳосили зироат, қотеъона ба роҳ андохтани саноату сохтмон, инкишофи маданияту маишат ва ғайраро матраҳ сохтаанд. Дар маҷмӯъ инҳо рӯйдоду воқеияти насри мустанади солҳои номбурда мебошанд. Албатта, дар ин навъ очеркҳо таҳқиқи бадеию публитсистии воқеият, рӯзгори шахсиятҳо, ҷараёни зиндагӣ сатҳӣ нестанд.

Ӯрун Кӯҳзод дар навиштани очерк муваффақ аст. Ӯ очеркҳои «Достони муаллим», «Саттори роҳбалад», «Никоҳ бо корд», «Маликаи маҳалла» ва

ғайраро таълиф намудааст. Мавзуи очерки «Маликаи маҳалла» истеҳсолӣ буда, аз кору бори як духтари хуҷандӣ нақл мекунад. Бималикаву Насимҷон ҳарду маълумоти олӣ доранду табибанд, вале лаҳзае аз омӯзиш (тӯли бист соли ҳамхонагӣ) даст накашидаанд, ба ҷои ғайбати душвориҳову муҳокимаи гапу калочаи кампирҳои маҳалла аз печидагиҳои кори духтурӣ ҳарф мезананд, орзупарварӣ мекунанд. Аз сӯйи дигар, зиндагиномаи Бималика ба тафсирҳои корӣ, саҳнаҳои «ману ту» бо ҳамкасбону мизоҷон оро наёфта бошад ҳам, кашфи ҷаҳони маънавии як зани маҳаллӣ, ки бояд русуми бобоии муоширатро ба ҷо ораду ҳам дар кораш навтарин усули табобатро истифода кунад, ба хонанда руҳу илҳом мебахшад, аз фаъолияташ, муомилааш бо занони ҳомила, занони серфарзанд, кӯдакони табдошта, модарони камтаҷриба ва ҳоказо ё танҳо огоҳии бештаре доштан мехоҳад.

Очерк чун кулли асарҳои берун аз фабула сужаи сохта надорад, нақл аз забони муаллифи асар меравад. Ин нақл басо гуворо ва шавқовар аст. Ӯрун Кӯҳзод гӯё афсона мегӯяд: «Бималика як наварӯси маҳалла барои зиёд нашудани гапу калоча ва «барои келин сурху сафед» нашудани модаршӯ аз хона бо саргирак ба кор меравад. Бегоҳиҳо Насимҷону ӯ аз ин рафтор ширин – ширин ханда мезананд, аммо ҳамин як ҷузъи «куҳна»-ю одати «дермур» сари модари Насимҷонро ба осмон мебардорад: мунтаҳо, «бубинед, омӯзед келиндориро» [11, с.78].

Дар насри мустанади солҳои 60-80 таҳқиқи воқеият басо гуногунпаҳлӯ будааст. Нависандагон ҳангоми баррасии мавзуъ ба ҳашамати факт эътибори хоса медоданд. Ба он бештар диққат дода мешуд, ки аз тариқи таҳлили дедуктивӣ моҳияти рӯйдод ҳам аз нигоҳи иҷтимоъ ва ҳам дар паҳнои рухдодҳои фарҳангӣ ба таҳқиқ гирифта шавад. Дар шинохти очерк, ки он дар баробари ба факт такя намудан, инчунин, унсурҳои бадеӣ низ дар он истифода мегардад, муҳаққиқи соҳаи публитсистика М. Муродов менависад, ки: «Манбаи публитсистии очерк, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки дар нигоштани он ба воқеият (факт) такя мекунанд. Яъне, предмети инъикоси очерк инсони воқеӣ ва муайян буда, тасвири фаъолияти ӯ дар заминаи факту рақамҳои мушаххас

сурат мегирад. Воқеаҳои реалӣ, аз як тараф, сужаи очеркро муайян, аз ҷониби дигар, ҷанбаи публитсистии онро қувват мебахшанд.» [114, с.190]. Дар очерк воқеаҳо аз фаъолияти қаҳрамон хушку холӣ инъикос наёфта, балки бо суханони пуробуранг, истифодаи воситаҳои бадеӣ тасвир карда мешавад. Яъне, очеркнавис имкон дорад, ки воқеаҳои реалиро аз будашон зиёдтар тасвир намояд. Аз будаш зиёд тасвир намудан дар эҷоди публитсистӣ аз унсури зарурӣ ба ҳисоб меравад.

«Бималика як зани мулоим ва боадабест. Ҳар касе, ки бо ӯ корафтода шавад, – вай духтури кӯдакон аст ва бо ин сабаб падару модари бисёре бо ӯ сару кор доранд, – муомилаи гарму нармаш, ҳамдардиву ҳамдилиашро дида гумон мекунанд, ки табиб ба ӯ меҳри хосе дорад, маҳз барои вай, танҳо барои вай ин қадар меҳрубон аст ва фақат барои вай табассум мекунад» [11, с.77].

Қаҳрамони очерк воқеан ҳам серкор аст, вақти муоинаи атфоли маҳалла ба ихтиёри ӯ нест. Ва аз ин ваҷҳ мешавад, ки гоҳо шавҳари арӯси ҷавон манша мекунанд.

« – Ҳа, Маликаи мо серкор, – мегӯяд шавҳараш Насимҷон бо нимханда. – Бисёр вақтҳо кори хона ба гардани мо.

Дар сухани хандаолуди Насимҷон як оҳанги ба шикоят монанде ҳис мешавад» [11, с.77].

Ҳамин оҳанг зани Насимҷонро аз дигар занони қаҳрамони баъзе очеркҳо, ки дар солҳои шасту ҳафтодум таълиф шудаанд, шабгардиҳои занони серкорашонро бо ҳисси ифтихори хосса қисса мекунанд, мутафаррик мегардонад.

Бо тамоми қомат намо додани симои қаҳрамон ва ба ин васила мутафарриқ гардонидани он аз дигарон хосияти таълифоти эҷодӣ ва минҷумла насри мустанад аст. Аммо чунин кор вақте даст медиҳад, ки бунёди маънавии қаҳрамон асолате дошта, маърифати ӯ дар пояи муайяне буда бошад.

Дар таҳқиқи очерки номбурда А. Саъдуллоев чунин менигорад: «Нависанда хислати Бималикаро батааннӣ, ҳангоми муошират, муоина, муомила дар хона бисёр табиӣ ба тасвир гирифтааст. Очерки номбурда боз як

ҷиҳати хубе дорад, ки ба мавқеи адиб дар насри мустанад далолат медиҳад. Тавзеҳ – ремаркаҳои ноқил сеҳри аҷиби таъсиррасонӣ дорад» [148, с.129].

Муҳимтарин хусусияти очеркҳои Ӯрун Кӯҳзод он аст, ки нависанда ба фактҳои ҳаётӣ такя карда, дар айни замон аз зикри факту рақамҳои дилбазан худдорӣ мекунад. Асарҳои Ӯрун Кӯҳзод нусхаи бадеии ҳаётанд, кас онҳоро мутолиа карда, аз гирду атрофи худ чунин одамонро меҷӯяд ва аксаран одамонеро мебинад, ки бори аввал ба воситаи асарҳои мустанади ӯ шиносашон гаштааст.

Ӯрун Кӯҳзод дар жанри эссе, ки дар насри мустанад нисбатан жанри нав мебошад, нигоштаҳо низ дорад. Эссе чун яке аз шаклҳои муассири суханофарӣ дар адабиёти ҷаҳон маъмул буда, дар публитсистика низ рӯз то рӯз мавқеъ пайдо карда истодааст. Профессор И. Усмонов эссеро шабеҳи жанрҳои очерк, лавҳа ё мақолаи мубоҳисавӣ дониста таъкид кардааст, ки: «Мавзуи доимии эссе хотираи эҷодкор аз воқеае аст, ки ба эҷодкорони дигар тааллуқ мегирад, яъне, ёди гузашта, мулоқотҳо ва хотира аст» [174, с.136].

Эссе дар адабиёти садаи ХХ тоҷик таҳаввул ва такомул ёфт. Унсурҳои ҷудогонаи эссе дар лавҳаҳои алоҳидаи «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ, осори Р. Ҷалил ва Ҷ. Икромӣ мушоҳида мешавад. Ба андешаи муҳаққиқон, эссе дар адабиёти тоҷик аз солҳои шастуми асри ХХ ба расмият даромад ва аввалин нависандае, ки қисмате аз таълифоташро зери сарлавҳаи эссе дар маҷмуаи «Дӯстон тоҷи сар» ба хонанда пешкаш намуд, Фазлиддин Муҳаммадиев мебошад. Ба ақидаи мутахасисон, «Илҳом», «Ёди наку», «Мирзомуаллим», «Баракат ба коратон» ном асарҳои Ф. Муҳаммадиев чун беҳтарин эссеҳо дар насри муосири тоҷик шинохта шудаанд. Эссе дар эҷодиёти С. Турсун, М. Наҷмиддинов, Ҷ. Акобиров, Б. Муртазоев, А. Самад, Ш. Ҳаниф ва Ӯ. Кӯҳзод бештар мушоҳида мешавад.

Эссеҳои Ӯрун Кӯҳзод оид ба зиндагӣ ва корнамоиҳои фардҳои алоҳида, ки дар рушду нумӯи фарҳангу маънавияти ватани азизамон ҳиссаи муносиб гузоштаанд, комёбиҳои моддию маънавии мамлакат маълумот медиҳанд.

Абармарди соҳаи санъат устод Акашариф Ҷӯраев «Акашариф – Борбади асри ХХ» мавзуи яке аз эссеҳои ин нависандаи пуркори тоҷик мебошад.

Эссеи «Акашариф – Борбади асри ХХ» ба ҳаёту фаъолият, ҳунару истеъдод ва ватандӯстиву хештаншиносии мутриб ва сарояндаи мумтоз Акашариф Ҷӯраев бахшида шудааст. Ӯрун Кӯҳзод Акашариф Ҷӯраевро чун як шахсияти донишманд ва ватандӯст шинохтааст ва эътироф намудааст, ки ӯ мутриби сарироҳи набуда, балки ҳунарманди таълимгирифта аст: «Акашариф ҳам қобилияти фитрӣ дошт ва ҳам аз устодони донишманду ҳунарманд таълим гирифта буд; ва ҳам касби худ, зиндагии хушу хурсандона ва ободии рӯзгори мардум ва обу хоку сангу ҳавои ватанашро дӯст медошт ва ҳам орзуву ормони халкро мешинохту ҳис мекард ва ҳам бо мавқеву ба маврид, бо оҳанги дилнишин ва овози фораму забони бурро, ифода карда метавонист» [38, с.26].

Хонанда аз ин эссе лаҳзаҳои асосӣ ва нотакрори зиндагии ин шахсияти барҷастаро пеши назар оварда, моҳияти ҳаёти инсонро беҳтару хубтар дарк менамояд ва эҳсос менамояд, ки зиндагии инсонӣ ҷойи мубориза, комгорию нокомӣ мебошад ва танҳо шахсиятҳое ин сахтгириҳои ҳаётро таҳаммул карда, метавонанд, ки соҳиби дили бузург ва иродаи қавӣ бошанд.

Ӯрун Кӯҳзод қаҳрамони эссеашро хеле хуб медонад ва аз ҳар ҳаракату муомила ва навозишҳои устоди ҳунар таассурот бардошта, хонандаро ба андеша водор мекунад. Бинобар ин, баробари қаҳрамон ҳам дар оғоз, ҳам дар қисмати хулоса мавқеи фаъоли муаллиф баръало эҳсос гардида, мундариҷаи ғоявии асарро таҳвият мебахшад.

Ривоятҳое ҳастанд, ки аз хизмати Акашариф дар наздиксозии савту навои классикию муосир, шимолу ҷануб қисса мекунанд. Нависанда аз хизматҳои ҳунарпеша нақлҳо оварда, бахусус аз боби «Чорзарб», «Уфари Ироқ», «Уфари сохта», «Ироқи Дарвоз», «Рок» бисёр самимӣ ҳарф мезанад ва бо суханони санъатшиноси варзида А. Рачабов, сабки сознавозӣ, овозхонӣ, гӯёии ифода, таркиботу таҳрироти тараннумӣ ва хотираи фитрии Акашарифро хеле самимӣ тавсиф менамояд: «Таҳрироту чаҳчаҳаҳои махмалини овози ромишгар хеле соф, орӣ аз ифодаҳои маснуъии созию овозӣ ба гӯш мерасанд. Воқеан Шариф

Ҷӯра суннатҳои Борбадро барои сомеъ бо лаҳну марғулаҳои нафиси овозӣ эҳдою эъҷоз менамояд» [38, с.26].

Як ҷиҳати бисёр ҷолиби эссеи «Акашариф – Борбади асри ХХ» он аст, ки муаллиф қаҳрамонашро хуб мешиносад, аз тамоми адабиёти роҷеъ ба қаҳрамонаш огаҳии комил дорад ва ҳангоми эзоҳи ягон паҳлуи эҷодиёти аз гуфтаҳои устодони арсаи сиёсат, сухан, саҳна ва мусиқӣ иқтибосҳо меорад. Чунончӣ: «Ҳар ки ҷояш дили касон бошад, то зинда асту ҷовидон» (А. Деҳотӣ); «Санъати Акашариф фитрист... аз айёми тифлӣ савту калом дар дили ӯ нишастааст» (Б. Раҳимзода); «Ба ӯ ҷозибаи саҳнавӣ хос аст, ӯ метавонад дар вақташ табассум кунад, ҳаҷви одиро истифода намояд ва ҳеҷ гоҳ аз ҳад нагузарад» (М. Цветаев); «Ӯ (Акашариф Ҷӯраев – К.Ҳ.) табиатан гӯё бо мусиқӣ муҷассам гардида буд, хеле устодона менавохт ва хеле латиф месуруд» (Ф. Шаҳобов, М. Раҳимӣ); «Акашариф Ҷӯраев бо ҳунармандии тамом савтҳои марғуб ва дилошӯби гузаштагони дур ва ҳам наздики тоҷикро бо завқи хеш ороиш дода, ба ҳам васл карда ва дар сурати зебои Чорзарб ба имрӯз ва фардоиён тақдим дошт» (М. Бахтӣ); «Дар барномаи ҳофизони Ғарм суруду тарона, дубайтиҳо, бадеҳаҳои бисёре ҷой доштанд, ки сароянда, оҳангсоз ва ҳатто муаллифи баъзеи онҳо Акашариф буд» (Ш. Сокин) [38, с.25-26].

Дар тасвири нависанда тавсифу тавзеҳи саҳнаҳои мухталифи ҳаёти санъаткор бамавқеъ ва бо таъкиди хосса омадааст. Чуноне ки медонем, зиндагии Акашариф шебу фарозҳои зиёд дошт. Солҳое буд, ки хавфи маҳрумшавӣ аз ҷон ба ӯ таҳдид мекард, «базми гарми рақсу суруд» ба интизориҳои беохири вақтгузаронӣ табдил ёфта буд. Хушбахтона, дар марҳалаҳои алоҳида Акашариф ҳамзамон мушовир ва муаллиф ҳам буд, хуб медонист, нағз менавохт, муассир мехонд ва худаш эҷод мекард; то ба замоне ки: «Ш. Бобокалонов, Ф. Солиев, Ф. Шаҳобов, З. Шаҳидӣ ва дигарон таҳти таъсир ва илҳом аз суруду оҳангҳо, сюитаҳои рақсиву овозии Шариф Ҷӯра ба эҷоди суруду оҳангҳои тоза муваффақ шудаанд» [38, с.26].

Ӯрун Кӯҳзод аз эҷодиёти Акашариф Ҷӯраев мисолҳои зиёде меорад ва таъкид менамояд, ки порчаҳоро ҷамъ овардан, васл кардан, такмил додан ва дар

ҳамин замина асари нав офаридан, хоси эҷодиёти ин ҳунарманди асил аст. Ва ӯ дар ин усули эҷод маҳорати фавқулодда дошт – аз чизи одӣ, чизи олӣ сохта метавонист. Ба андешаи Ӯрун Кӯҳзод таронае ки ба ҳамагон шинос аст «Аз дараи Камаров» маҳз бо оҳанг ва овози Акашариф дар сартосари хоки тоҷикнишин шӯҳрат ёфт ва мақбули хоссу ом гардид ва имрӯз ҳам яке аз машҳуртарин ва беҳтарин таронаест, ки дар ҳар маврид аз ҳар тараф ба гӯш мерасад. Нависанда дар эссе ин гуна мисолҳоро зиёд меорад ва дар баробари ин зиндагии рӯзмарраи ҳунармандро низ ба эҷодиёти ӯ тавъам медиҳад.

Зимни тасвири фаъолияти касбии эҷодӣ нависанда ба ҳаёти шахсии Акашариф эътибори хосса дода, сабаб ва омилҳои ба «булбулхона» табдил ёфтани ҳавлии ҳофизро ба ҷузъиёти гӯё – кушодадилӣ, саховатпешагӣ, суҳбатҳои ширин ва нақши завҷаи ӯ Ҷаҳоноро, ки файзу баракати дастонаш чун оҳанрабо мардумро ба сӯи Акашариф мехонд, ба тасвир овардааст. Ин маҳфилҳо ҳамеша ҷанбаи умумӣ дошт, шоирон, ноширон, мусиқидонон, ҳофизон, мутрибон ва ҳунарпешаҳои театрҳову синамо ҷамъ меомаданд ва ҳар кадоме дар ин суҳбатҳо барои худ ҳамдиле, ҳамфикре ва ҳамкоре меёфт. Ва дар ин маҳфилҳо шеъри наве, тарҳи ҳикояе, навои мусиқие, матни суруде ба вуҷуд меомад. «Акашариф ҳамаро қоил кард, барои он ки мактабдида буд ва худаш бадоҳатан шеър мегуфт ва аз оҳангу овозаш нафаси тозае медамид» [38, с.27].

Дар шинохти асари «Акашариф – Борбади асри ХХ» муҳаққиқ А. Саъдуллоев сухан ронда, навиштааст: «Иқрор бояд шуд, ки Ӯрун Кӯҳзод дар сайқали жанрҳои публитсистӣ хизмати калоне дорад. Асарҳои ӯ дар доираи фарохонди очерк, новелла ва эссе ҳудудҳои муайян надоранд. Ва ин лаҷом гусехтанҳо ба ҳеҷ ваҷҳ аз надонистани талаботи се жанри бадеӣ – публитсистӣ нест. Кӯҳзод донишманди хуби назарияи адабиёт ҳам ҳаст ва ҳангоме ки ба созмон ва сохтори жанре навҷӯӣ раво мебинад, хонанда хуб эҳсос мекунад, ки муаллиф он ҷо ҳадафи хоссае дорад» [150, с.85].

Шахсони начиб начобати одамонро зуд мешиносанд ва олими асил асолати дигаронро зуд пай мебарад ва санъаткори холис хислати ҳаваскоронро зуд муайян мекунад. Ӯрун Кӯҳзод низ ҳамин хислатҳоро дорад. Худ ки эҷодкори

асил аст ба эҷоди дигарон низ арҷ мегузорад. Ҳамин тавр, эссеи Ӯрун Кӯҳзод «Акашариф – Борбади асри ХХ» яке аз беҳтарин намунаҳои эссеҳои нависанда мебошад. Ҳангоми мутолиаи ин эссе хонанда пай мебарад, ки Ӯрун Кӯҳзод ба санъат ва бахусус ба Акашариф Ҷӯраев самимият ва эҳтироми хосса доштааст.

Жанрҳои публитсистию бадеӣ аз рӯйи хусусияти умумӣ як хел нестанд. Ба он жанрҳое низ шомиланд, ки аз хусусияти публитсистию бадеӣ баҳраманд буда дар онҳо ҷанбаи ҳаҷвӣ афзалият дорад. Аз ин рӯ, ин навъи асарҳо ба жанри публитсистикаи ҳаҷвӣ дохил мешаванд. Агар дар жанрҳои публитсистикаи бадеӣ – лавҳаву очерк асосан ҷиҳатҳои мусбат ва ибратомӯзи ҳаёти воқеӣ инъикосу тасвир гардад, объект ва предмети жанрҳои публитсистикаи ҳаҷвӣ камбудиву норасоиҳои рӯзгор, хислату рафтори номатлуби ашхоси алоҳида, умуман, ҷиҳатҳои манфии ҳаёти воқеӣ мебошад. Хусусияти жанрҳои ҳаҷвӣ он аст, ки дар онҳо ҳаҷв, танз, киноя, ҳазл унсури асосӣ буда, ҳамчун омили баҳаракатдарорандаи воқеа амал мекунанд.

Ӯрун Кӯҳзод дар қолаби жанрҳои публитсистикаи ҳаҷвӣ асарҳои зиёд таълиф намудааст. Албатта, бештари ин қабил асарҳояшро худи нависанда ҳикояву достон гуфтааст, вале ба андешаи муҳаққиқони соҳаи публитсистика инҳо дар доираи жанрҳои публитсистикаи ҳаҷвӣ ба монанди памфлет, фелетон, ҳаҷв ва ғайра офарида шудаанд.

Памфлету фелетонҳои Ӯрун Кӯҳзод аз памфлету фелетонҳои ҳамзамононаш ба куллӣ фарқ мекунанд. Ришхандҳои обдори ӯ хусусияти шахсӣ надошта, барои хандаву дилхушии яклаҳзагӣ ба вуқуъ напайвастаанд. Мавзуъ ва мазмуни памфлету фелетонҳои адиб танқидӣ ва воқеӣ буда, хусусияти иҷтимоӣ доранд, ки ҷароҳат ва дардҳои иҷтимоии замонашро фош месозанд. Чунонки, муҳаққиқ А. Набавӣ менависад: «Асарҳои публитсистии Кӯҳзод дар қатори сифати фошкунандагӣ, инчунин аз ҷонсӯзии нависанда нисбат ба беҳ сохтани инсон ва зиндагӣ сар задаанд» [124, с.121].

Дар ҳақиқат, Ӯрун Кӯҳзод аз аҳволи иҷтимоии замон пурра воқиф буда, нобасомониву бедодиҳоро мушоҳида карда, пас онҳоро дар жанри памфлет мавриди танқиди шадид қарор медиҳад. Ин ҳолатро дар памфлети «Тахти равон

ва тахтбардорон» метавон мушоҳида кард. Қисса аз он оғоз мешавад, ки тахтбардорон ба хидмати навбатӣ омодабош гирифта, тахти хӯҷаинро ба ҷои таъиншуда бурданианд.

Дар ақидаи нависанда, сатира (сарзаниш) чун «адабиёти даъват» ангошта мешавад. Мувофиқи назария дар чунин ҳолат адиб бояд ҷаҳонро танҳо тасаввур накунад, балки роҳи комилан тағйир додани онро низ биҷӯяд. Дар асар симои ду нафар – Ҷавони паҳлавон ва Ходими калон акс ёфтаанд, ки ин ду симо хислати ба ҳам зид доранд. Ходими калон шахсест, ки тарзи нави ғуломӣ, ба тахтнишин содиқона хизмат кардан, ба ҳар гуна супориш тайёр будан ва монанди инро бо тамоми неру қабул мекунад. Ӯ андешаи мустақили худро надорад, барояш кӣ будану чӣ қобилият доштани тахтнишин фарқ надорад. Аммо Ҷавони паҳлавон гарчанде нотарс аст, бо дидани Ходими калон аз ғайраташ нишоне намемонад ва ҳамеша дар мушоҳида аст. Дар тасвири нависанда ӯ мисли нафаронест, ки бо ҳазорон орзу паи таҳсилу тамрин шуда, ҳатто гоҳо ба пояҳои мансаб ҳам мерасанд, вале чун раъяшон ғуломвор лаҷомзадааст, кореро уҳда карда наметавонанд ва аз тарси Ходими калон фақат дар хилватгоҳҳо андеша меронад: «... мо ҳама аз як обу гилем, пас чаро яке хоҷаву дигарон хизматгор бошанд?» [36, с.82] Ин саволи худ ба худ, ки фикреро ниҳон медошт, боиси бадбахтии Ҷавони паҳлавон шуд. Фикрашро хонданд ва ба маҳкама кашиданд.

Дар ин памфлет ҳунари нависандагии муаллиф имкон дода, ки матлаб на ошкору мушаххас, балки образнок бо тасвироти гуногун баррасӣ шавад. Зимнан, табиати жанри памфлет низ чунин аст. Дар он матлаби асосӣ на ошкоро ё бо факту далелҳои мушаххас нишон додан ва танқиди камбудиҳо сурат мегирад, балки мазаммат ва мазоҳи ғоя, ақида, низом, умуман, масоили кулл мебошад. Бо чунин назардошт муаллифи памфлети мавриди назар низоми давлатдории Шуравиро мавриди танқиду мазаммат ва масхара қарор медиҳад.

Ӯрун Кӯҳзод дар памфлет усули рамзӣ – маҷозии нақлро интихоб намуда, чун мушоҳид ҳодисаву воқеаҳоро бо суханони истиораомез тасвир ва андешаҳояшро мулоҳизакорона, аммо тезу тунд баён мекунад. Нависанда дар

памфлети мавриди назар ду тимсоли одамонро ба ҳам зид гузошта, амал ва муносибати онҳоро на танҳо танқид мекунад, балки барои несту нобуд карданашон ҳукм мебарорад. «На фақат худи ӯро, балки наздикони вай, думравони вай ва одамонеро, ки ёрӣ дода вайро ба ин дараҷаҳо, то ба дараҷаи тахтбардорӣ расонидаанд, нест бояд кард. Тухми онҳоро нест кардан даркор, ки занҳояшон дигар ин хел писар назоянд» [36, с.21].

Яке аз хусусиятҳои муҳимми жанри памфлет дар он аст, ки нигорандаи памфлет бо бадӣ оштинопазир аст. Ӯ мехоҳад ҳамаи рафтори ношоистаро ба хокистар табдил диҳад. Ин ҷиҳат дар мисоли боло баръало дида мешавад. Дар ин маврид профессор М. Муродов менависад; «...муаллиф дар асари «Тахти равон ва тахтбардорон» боқимондаҳои фаҳмиш ва муносибати гурӯҳи одамонеро, ки дар зиндагӣ бефарқ ҳастанд ва имрӯз низ ин одат дар мағзи онҳо боқӣ мондааст, мавриди танқид ва маҳкум қарор медиҳад ва мехоҳад бо хандаи сӯзанда онҳоро ба хокистар бадал гардонад» [113, с.162].

Дар ин памфлет системае мазоҳ ва масхара карда мешавад, ки бунёдаш ба тамаллуқ, худситоии маҳз, дурӯғ, назорати беҳаёнаи ҳаёти шахсии одамон, фитна ва козибии аҳли рикоби сарварон асос ёфтааст. Аз ин бармеояд, ки ба публитсистикаи ҳаҷвӣ, хосса ба иншои памфлет рӯ овардани Ӯрун Кӯҳзод қаноат нашудан аз кирдору рафтори гурӯҳи инсонҳо будааст ва ба ин восита мехоҳад бадиҳоро несту нобуд созад. Нависанда ба мушкилоти ҷомеа аҳаммияти ҷиддӣ дода, ба онҳо бо чашми танқидӣ нигаристааст. Ӯ инсонҳоеро, ки фасодкоранд, яъне ба ҷомеа зарарашонро мерасонанд, зери тозиёнаи танқид қарор додааст.

«Тахти равон ва тахтбардорон» дар умум памфлети олиҷанобест, ки аз рӯйи тамоми қоидаҳои ҳаҷви публитсистӣ таълиф шуда, паси амали қаҳрамонон нафрати беандоза ба сохти тасвиршуда бо рамз ифода мегардад.

Умуман, дар асарҳои ҳаҷвӣ ва танқидӣ, бахусус дар памфлети мавриди назари Ӯрун Кӯҳзод, тангназарӣ, бесуботии ахлоқӣ, худхоҳӣ, кӯр–кӯрона қабул кардани одатҳои манфӣ ва беандешагӣ дар муҳокимаронӣ, хулоса ҳар он чӣ, ки ба камбисотии маънавӣ ва моддии шахс сабаб мешавад, мавриди мулоҳиза

қарор гирифтааст. Ин хислатҳои манфиро нависанда як - як ошкор карда, бо услуби тезу тунд, сӯзонанда ва нишонрас фош ва маҳкум месозад.

Фелетон низ аз жанрҳои маъмули публитсистикаи ҳаҷвӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он бештар ҳаҷв истифода мегардад. Дар шинохти фелетону памфлет муҳаққиқ А. Саъдуллоев чунин нигоштааст: «Чунонки қавоиди жанрҳои публитсистика далолат медиҳанд, ҳаҷв ба памфлету фелетон созгор аст, вале агар памфлет хусусияти маҳвкунӣ дошта бошад, пас фелетон хусусияти созандагӣ ва тарбия намуданро дорад. Инчунин, дар фелетон тасвир ва образ дар ҷойи аввал меистад» [137, с.175]. Ӯрун Кӯҳзод бо истифода аз ҳаҷв фелетонҳое офаридааст, ки тарбиятгари насли наврас мебошанд ва онҳоро дар руҳияи созандагӣ тарбият менамояд.

Дар китоби «Ҷамъи парешон» фелетони «Кирои гиря надошт, вале...» ҷой дода шудааст. Сужаи фелетони номбурда гирди ном ва кору кирдори мири шаҳри Чилҳосил Умари Валӣ чарх мезанад. Дар фелетон ҷиҳатҳои манфии хислати зумраи инсонҳо – тамаллуқ, ришва, риё ва чоплусӣ бо ишораҳои басо нозук ҳаҷв шудааст. Умари Валӣ се шогирд – се дӯсту рақиб дорад, – Саидумар, Умархоҷа, Умархон, хислату мансубияти онҳо ба тоифаҳои гуногун дар номашон гузошта шудааст. Ҳар сеи онҳо аслан ҳарифи Умари Валианд, вале дурӯягиашон ба ошкоргӯйӣ имкон намедиҳад, ҳарчанд гоҳ–гоҳе аз муколама шиорпартоиҳо маълум шуда меистад, ки ба Чилҳосил «баҳори демократия» омадааст, «гап бисёру кор мурдор» шудааст, марҳалаи гилагузорӣ тунд рафтаву «тарафдорӣ ва муқобилравӣ» тадриҷан ошкор мегардад. Тазоди байни гурӯҳҳо шиддат мегирад, фарохондаш аз марзи шаҳрҳо мегузарад, ноқили асар ба андозае ғарқоби «облойкунӣ» аст, ки гоҳо худаш аз таъсири ривояташ ангушти ҳайрат мегазад.

Мақсади нависанда дар фелетони мазкур ба тарзи ҳаҷву танз ошкор, фош ва таҳлил намудани зуҳуроти манфии воқеаҳо, маҳкум кардани норасоиҳо ва хиёнати шахсони алоҳида мебошад. Бояд гуфт, ки худи жанри фелетон низ ҳаминро тақозо дорад. Фелетон аз аносири бадеӣ ва ҳаҷвӣ баҳра мегирад ва мавзуи баҳси он ҳамеша воқеаҳои ҳаётии зишт ва хислату характери ношоями

ашхоси воқеӣ буда, ба рафтору кирдори инсонҳои муайян иртибот мегирад. Онҳое, ки солҳои навадуми асри гузаштаро ба чашми сар дидаанд, ба умқи ин воқеаҳо ва рафтору гуфтори қаҳрамонҳо зуд сарфаҳм мераванд, барои онҳое, ки баъди ин солиён ба дунё омадаанд, бо гузаштаи наздики воқеа ошно мешаванд ва ибрат мегиранд.

Мақсади нависанда аз тасвири ин воқеа дар жанри фелетон ба наслҳои оянда сабақ омӯхтан аст, то ки рафторҳои номатлубро такрор накунанд ва ҳамеша баҳри ободии диёри хеш ва ба мардуми одӣ кӯмак расонанд. Ба андешаи мо, ин фелетон аз рӯи мундарича ба гурӯҳи фелетонҳои марбут ба масъалаҳои дохилӣ мебошад, зеро ин навъи фелетон асосан, рафтору кирдори номатлуби ашхоси воқеиро дар бар гирифта, як навъ моҳияти тарбия намудани дигаронро ифода мекунад. Ин хусусиятҳоро дар фелетонҳои дигари нависанда низ метавон мушоҳида намуд.

Фелетони дигари Ӯрун Кӯҳзод, ки бо сарлавҳаи «Қолиби адабӣ» ё худ «Дастурамал» дар ҳафтаномаи «Маориф ва маданият» (15 июли соли 1965) нашр шудааст, гуфтаҳои болоро таҳвият мебахшад. Муаллиф дар ин фелетон ба ҳоли бархе аз нависандагон, ки танҳо барои ҳаққи қалам, яъне барои маблағ ба даст овардан асар таълиф мекунанд, ханда мекунад. Ва ҳатман таъкид мекунад, ки агар ҳамин хел асар офаранд, дере нагузашта асарашон аз хотирҳо фаромӯш мешавад. Адиб ба воситаи ин фелетон ба эҷодкорони ҷавон ҳушдор медиҳад, ки дар ҳама ҳолат бояд эҷод асолат дошта бошад. Эҷодкор бояд асаре офарад, ки асараш садсолаҳо зинда монад ва ба дили хонанда роҳ ёбад. Дар фелетон адиб тавонистааст, ки ба воситаи ҳаҷв ба навқаламон дарси ибрат омӯзад.

Қаҳрамонони фелетонҳои нависанда, метавон гуфт, табиату хислати ҳарисонаву тамаъкорона доранд: ҳариси мансаб, ҳариси шуҳрат, ҳариси молу чиз, ҳариси сиёсатбозӣ. Ба ин қабил ашхос орзую ормонҳои инсонӣ, сифатҳои ҷавонмардию олиҳимматӣ тамоман бегона аст. Меъёри зиндагӣ ва рафтору амали онҳо ба худхоҳиву риёкорӣ асос ёфтааст. Ӯрун Кӯҳзод ба ҳоли ин гуна ашхос ханда мекунад ва мехоҳад дигарон донанд, ки чунин амалҳо ба инсони комил созгор нест. Фелетони нависанда «Се раҳакӣ аз се ҳизб» гувоҳи ин

гуфтаҳост. Беҳуда нест, ки нависанда ба василаи яке аз персанажҳо ба намояндаи ҳизбҳо муроҷиаткунон мегӯяд: «Шумо худбин ҳастед. Худбинҳо мансабдӯст мешаванд...» [50, с.158].

Адиб дар фелетон замина ва сабабҳои иҷтимоию сиёсӣ, равонию миллии бемасъулиятӣ ва сиёсатбозиҳои Мирбақо, Мирвафо, Мирризоро нишон дода, он бадбахтию фоҷиаеро, ки ба сари мардум (мусофирони овора) оварданд, ҷолиб, табиӣ, воқеъбинона ва бо истифода аз образҳои бадеӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Қаҳрамонҳои номбурдаи асар бо нияту роҳҳои мухталиф ба майдони сиёсат омада, худро зуд ба руҳияву муҳити муташанниҷи замон мутобиқ намудаанд. Барои онҳо доштан ва ё надоштани ақлу тамиз, фаросат, маърифату дониши сиёсӣ фарқе надорад.

Фелетони «Се раҳакӣ аз се ҳизб»-ро муҳаққиқ Ҷ. Бақозода ва худи муаллиф дар жанри қисса муаррифӣ намудаанд, вале таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки аз рӯи меъёру услуби навишт он ба хусусиятҳои жанри фелетон наздикӣ дорад. Албатта, дар ин асар образ бештар истифода шудааст, вале ин маънои онро надорад, ки ба жанрҳои публитсистика дохил намешавад. Махсусияти жанри фелетон дар он аст, ки тасвиру образ дар ҷойи аввал қарор мегирад. Инчунин, дар фелетон ягон масъалаи мубрами ҳаётӣ пеш гузошта мешавад ва дар такя ба факту далел нависанда андешаҳояшро ба воситаи образу ҳаҷв иброз медорад. Дар фелетони мавриди назар ҳақиқати талх ба таври ошкор гуфта шудааст, ки аз хусусияти дигари жанри фелетон ба шумор меравад. «Дар асар масъалаҳои мубрами ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ, мавқеъ ва роҳҳои мухталифи давраи мушаххас – охири солҳои ҳаштод ва аввали навадро фаро гирифтааст. Ҳақиқати талхеро, ки дар асар тасвир намудааст, нависанда ошкоро, бетараҳум, пуршиддат нишон медиҳад, вай (Ӯрун Кӯҳзод – Қ. Ҳ.) чизеро нарм, сабук намекунад, ҳамаро рӯшод ва бепарда баён месозад» [70, с.101].

Дар фелетон нависанда факту далелҳои зиндагӣ, фазои муташанниҷи сиёсии замон, митингбозиҳо, садои тиру туфанг ва ҳар он чизе, ки дар он солҳо рух дода буд, дар тасвири манзараи фурудгоҳ моҳирона ба қалам додааст:

«Фурудгоҳи тайёра, нисбат ба солҳои гузашта, як ташвиш ва тараддуди таҳлукаомез дошт. Мардум анбуҳ ва парешонҳол буданд ва дар ваҷоҳаташон бетоқатӣ, саросемагӣ, қаҳр ва қатъият ва ҳатто ночориву ноумедӣ сайр мекард. Даруну беруни бинои фурудгоҳ аз одам меҷӯшид. Як ғавғои пурдаъвои фучур–кучур, монанди ғуч – ғучи солҳо дар шоми тирамоҳ дар шохи дарахти чанор – баланд, шунаво, серсадо, аммо нофаҳмо ва аралаш. Тӯдае дар таги дари раис, иддае дар остонаи ресторан, анбуҳе дар таги даричаи касса ва гурӯҳ – гурӯҳе дар толору рӯи ҳавлӣ» [50, с.143].

Дар фелетони «Се раҳакӣ аз се ҳизб» рамзу тамсил истифода шудааст. Ва аз номи қаҳрамонҳо (Мирбақо, Мирвафо, Мирризо), макон (Себароз, Шаҳри Шаҳрҳо) ва ҳизбҳо (Бародарон, Ҳамагон, Ранҷбарон) маълум мегардад, ки рамзу тамсил ва инчунин, санъати киноя низ корбурд шудааст. Узви ҳизбҳои навбаромад яксар мардуми аз яккаҳизбӣ дилмондаю дилгиршуда, шахсони мансабталаб, бекорон, ҳангоматалабон, беҳунарон, даҳонялагон буданд. Ҳизбҳо як даъво доштанд: «Рӯзгори халқ талх аст, халқ ба ҳаёти ширине ҳақ дорад» [50, с.141]. Мақсад як, вале даъвоҳо гуногун. Аз тарзу оҳанги нигориши муаллиф, мундариҷаи баҳсу мунозираҳои қаҳрамонҳо равшан эҳсос мешавад, ки онҳо ояндаро начандон фикр мекунанд, бо вуҷуди он ки муҳтавои ҳадафашон обод кардани кишвар ва бунёди ҷомеаи демократист. Вале дар охир ин се нафар бо мақсадҳои нопокашон қурбони фаъолияти сиёсати моҷароҷӯёнаи худ мегарданд. Ҳамин тариқ, нависанда хислатҳои нопоку манфиатҷӯёнаи ашхоси алоҳидаро маҳкум менамояд. Дар фелетон тасвир тезу тунд, вале созанда сурат гирифтааст. Инчунин, тарзи баён ва забони асар хеле равону табиист. Умуман, ба сабки нависанда бархӯрди шадиди воқеаҳо, қувваҳои тазод, тарзи истифодаи нишонраси ҷузъиёти ҳаётӣ хос аст.

Дар фелетонҳояш Ӯрун Кӯҳзод бо истифода аз қобилияту истеъдод ва маҳорати нигорандагӣ дар тасвири ҳодисаву воқеа ва тарзи баён – забони фаҳмову равон саҳми муносиб гирифтааст. Барои Ӯрун Кӯҳзод ба муҳокима гирифтани печидагиҳои ҳаёт, муаммоҳои доғи зиндагӣ чӣ дар осори публитсистӣ ва чӣ дар асарҳои бадеӣ монандиҳои зиёде дорад. Нависанда аз

воқеият ва муаммоҳои он басо нозук кор мегирад, зимни баррасии рӯйдодҳои рӯзмарра масъалаҳои ҷиддии ахлоқӣ, иҷтимоию сиёсӣ ба таҳқиқ гирифта мешавад.

Фаъолмандии нависанда ӯро ба таҳқиқи масъалаҳои мубрам мутаваҷҷеҳ сохтаанд. Камбудиҳои мавҷуда дар бораи хислатҳои номатлуби ашхоси алоҳида, ҳавобаландӣ, худситоиҳои беасос ва амсоли ин ӯро ба таҳқиқи асосҳои иҷтимоиву фарҳангии баъзе аз гурӯҳҳои одамон водор намудаанд. Ба ин манзур Ӯрун Кӯҳзод аз тамоми имконоти махсусиятҳои публитсистика истифода кардааст.

Ҳамин тариқ, фелетонҳои нависанда дар публитсистикаи тоҷик ҷойгоҳи худро дошта, бо сохтору бандубаст, муҳтавову мундариҷа ва баёну таҳлили равиши воқеот вижагиҳои махсус доранд.

Метавон гуфт, ки дар осори публитсистии Ӯрун Кӯҳзод тамоми жанрҳои публитсистӣ истифода шудааст ва осори ӯ бо хусусиятҳои хоси худ аз осори публитсистии дигар адибони тоҷик фарқ мекунад. Махсусан, асоси воқеӣ, баёни мақсаднок, ифодаи образнок ва лаҳни зебои гуфтор мавқеи нигоштаҳои публитсистии нависандаро дар адабиёт ва публитсистикаи тоҷик хеле баланд бардоштааст.

Жанр дар эҷоди публитсистии Ӯрун Кӯҳзод доираи мушаххаси истифодаи худро надорад. Таҷрибаву донишҳо мӯҷиби онанд, ки дар корбурди онҳо як навъ навовариро ба роҳ гузорад. Ин навоварӣ иншои озоди ӯ дар қолабҳову доираҳои бидуни сарҳад аст. Бо вуҷуди ин, аз оҳанги навиштаҳо ва шаклу воситаи фарогирии онҳо маълум мешавад, ки қолибҳои жанрӣ дар шакли парешон ҳам бошад, дар самти баёни ҳадафи муаллиф мусоидат намудаанд. Дар ин роҳ барои адиб таҳаввулоти замонии жанрҳо ҷузъи истисноӣ нест. Шинохти имрӯзаи публитсистика низ дар навбати аввал ба ин таҳаввулоти жанрии соҳа иртибот дорад.

Гуногунжанрӣ як усули завқбахшии хонанда ба ҳисоб меравад. Бо назардошти ин хосиятҳо, Ӯрун Кӯҳзод дар очерку лавҳа ва эссеҳои худ аз усулҳо ва таъйиноти гуногуни жанрӣ истифода менамояд, аммо ин

истифодаҳову корбастҳо ҷузъ-ҷузъ ба назар расида, муаллиф боз ҳам дар такя бо нақли тасвирии худ пеш меравад. Яъне, корбасти хусусиятҳои махлутшудаи жанрӣ якнавохту дилбазан нестанд ва танҳо чун як омили кумакрасон ба майдон меоянд. Вақте мушкилот матраҳ мешавад, табиист, ки муаллиф таъйиноти таҳлиливу ташреҳии жанрҳои таҳлилиро канор намегузорад. Вақте тасвиру такмили симо пеш меояд, аз имконоти жанри очерк санъаткорона истифода менамояд. Вақте моҳияти тарбиявию ахлоқии саҳнаҳои рӯзгор бо намои симоҳо пеш меояд, муаллиф устокорона хосияти фалсафии гуфторро дар тамоми жанрҳо истифода мекунад.

Дар маҷмуъ Ӯрун Кӯҳзод нависандаест, ки бо назардошти моҳияти иҷтимоии навиштаҳояш ҷузъиёти ҳар як жанрро дар ҷои худ истифода карда, дар ниҳоят сабки хоси худро шакл мебахшад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки насри бадеӣ дорои қонунмандиҳои ба худ хосаст, ҳатто ба ин ҷиҳат, ки дар насри бадеӣ таҳлили амиқи равонӣ, озодии тахайюл, рангорангии баён ва паҳнои фикри қаҳрамон равшану возеҳ аст. Дар публитсистика бошад, ҷиҳати ахборӣ, қатъияти рӯйдод, худдорӣ аз ташбеҳу истиораҳои барзиёд, ба ҳадди эътидол кам кардани муколамаҳо муҳиммият доштааст. Бо вуҷуди ин, таҳқиқотҳои адабиётшиносӣ насри бадеиро бо публитсистикаи бадеӣ муқобил нагузошта, аксаран хосияташонро мушаххас медонанд ва касе падидаи бадеиятро дар адабиёти мустанаду бадеӣ инкор накардааст.

Дар сурати дигар, ин пайванд паҳлуҳои гуногун дошта, гоҳо ба баёни воқеияти айнӣ ва дар чорчӯбаи воқеияти мавҷуда ба фаъолият овардани қаҳрамон ва гоҳо баръакс, дар заминаи образи конкрет ба тасвир гирифтани рухдодҳои начандон типпи, дар мавриди дигар, дар ҳудуди макону замон, фазо ва вақти муайян ҷогузин кардани мазмуни дилхох ба тасвир гирифта мешаванд.

Насри мустанади тоҷик нисбат ба осори мансури сирф бадеӣ ҷавон аст, ҳарчанд сарчашмаҳои он бо оғози адабиёти навини тоҷикӣ (А. Фитрат, С. Айнӣ, Мирзо Сироҷи Ҳаким) тааллуқ мегирад. Дар намунаҳои ин наср авзои замон, аҷзои ҷудогонаи хислату характери қаҳрамон ба хубӣ эҳсос ва идрок мегардад.

Аммо ба сабаби ин ки вазифаи асосии адиб дар чунин асарҳо офаридани симоҳои барҷастаи адабӣ ва воқеияти шинохта аст, он аз факту далелҳои воқеияти зинда камтар кор мегирад.

Ба ҳамин тариқ, чунон ки аз таҳлили жанрҳо дар осори мустанади Ӯрун Кӯҳзод ба мушоҳида расид, ин як навъ адабиёти мобайнист, ки бештар дар ёддошт, очерк, эссе, фелетону памфлет зуҳур менамояд.

Ҳамчунин, ин навъи эҷодиётро ба ҷумлаи асарҳои асили адабиёти бадеӣ низ дохил кардан мумкин, чун он ба қонунҳои осори санъат тобеъ буда, дар асоси нишондоди ҳамин қонунмандиҳо амал мекунад. Дар ин навъи офариниш миёни нависанда ва асари таълифнамуда ҳамеша шахсияте амал мекунад, ки он аз ҳардуи онҳо тафовуте дорад. Ин шахс ба сифати ровии муҳтавои асар буда, падидаи замонро бо қаҳрамон аз тариқи истифодаи далелу тахайюл мепайвандад ва онҳоро моҳиятан омезиш медиҳад.

Ба ин тартиб, жанрҳои публитсистию бадеии очерк, эссе, лавҳа ва фелетон, памфлет дар эҷодиёти Ӯрун Кӯҳзод ҷойгоҳи хос дошта, василаи шаклии инъикос ва эҳёи афкори иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва фарҳангӣ будаанд ва дар шаклгирии афкори умум таъсири созанда доштаанд. Хусусияти жанрии ин осорро, пеш аз ҳама, низоми мундариҷавӣ, шаклӣ ва таъсиргузории зебоишинохтӣ ва ахлоқию равонии онҳо муайян ва мушаххас месозад.

БОБИ III

ТАНОСУБИ ВОҚЕИЯТ ВА БАДЕИЯТ ДАР НАСРИ МУСТАНАДИ ЎРУН КЎҲЗОД

Ҷиҳати хоси адабиёти бадеӣ образнокӣ аст. Он воситаи асосии ифодаи махсусияти адабиёт ва тасвири зебоӣ мебошад. Адабиёт вобаста ба талаботи шароит ва вазъият мутафарриқ мешавад. Албатта, талаботи қонунмандиҳои он дар ин маврид ҳам чандон тағйир намеёбанд. Бо тақозои замон тарзи инъикоси ҳақиқат дигархелтар сурат мегирад. Дар ин ҳолат, муносибату баробарӣ, мувофиқату мувозинат низ каму беш ошкорову ниҳонӣ, содаву мураккаб зоҳир мегардад, ки дар натиҷа муаммои меъёри ҳақиқат дар суханро ба миён меорад. Ба андешаи муҳаққиқ А. Саъдуллоев нависандаи асилу соҳибтаҷриба тамоми ҷиҳоти моҳияти як шахс, ҳодиса, муаммо ё чизи дигарро дар як асар тарзе ҷо медиҳад, ки он маънии мавриди назарро басо нозукона ифода менамояд.

Дар асри XX зери мафҳуми каломи бадеъ сухани образнок дониста шудааст, ки меъёри асосиаш аз тариқи образи бадеӣ иброз доштани ҳақиқат мебошад. Муҳаққиқони адабиёт ин ҳақиқатро ба воқеиву бадеӣ ихтисос додаанд. «Ҳақиқати бадеӣ бар пояи ҳақиқати воқеӣ бунёд меёбад» [120, с.79].

Дар мавриди масъалаи воқеияти насри мустанад бояд бештар аз ҳама мафҳуми «ҳақиқати воқеӣ»-ро дарк намуд, чунки дар паҳлуи он «ҳақиқати бадеӣ» меистад, ки он ҳам аз як воқеияти ҳаёт сарчашма мегирад. Масъалаи мазкур дар насри мустанад доманаи васеъро касб менамояд: «...ҳақиқати воқеӣ гуфта ҳодисаю ҳолат, ашёву махлуқот ва амсоли онҳоро гуфтаанд, ки воқеан ҳам мавҷуд буданд ё мавҷуд хоҳанд буд» [148, с.169].

Ҳангоми таҳлили асарҳои зиёди адибони рус адабиётшиносон А. Бушмин, Ю. Озеров, Ю. Суровтсев ин ҷиҳатро таҳвият бахшида, ҳамзамон таъкид кардаанд, ки ҳақиқати воқеӣ низ, агар аз ҷониби санъаткори бомасъулият ба тасвир ояд, аз нигоҳи таъсири эстетикӣ аз асарҳои бадеӣ камие нахоҳанд дошт. Ҳар як нависанда ҳақиқати бадеиро дар заминаи ҳақиқати воқеӣ тавассути

тахайюли худ эҷод менамояд. Нависандаи рус М. Горкий чунин нигоштааст: «Санъат ния дорад хубро аз будаш бештар тасвир намояд, то хуб хубтар шавад. Ва бадро, душману маслуккунандаи одамро низ аз будаш зиёд нишон медиҳад, то нафратро бедор кунаду иродаеро афрӯзад, ки айбу қабоҳати офаридаи зиндагии мешчании ҳарису зиштро барҳам мезанад. Санъат дар зоти худ аз ду муборизa иборат аст; тарафдор ё муқобил. Санъати бетараф нест ва нахоҳад буд, зеро инсон апарати суратгирӣ нест, воқеиятро «инъикос» наменамояд, балки ё тасдиқ мекунад ва ё тағйир медиҳад, хароб ё обод» [72, с.251].

Адабиёт дар ҷомеа вазифаҳои гуногун дорад: адаб омӯхтан, тарбият додан, завқ бахшидан, ба таърих супоридани рӯйдодҳои муҳимми иҷтимоӣ, барои пайравӣ ё тақлид офаридани симоҳои фаромӯшношуданӣ ва ғайраҳо. Ин ҳама ба истиснои образи мукаммал, ба публитсистика (насри мустанад) низ дахл дорад, ки дар ин замина баҳсҳои зиёде сурат гирифтааст.

Сухани дилкашу зебо ва баёноти ҳусниёти ҳаёт ҳамеша ғояҳои бардаму барҷастаи даврро пеши назари хонанда наздик оварда писанди ӯ мегардонанд. Тарзи баён ва воситаҳои тасвири бадеӣ дар иҷрои ин вазифа мададгори нависандаанд. Адиб бо тасвири олидараҷаи образҳо ба умқи афкори хонанда мерасад. Аксари асарҳои ҳуҷҷатии нависанда бо натиҷагирӣ анҷом меёбад. Аммо ин хулосабарории одӣ нест, натиҷаи фаъолияти бошуурона, таҳқиқи сарчашмаҳои маърифат аст. Ин натиҷагириҳо як навъ ҷамъбастҳои образнок ҳам маҳсуб меёбад.

Дар ин замина гуфтан бамаврид аст, ки бадеият аз ҳусниёт ва тавозуни рангҳо иборат буда, тавассути образу образнокӣ, ақидаву ғояҳои дар асоси зиндагӣ, балоғату фасоҳати сухан ба вуҷуд омада, ба тарбияи эстетикии шахси оқилу фозил саҳм мегузорад. Адабиётшинос Ю. Бобоев ду шарти асосии адабиёти бадеиро қайд намуда менависад: «Бадеият бо хусусиятҳои хоссаш соҳиби меъёру мизони муайян мебошад. Шарти нахустину асосии бадеияти асари назарписанд дар масъалаҳои муҳимми проблемавӣ ин ҳақиқати

таърихиро бо муҳокима гузоштан аст, ки онҳо равияи идеявӣ, эҳсосӣ ва мазмуни асарҳои адабиро таъйин месозанд» [69, с.97-98].

Муҳим будани бадеияти асар дар сохти мукаммали услуб, истифодаи воситаҳои муассири забон, маҷоз, ифодаҳои шоирона, сохти сарфӣ ва наҳвии воҳидҳои забонӣ зебою дилчасп ва ҷилодору рангоранг зуҳур меёбад. Ҳақиқатнигорӣ яке аз методҳои муҳим ва машҳури санъату адабиёт мебошад. Реализм ин ҳақиқатнигорист. Ҳақиқати зиндагиро тасвир кардан ҳаргиз маънои аз он сурат гирифтанро надорад, балки нависанда он ҳақиқатро ба таври воқеӣ маърифат намуда, ба ҳақиқати бадеӣ мубаддал мегардонад. Масалан, дар ҳар асаре, ки ҳақиқати ҳаёт ба таври воқеӣ инъикос гардида бошад, ҷанбаи муҳимми тарбиявӣ – ахлоқӣ дошта, хонанда аз он хулосаҳои муҳимми ҳаётӣ мебардорад. Воқеият – ин тасвири ҳаёти воқеист, ки аз каму костиҳои зиндагӣ, муносибату рафтор ва хусусиятҳои муҳимми одамон аҳаммиятноктарашро ҷудо карда мегирад: «Реализм шаклро бо мазмун зид нагузошта, ягонагии шаклу мазмуни зиндагиро ҳақиқатнигорона инъикос менамояд. Яъне, реализм ба мағзу миёни воқеа ғӯта зада, воқеаҳои зубдаю умдаро пеш меронад» [69, с.283].

Алексадр Рубашкин, ки нисфи зиёди фаъолияти хешро сарфи таҳқиқи публитсистикаи нависандагӣ кардааст, байни сухани санъаткорона ва сухани муқаррарии публитсистӣ тафовути чандон зиёдеро ба мушоҳида намегирад. Яъне бо мурури вақту тағйири психологияи хонанда ҳамвора бо дигаргуниҳои бемисл завқу талаби инсон ҳам тағйир меёбад ва ҳини хондан вай на ба тасвирҳои муҳташам, балки аслан ба муҳтавои умумӣ, тарзи тақвияти фикр ва баррасии муаммо эътибори бештар медиҳад. Маҳз аз ҳамин нуқтаи назар агар нависанда воқеан ҳам шахсияти шинохтаи ҷомеа ва ба замми он эҷодкори соҳибқалам бошад, миёни навиштаҳояш (бигузор жанру услуби ганогун – бадеӣ, публитсистӣ, рӯзноманигорӣ бошад) тафовути андак ба назар мерасад.

Ӯрун Кӯҳзод аз зумраи адибоне шинохта шудааст, ки бо завқи баланд тарзи хоси нигориши худро ба вуҷуд овардааст. Асарҳои ӯ бо ғановати маънӣ дар пояи ифодаҳои образолуд ба афкори хонанда таъсир мерасонанд. Дар асарҳои ин адиб воқеият ва бадеият таҷзияи хос меёбанд ва дар асоси он назари

таҳлиливу тавзеҳии муаллиф неру пайдо менамояд. Бо як навъ қонунмандиҳои публитсистӣ адиб ба равандҳо ва рӯйдоди иҷтимоӣ равзанаҳои мушаххаси баҳогузориҳоро соҳиб аст. Ин дидгоҳҳои адибро ҷаҳонбиниҳо, фаросату олами донишҳо, маҳорати офарандагӣ ва дарки муҳит ба таври маҷмуӣ комил гардонидаанд.

Неруи таъсирбахши осори Ӯрун Кӯҳзод дар он аст, ки андешаву афкор дар поя ва меҳвари воқеият шакл пайдо кардаанд ва ин воқеият дар домани тасвирҳову пешниҳоди ҷолиб қобили таваҷҷуҳ гардидааст. Ин воқеиятест, ки ба шаклҳои гуногун ба хонанда аз зиндагии ҳаррӯза маълумот медиҳад. Дар насри мустанади адиб чеҳраҳои воқеӣ бо ифодаҳои рангин баёнгари набзи замон мешаванд, ки дар тобеияти замону макони муайян қарор гирифтаанд. Сабку услуби фардии муаллиф ба табиати завқи хонанда мувофиқ омадаанд, ки он дар навбати аввал баёни содаи матлаб аст. Адиб дар насри мустанад шакли пешниҳоди матлабро тағйир дода, мунозираву муҳокимаронҳо бо хислати равонӣ, пеш аз ҳама, нишондиҳандаи фаҳму фаросати муаллиф гардидаанд.

Муваффақиятҳои Ӯрун Кӯҳзод ҳамчун адиб, пеш аз ҳама, ба он вобаста аст, ки ҷавҳари мақсадро дар роҳи эҷод пурра дарк карда метавонанд. Маълум аст, ки маҳз «мақсаднокии асари публитсистӣ...» [174, с.104] боис мешавад, ки муаллиф дар роҳи мақсад қаноатманду комёб гардад. Пайроҳаи мақсади муайян ва пардози баён пайкари комили ҳар як навиштаи ӯро шакл бахшидааст. Махсусан, дар офариниши чеҳраҳо муаллиф аз усул ва услуби хоси худ кор гирифта, талоши онро менамояд, ки дар такя ба қонунияти эҷоди публитсистӣ воқеияти рухдоду ҳаводиси як замону давронро нишон диҳад. Аз қонунияти публитсистикаи асил маълум аст, ки барои дар ҷомеа мавқеъ пайдо кардани муаллиф, дар насри мустанад ҷуръат ва ҳақиқатнигорӣ нақши асосӣ дошта метавонад. Ӯрун Кӯҳзод аз зумраи он адибонест, ки дар эҷодаш тамаллуқу маддоҳӣ ҷо надорад.

Албатта, мо гуфта наметавонем, ки таҳнияту тавсифҳои таркибӣ хоси асарҳои муаллиф нестанд. Дар ин самт, муаллиф аз ҷумлаи нигорандагонест, ки қаҳрамонони мусбати асарҳояшро самимона меписандад. Аммо тавсифу

таҳсинҳои корбастшуда нисбат ба образҳои алоҳида дар ин самт бештар сифатҳое мебошанд, ки на аз забони талқину ташвиқ, балки аз умқи тасвирҳои сифатии адиб ба миён меоянд. Ҳамин ҷиҳат аст, ки дар эҷоди нависанда дар баррасии симоҳои кору пайкор ва намунаи ибрат сифатбахшиҳои хушку забонзадаву лоқайдона ба назар намерасанд.

Очеркҳои «Саттори роҳбалад», «Достони муаллим», «Маликаи Маҳалла» аз ҷумлаи он офаридаҳоест, ки дар онҳо, дар заминаи чанд очерки хурд самти мақсади маълум дар муаррифӣ кардани якбора чандин симо ба миён омадааст. Адиб боз ҳам дар такя ба услуби писандидааш дар чеҳраи қаҳрамонони худ таҷассуми оҳанги рӯзро ба роҳ мегузорад. Зиндагии қаҳрамонон, рафтору хулқи онҳо ва муборизаву талоши ҳар як персонаж дар пайроҳаи мушаххас ба адиб имкон медиҳанд, ки муносибати худро нисбат ба тамоюли фарҳангиву иқтисодиву сиёсӣ ошкор намояд. Аз ҷониби дигар, ҳунармандиву таҷрибаи муаллиф боис аст, ки дар ҳама ҳолат қаҳрамони худро дар робитаву алоқамандии қавӣ бо равандҳои иҷтимоӣ қарор медиҳад. Чунин шеваи пуртаъсирии афкор дар такя ба чеҳраҳо мустанадияти навиштаҳои ӯро пайваста баланд нигоҳ медорад.

Бозгӯи рӯзгори табиии қаҳрамонон дар ин навиштаҳо меҳвари асосист ва умумигӯиҳо дар онҳо сарфи назар аст. Қаҳрамонони асарҳои нобурда муаллим, табиб, роҳбалад ва занони шуҷоъ ва дар ниҳоят шахсони меҳрубонест, ки зиндагиву фаъолият ва муборизаҳояшон омӯзандаву намунаи ибрат мебошад.

Дар ҷараёни офаринишҳои публитсистӣ шинохти қаҳрамон ва таваҷҷуҳи хос ба қаҳрамон ҳамчун як қонунияти офариниши симои арзанда ва сазовори тақлид боис мешавад, муаллиф ба қаҳрамонони худ як навъ муҳаббат низ дошта бошад. Дар асарҳои Ӯрун Кӯҳзод ба хуби эҳсос мешавад, ки нависанда на танҳо қаҳрамононашро хуб мешиносад, инчунин ба ҳар яки он дилбастагиву дилкашолии хоссае ҳам дорад.

Дилбастагиву дилкашолии муаллифони осори адабӣ гувоҳи онанд, ки онҳо симои қаҳрамони худро маҳз дар ин партав ҷило бахшида метавонанд.

Ӯрун Кӯҳзод дар нишон додани симои ботинии қаҳрамони худ шитоб надорад. Ӯро бештар падидаҳои мусбату манфии муҳиту фазои замонҳо мутаваҷҷеҳ менамоянд. Дар баробари ҳунари баланди нигориш саҳнасозиҳоро дар очерки мустанад бидуни ташреҳу баҳогузориҳои муаллиф низ тасаввур кардан душвор аст. Ин усул бештар унсури воқеияти асарро таъмин месозад ва хонандаро ба дарки ҳақиқат даъват менамояд.

3.1. Воқеият ва бадеият дар насри мустанад

Бузургии сухан дар забон ва услуби нависанда зоҳир мегардад ва ҳарду якҷоя як шарти муҳимми баланди мундариҷаи ғоявии асари бадеӣ ва публитсистӣ ба шумор меравад. Сабк ҳам хусусияти умумӣ ва ҳам характери фардӣ дорад. Он маҷмуи унсурҳои шакл ва мундариҷа дар иртибот бо ҳамдигар аст. Агар дар вусъати шакл хусусиятҳои забон, тартибу таносуб ва ҷузъиёти бадеӣ қарор гирад, дар бунёди мундариҷа мавзуъ, ғоя, ҳадаф, ҷаҳонбинӣ ва масоили амсоли он ҷой дорад. Ҷиҳати аввалиндарачаи фарқкунандаи осори адибон маҳз тавассути услуби фардии онҳо муайян карда мешавад. Пас, ҳангоми омӯхтани ҳамагуна асари эҷодшуда танҳо дар хусуси мундариҷаи ғоявӣ баҳс намуда, таҳлили забон ва услуби онро беаҳаммият гузоштан ва ё чизи дуввумдарачаҳисоб кардан дуруст нест. Омӯхтани забон ва услуби ҳамагуна асар, пеш аз ҳама, имконият медиҳад, ки мундариҷаи ғоявӣ, хислатҳои миллии асар ва мароми эҷодии нависанда пурра ва дуруст муайян карда шавад.

Ба андешаи М. Шакурӣ адабиёт дар шаклу услуб маҳдудиятро намедонад ва барои ривоҷу равнақи истеъдоди нависандагоне, ки роҳу равиш, майлу рағбат ва эстетикаву поэтикаашон аз якдигар хеле фарқ доранд, мусоидат менамояд. Ягона шарте, ки дар ин масъала ба миён гузоштан мумкин аст, ҳамин хоҳад буд, ки он тарзу шаклҳои мухталиф дар роҳи зоҳир кардани ҳаёт, дар роҳи образҳои барҷастаи инсонӣ бояд мамонинят накунанд.

Муҳимтарин хусусияти насри тоҷик дар давраи ҳозираи инкишофи он ин аст, ки гуногунии услубҳои он аз роҳи навпардозӣ рӯз то рӯз афзуда истодааст. Кӯшиши нависандагон дар роҳи таҳқиқу ҷиҳатҳои нав ба нави воқеият, дар роҳи ҳарҷониба ва амиқтар нишон додани олами ботинии ҷомеаи имрӯза боиси ин шуд, ки дар соҳаи услуб, дар соҳаи аз худ кардани шаклҳои гуногуни тасвиркории воқеӣ, ҷустуҷӯҳои пуршиддати эҷодӣ ба амал омад. Ин ҷӯяндагӣ нафақат дар эҷодиёти баъзе аз насрнависони намоён натиҷаҳои муҳим дод, балки дар асарҳои нависандагони ҷавон ҳам бенатиҷа намондааст.

Нависандагони адабиёти муосири тоҷик ҳар кадоме сабки хоси фардӣ дошта ба яке аз ҷараёнҳои услубии насри муосири тоҷик мансубанд, аз ин ҷиҳат аз ҳамдигар фарқ дошта бошанд ҳам, дар айни замон асарҳои онҳо баъзе хусусиятҳои умумиро доро мебошанд. Ин хусусиятҳои умумӣ аз махсусиятҳои худи воқеияти ҳаёт, ҷаҳонфаҳмии халқ ва диди эстетикии эшон ҳосил шудаанд. Бояд гуфт, ки хусусиятҳои хоси халқи тоҷик ва сайри таърихии маданияти он дар адабиёташ ҳамеша инъикос гардида ва имрӯз низ ҳамин ҳолат ба мушоҳида мерасад.

Дар бораи таҳқиқи забон ва услуби нигориши насри мустанад сухан ронда, мо пеш аз ҳама, хизмати барҷастаи устод Садриддин Айниро ба хотир меорем. Садриддин Айнӣ дар рисолаҳои худ «Устод Рӯдакӣ», «Камоли Хуҷандӣ», «Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ» ва ғайра, инчунин дар асари тазкиравии худ «Намунаи адабиёти тоҷик» муҳимтарин хусусиятҳои забон ва услуби шоиронро кашф намуда, дар бораи онҳо, мухтасар бошад ҳам, маълумоти пурқиммати илмӣ додааст.

Мақолаҳои сершумори устод Айнӣ дар замони шуравӣ муҳимтарин воқеаҳои рӯзмараро фаро гирифта, боиси пешрафти ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии мардум гардидаанд.

Адабиётшинос А. Маниёзов моҳияти публитсистикаи соҳои 20-уми асри ХХ тоҷикро чунин арзёбӣ менамояд. «Очерку публитсистика дар бобати инъикос намудани воқеаҳои таърихӣ ва дарбар гирифтани масъалаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ воситаи муҳим буд. Махсусан, мақолаҳои публитсистии С. Айнӣ ва А. Мунзим дар солҳои инқилоб нақши калони ташвиқотӣ ва тарғиботӣ бозида дар айни замон барои пайдоиши насри реалистии тоҷик заминаҳои мусоид фароҳам овардааст» [105, с.11].

Кори дар ин бобат оғоз кардаи устод Айниро донишмандони тоҷик, чун А. Мирзоев, Ш. Ҳусейнзода, Н. Маъсумӣ, С. Табаров, М. Шакурӣ, М. Муродӣ ва дигарон давом ва инкишоф додаанд. Фикру мулоҳизаҳои олимони мазкур дар бораи ҳунари тасвирии осори публитсистии ҳам шоирону нависандагони классикӣ ва ҳам шоирону нависандагони муосири тоҷик ифода меёбад.

Муҳаққиқ Е. Прохоров дар публитсистика тавъамии ду паҳлуи баён–андешаронӣ ва воқеабандиро шарти зарурӣ мешуморад. Дар публитсистикаи тоҷик нимаи солҳои 30 ва 40-и садаи ХХ бошад, асосан, усули воқеабандии публитсистӣ мавқеъ пайдо карда буд. Адибони тоҷик ба монанди М. Турсунзода, С. Улуғзода, М. Миршакар, Р. Ҷалил рӯйдодҳои гуногунро бо факту далелҳои мушаххас воқеабандӣ намуда, дар қолаби мухталифи жанрҳои публитсистӣ асарҳояшонро пешкаши хонанда гардонидаанд, вале дар ин асарҳо масъалагузорӣ ва таҳлили вусъатнок кам ба назар мерасад, ки ин ҳолат аз назари муҳаққиқон дур намондааст.

Аз солҳои 50-ум ва махсусан, аз ибтидои солҳои 60-ум сар карда, дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаи шуравӣ тағйироти назаррас ба вуқуъ пайваст ва табиист, ки ин таҳаввулот, аз ҷумла, ба инкишофи мундариҷавию сохтории насри мустанади тоҷик низ боис гардид. Насри мустанади тоҷик аз тамоми жанрҳо чун мақола, лавҳа, очерк, эссе, фелетон, памфлет истифода карда, воқеаву рӯйдодҳои мушаххаси ҳаётӣ ва ҳодисаҳои муҳимми рӯзмарраи зиндагиро мавриди таҳлилу муҳокима қарор додаанд.

М. Муродов дар китоби «Аз замон то замон» мутахассисони варзидаи ин давраро ба қисматҳои адибон–публитсистон, рӯзноманигорон–публитсистон ва муҳаққиқон–публитсистон ҷудо карда, ба қисмати адибон–публитсистон Ф. Муҳаммадиев, А. Сидқӣ, И. Файзуллоев, Ш. Ҳаниф, Б. Муртазоев, Н. Табаров, И. Насриддин, А. Ҳамдам, Ӯ. Кӯҳзодро шомил намудааст.

Дар қатори адибон – публитсистони варзида ном бурдани Ӯрун Кӯҳзод бамаврид аст, зеро нависанда аз рӯзҳои аввали ба эҷодиёт рӯй овардан то ин ҷониб асарҳои зиёде дар қолаби жанрҳои серистеъмоли насри мустанад таълиф намудааст, ки сабку услуби хоси худро дорост. Дар аввалин мақолаву лавҳаҳои адиб ҳамчун субъект ба омма таъсир расонидани муаллиф ва вобаста ба вазъият боиси афзудани масъулиятнокии қишрҳои гуногуни ҷомеа гардидани таълифоти ӯ баръало ба мушоҳида мерасад. Чи тавре ки аз мақолаҳои «Қадри сухан», «Агар салоҳе мехоҳем...», «Мо ҳама қарздорем» бармеояд, муаллиф оммаро ба он даъват мекунад, ки ба кору вазифаи худ лаҳзае бемасъулият

набошанд, зеро бетафовутӣ дар ҷомеа зуҳуроти номатлуб аст ва меваҳои талх ба бор меоварад. Масъалагузорӣ ва таҳлили фарогир ба муаллиф имконият медиҳад, ки бо усули махсуси баён аҳаммияти иҷтимоии мавзуи матраҳшавандаро возеҳу равшан ошкор намояд.

Дар мавриди забон ва услуби нигориши осори мустанади Ӯрун Кӯҳзод андеша ронда, зарур донистем доир ба чанд фелетони маҷмуаи фелетону мақолаҳои нависанда бо номи «Ахлоқи воло, дафъи бало» мулоҳиза намоем. Пеш аз ҳама, мехоҳем доир ба созмони маҷмуа назар афканем. Маҷмуа ҳам беҳтарин асарҳо ва ҳам он фелетону ришханд ва мақолоти адибро фаро гирифтааст, ки дар замони шуравӣ таълиф ва дар матбуоти даврӣ чоп шудаанд, ки ба ақидаи муҳаққиқон ба дарди ҷомеаи имрӯза камтар бар мехӯрад. Аммо дар он миён фелетоне бо номи «Се раҳакӣ аз се ҳизб» низ ҳаст, ки ба дардҳои даврони истиқлол ба тавлиду фаъолияти азҳоби ҳизби бахшида шудааст.

Нависанда лидерҳои навбаромадро атрофи кулли масоили давлатдорию халқпарварӣ ба баҳс мекашад. Мирбақо (Бародарон) муътакид аст, ки «пул пулро меёбад. Бунёди ҳамагуна пешрафт иқтисод аст», Мирвафо (Баробарон) роҳи пулёбиро дар «савдои афюну героин» мебинад.

Чунин дахли ҷасуронаву боҷуръат минбаъд хоси насри мустанади Ӯрун Кӯҳзод мегардад. Адиб дар мақолаи «Минбару дор офарид», ки дар маҷмуаи номбурда ҷой дода шудааст, бо як ҳисси ватандӯстӣ аз Истиқлоли кишвар ҳарф мезанад. Ба ақидаи нависанда, Истиқлоли давлатӣ ва забонӣ дастоварди андак нест, барои чунин комёбӣ тамоми равшанфикрони чи дохил ва чи беруни кишвар талошҳои зиёд ба харҷ додаанд, вале «дар созмон додани ин ду асоси давлатдорӣ» саҳми Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон беқиёс аст. «Ин хидматҳои мудовим ва қаҳрамонона, шояд ба дилу шуури на ҳама кас расида бошад, вале рӯзгор гувоҳи холис аст ва ин корномаҳо дар таърихи миллат ва давлат бо хатҳои заррин навишта хоҳад шуд» [35, с.94].

Мақола бо дили ҳассоси эҷодкор, бо пафоси баланд нигошта шудааст ва хуб метавон дарк кард, ки муаллиф неъмати олӣ – истиқлоли миллату давлаташро бениҳоят арҷ мегузорад ва омода аст баҳри барқарории кулли

рукнҳои ҳаёти ободон – сулҳу ваҳдат, ахлоқи воло, маърифати сартосарии ҳуқуқӣ то ҷон дар тан доштан талош ба харҷ диҳад. Саҳланкорӣ дар ин ҷабҳаро ӯ ҷиноят меҳисобад, ба ҳарифони ғояҳои олиашон нафрат дорад.

М.С. Черепахов дар асарҳои публитсистӣ мавқеи муайянкунандагӣ доштани усули такрорро таъкид мекунад: «Дар тарғиб, аз ҷумла публитсистика, усули такрори мавзуъ, ғоя, муҳокима, даъват ва тавсияҳое, ки ба хабарҳои ба навъҳои муайяни далелҳо ва ҳолатҳои ҳақиқати иҷтимоӣ мақсаднок ҷудо шудаанд, аҳаммияти муҳим дорад» [186, с.248]. Дар ҳақиқат, баргаштан ба мавзуъ, ғоя, муҳокима ва пешниҳодот, агар ин масъала эҷодкорона истифода шавад, дар хонанда майлу рағбати бештаре бедор мекунад. Зиёда аз ин, хониши батакрори як матн, агар муаллиф вазъи ҷомеа ва майли хонандаро ба ҳисоб гирифта тавонад, сифату таъсирнокии матнро меафзояд. Бинобар ин, аз такрори бомавқеи матни публитсистӣ ҳаросидан лозим нест, зеро он барои возеҳтар кушодани ҳақиқати воқеӣ мусоидат мекунад.

Дар эссеи «Акашариф – Борбади асри ХХ» Ӯрун Кӯҳзод аз усули такрор кор гирифтааст. Ва ин усули такрор бамавқеъ истифода шудааст, ки муаллиф бо истифода аз ин сабк ба хонанда собит кардан мехоҳад, ки қаҳрамонаш Акашариф Ҷӯраев бо осонӣ ин ҳунари волоро ба даст наовардааст: «Акашариф ба осонӣ Борбади асри 20 нашудааст». Ҳамин ҷумла дар асар такроран дарҷ гардидааст ва дар тақвияти ин гуфта муаллиф ҳамаи машаққату заҳматҳои қаҳрамонро як ба як бо ифодаҳои пурмазмун қайд намудааст.

Ӯрун Кӯҳзод усули асосан мутоиба дорад. Қаҳрамону персонажҳои асарҳои ӯ гӯё бо ҳам суҳбат мекунанд, суҳбати онҳо гоҳ бисёр самимӣ, маҳрамона, ҳамчун устоду шогирд, падару писар, ҳамсолу ҳамнасл, аммо пур аз андарз, нешханд ва зарофат аст. Ин ҷиҳатро бахусус дар ришханду фелетон ва лавҳаҳои ӯ «Деҳ куҷову...», «Аҳли рикоб», «Нимча», «Навбати шумо кай», «Одамони нағз бисёранд», «Эҳё ва марг», «Якрангӣ», «Майдон аз далер аст», «Аккалингак», «Моҷарои гов», «Намакчашак» ва ғайра равшан метавон мушоҳида кард.

Дар ҳамаи давру замон симои ахлоқӣ, эҷодӣ ва шаҳрвандии санъаткор басо дақиқу амиқ дар созмони образҳои офаридааш инъикос меёфт. Қаҳрамонони Ӯрун Кӯҳзод аксар маврид бо олами романтикии худ хонандаро мот мекунанд. Вале ҳарчи бисёр шавад, хор шавад. Байни асарҳои марғуб гоҳо навиштаҳое ба чашм мерасанд, ки қимати қазоии бадеӣ – эстетикӣ надоранд. Қисми зиёди мақола ва эссеҳои маҷмуаи «Ахлоқи боло, дафъи бало» ба ин мисол шуда метавонад.

Мавзуи асар, ҳодиса ва воқеаҳои дар он тасвиршаванда нависандаро водор менамояд, ки ба услубҳои мухталифи нутқ муроҷиат намояд, аз хазинаи сухан дурдонаҳоеро интихоб кунад, ки барои айнан, ҷоннок ва воқеӣ тасвир кардани объекти муҳокима мувофиқ ва зарур бошанд.

Адиб ба мавзунии устухонбандии насри мустанадаш низ диққати хосе медиҳад. Аз ин ҷиҳат тасвири портрету манзараҳои табиат дар бархе аз нигоштаҳояш ҳамчун унсури сохторӣ дар мавқеи худ омада, барои ифодаву ғояи асар то андозае нақш мебозад.

Забони навиштаи публитсистикаро забони ақл номидан мумкин аст, ки он низ ҷузъӣ аз забони адабист. Забони навишторӣ дар осори мустанад аз заруриятҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Махсусияти мавзуъ ва ҳадаф махсусияти баёнро низ ба вуҷуд меорад ва забони публитсистика забони адабии образнок аст.

Дар раванди такомул, инкишоф ва инъикоси пурраи бойгарии забон дар баробари адабиёти бадеӣ насри мустанад низ нақши бузурге мебозад, зеро дар насри мустанад ҳамагуна фикр, ҳис ва ҷараёни зиндагиву фаъолияти одамон бояд дар сатҳи комил сурат гирад.

Яке аз тобишҳои сабкии Ӯрун Кӯҳзод забони асарҳояш мебошад. Ӯ нависандаест, ки дар эҷодиёти худ ба масъалаи корбурди забон ё сухан, ки «аз арши барин омадааст», хеле нозукона муносибат мекунад. Аз аввалин ҳикояҳояш сар карда, то лавҳаву очерк ва мақолаҳои публитсистӣ бо забони шевову равон ва оммафаҳми тоҷикӣ эҷод гаштаанд. Забони асарҳояш иборат аз забони ноби адабӣ бо истифодаи ганҷинаҳои гӯйишҳои мардумӣ хеле писанду

намакин аст. Муҳаққиқон А. Саъдуллоев, Ҷ. Бақозода, С. Саъдизода ва дигарон дар мақолаҳои хеш оид ба забони асарҳои Ӯрун Кӯҳзод бо баёни афкори арзишманд саҳмгузорӣ кардаанд.

Аз ҷумла, нависанда А. Абдуҷабборов дар китобаш «Кӯҳсоро, Кӯҳзодо!» (2020) дар мавриди забони асарҳои Ӯ. Кӯҳзод чунин андеша намудааст: «Кас агар асарҳои бадеӣ ва публитсистии устод Кӯҳзодро банд ба банд бодиққат бихонад, ба маънои калимаву ибораву ҷумлаҳо зеҳн монад, бешак, назокату латофати тасвир, оҳангу тобиши суханро эҳсос менамояд, мусиқии дар умқи онҳо ниҳонро мешунавад, зарбҳои гуногуни онро баръало пай мебарад» [55, с.90].

Мувофиқи талаботи меъёрҳои эҷодӣ дилхоҳ асар бояд бо забони сода ва оммафаҳм эҷод гашта, аз ҷиҳати ҳунари тасвирӣ фасеҳу образнок бошад. Муҳаққиқ С. Саъдизода дар бораи хусусиятҳои забонии осори адиб чунин навиштааст: «Метавон дарк кард, ки насрнависи ҷавон на фақат ба мазмуни асараш, балки ба шакли он низ этибори махсус медиҳад. Кӯҳзод бисёр муъҷаз ва конкрет менигорад» [159, с.98]. Тарзи баён ва забони асарҳои нависандаро муҳаққиқ Ҷӯра Бақозода чунин баҳогузорӣ намудааст: «Тарзи баён ва забони асарҳои нависанда хеле равону табиист. Умуман, ба сабки нависанда бархӯрди шадиди воқеаҳо, қувваҳои тазод, ба мавқеи нишонрас истифода шудани ҷузъиёт, ташбеҳу тавсифҳои ҳаёти хос аст. Хусусияти арзишманди ин услуби нигориш аёнияти мантиқи сухану тасвир, пайгирона муназзаму саҳеҳ дар образу лавҳаҳои бадеӣ амалӣ кардани нияти эҷодии нависанда мебошад, ки асарҳои мустанад ва бадеӣ ба хотири он эҷод мешавад» [55, с.38].

Ӯрун Кӯҳзод дар бораи он ки нигоштаҳои нависандагон ва рӯзноманигорон дар жанрҳои насри мустанад чи гуна бояд бошад, дар мақолаҳои худ ишора намудааст. Инчунин, дар мавзуъҳои сухану қадри он ва дар мавзуи ҳусни баён низ мақолаҳо таълиф намудааст. Мақолаҳои ӯ бо забони оммафаҳм навишта шудаанд ва дар маҷаллаву рӯзномаҳо (аз қабили «Савту калом» рӯзномаи «Маориф ва маданият» (1979) «Қадри сухан», рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» (1987), «Масъалаҳои насри муосир» маҷаллаи «Садои

Шарқ» (1988), «Агар салоҳе мехоҳем...! (забони давлатӣ)» ҳафтаномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» (2000) чоп шудаанд .

Табиист, ки Ӯрун Кӯҳзод дар зиндагӣ, он тавре ки баъзе аз қаҳрамонҳои навиштаҳояш андешаҳояшонро баён кардаанд, ҳарф намезанад, зеро ҳаёти воқеӣ ва воқеияти бадеӣ аз ҳам фарқ доранд. Асари бадеӣ ҷаҳони рамзу тамсилҳост. Бо вуҷуди ин тарзи баён ва забони навиштаҳои Ӯрун Кӯҳзод хеле равону табиист. Умуман, ба сабки нависанда барҳӯрди шадиди воқеаҳо, қувваҳои мутазод, аз мавқеи нишонрас истифода шудани ҷузъиёт, ташбеҳу тарафҳои ҳаётӣ хос ва дигар воситаҳои тасвири ҳаётӣ аст. Дуруст аст, ки ба тақозои мавзуву масъалаҳои иҷтимоию сиёсӣ тарзи баёни асарҳои Ӯрун Кӯҳзод бадеии публитсистист.

Очеркҳои нависанда бо вуҷуди тасвири моҳиронаи инсонҳои кору пайкор инчунин, забон ва услуби равону сабки хоссаро дорост. Дар очеркҳои нависанда нақши забон ҳамчун олоти тафаккур ва маводи асосии нависанда боз ҳам меафзояд: «инъикоси корҳои бузург талаб мекунад, ки суханҳо низ олӣ ва пурмазмун бошанд» [204, с.50].

Бояд гуфт, ки нависанда дар насри мустанади ба дараҷае бояд сода ва оммафаҳм нависад, ки хонанда гуфтаҳои ӯро равшан фаҳмад ва дар айни замон нигоштаҳои ӯ дилчасп ва шавқангез барояд. Устоди бузурги сухан С. Айнӣ менигорад, ки: «Бояд нависанда аз ҷиҳати забон дар ҷое истад, ки дасти халқ ба вай расад ва бо як ишорат ва ҳимояти ӯ халқ ба паҳлуи ӯ баромада тавонад» [196, с.160]. Метавон гуфт, ки нависанда агар дар осораш аз забони меъёр ва забони зиндаи халқ самаранок истифода карда тавонад, он гоҳ асари хуби публитсистӣ ва бадеӣ меофарад.

Нависанда сужети очерки «Саттори роҳбалад» ва банду басти онро хеле моҳирона сохтааст, ки ба чолокӣ, камгапию бурдбории Саттор ва муносибати норавшани сарварони эскадрони ҳарбӣ ба вай алоқаманд аст. Нависанда имкон ёфтааст, ки ба туфайли тасвири чандпаҳлу дар очерки мавриди назар фитрати Саттори камгапи фалғарӣ, қувваи калони маънавию ҷисмонии ӯ, муҳаббати беандозаи вайро ба ватанаш бо забони сода ва зебо таъкид созад ва нишон

диҳад, ки чи тавр дар арзи чанд соат вай дар назари ҳамроҳонаш аз як роҳбалади одӣ ва марди деҳотӣ ба қаҳрамон табдил ёфт. Яъне, нависанда тавонистааст, ки симои барҷастаи як қаҳрамонро бо содабаёнӣ тасвир намояд.

Калимаҳо дар забони халқ дар давоми асрҳо аз санҷиш гузашта, ҷило, рехтагӣ ва содагию возеҳии ҳайратангезе пайдо мекунанд. Кӯтоҳбаёнӣ, ки асоси лавҳанигории «саҳли мумтанеъ» аст, пеш аз ҳама, дар забони халқ ҷараён дорад. Нависанда ба воситаи интихоб ва дар мавқеи худ дарҷ кардани калима, ибораҳои халқӣ, барҷаста ва самимӣ тасвир кардани воқеаҳо, кушодани характери қаҳрамонҳои худ имконияти беандоза бузург пайдо мекунад.

Албатта, қайд кардани ҷиҳатҳои мусбати истифодаи забони халқ, чунин маънӣ надорад, ки нависанда ҳар луғат ва ё ибораеро, ки дар гуфтугӯ мешунавад, ба кор барад. Забони халқ ба нависанда маводи хом медиҳад. Нависанда ин маводи хомро аввал дар лабаратории эҷодии худ санҷида, дар кӯраи фикр обутоб дода, баъд ба омма пешкаш мекунад. Маҳз дар ҳамин сурат хидмати бузурги нависанда ба таври дурахшон намоён мегардад.

Ӯрун Кӯҳзод низ ҳамчун намояндаи бомаҳорати насри тоҷик ба истифодаи бойгарии забони халқ, асосан, аз ҳамин нуқтаи назар наздик мешавад. Луғатҳои халқӣ ба асарҳои публитсистии ӯ содагӣ, возеҳӣ, ҷозибаю рехтагӣ бахшидааст. Дар кор фармудани луғатҳои халқӣ – гуфтугӯӣ адиб, асосан, ба забони аҳолии вилояти Суғд, ки қаҳрамон ва иштирокчиёни очерки зикршуда сокинони ин минтақа мебошанд, такя намудааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар забони асарҳои публитсистӣ кор фармуда шудани калима ва ибораҳои халқӣ – гуфтугӯӣ танҳо вобаста ба хусусиятҳои мавзуъ, жанр, метод, услуб ва тарзи ифода муносиб ва мувофиқ меафтад. Бинобар ин дар интихоб ва истеъмоли ин гуна амалҳо маҳорат ва забондонии нависанда нақши асосӣ мебозад, ки инро мо дар таҷрибаи эҷодии Ӯ. Кӯҳзод хеле равшан мушоҳида мекунем.

Дар давоми тасвири воқеаву ҳодисаҳо дар очерки «Саттори роҳбалад» мафҳумҳо ва амалҳои бисёре дучор мешаванд, ки дар ифодаи онҳо шаклҳои гуногуни забонӣ мавҷуданд. Қисме аз мафҳумҳо дар забони адабӣ синонимҳои

худро доранд, ки нависанда бо мақсади табиӣ ва пурмуҳтаво баромадани очерк аз онҳо кор гирифтааст, монанди: пашша, боб, уреб, дунг, ҷар, фук, луч, киса, ёзондан, ғелидан, из, анча, дос, қуллоб, буздилӣ ва ҳоказо.

Қимат ва аҳаммияти калимаҳои мазкур на фақат дар он аст, ки нависанда онҳоро ҳамчун унсури зарурии масолеҳи забон истифода кардааст, балки дар он ҳам мебошад, ки онҳо барои ба вуҷуд овардани манзараи табиат ва зиндагӣ чун ҳиссае аз воқеият нақши муҳиммеро адо намудаанд. Ӯрун Кӯҳзод барои табиӣ баромадани воқеаи тасвирнамудааш калимаи «боб»-ро истифода намудааст. Адиб ин калимаро дар чанд ҷо бамаврид кор фармудааст. Дар забони адабӣ калимаи номбурда синонимҳои зиёдро дорост. Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» калимаи «боб» ба чанд маънӣ омадааст, аз қабили; 1) падар; 2) шоиста, лоиқ, муносиб; 3) роҳ, тариқ; 4) дар, дари хона, дарвоза.

«Онҳо мавқеи худро ҷои боб медонистанд ва дар ҳолати муҳофизат меистоданд» [13, с.136].

Нависанда калимаро дар мавриди хеш истифода карда, онро чун муродифи калимаи «муносиб» кор фармудааст, аммо дар забони гуфтугӯӣ ва адабӣ ҳар кадоми ин шаклҳо, монанди баъзе синонимҳои дигар мавриди муайяни истеъмолӣ дорад.

Инчунин, дар очерки номбурда муаллиф калимаи «фук»-ро истифода намудааст. Ин калима бо тобишҳои махсуси маъноиаш омада, як навъ вазифаи услубиро ифода мекунад ва дар асар ба маънои даҳони инсон кор фармуда шудааст. Калимаи «фук» муродифи калимаи «манаҳ» буда, ин ду калимаи ҳаммаъно ҳам дар забони зинда ва ҳам дар нутқи китобӣ – дар ҳама услубҳои суханронӣ ифодаи умумист.

Ба ин монанд муаллиф калимаҳои гуфтугӯии «анча» ва «ёзондан»-ро дар очерк ҳангоми тасвири воқеаҳо кор фармудааст. Ин калимаҳо, аслан хоси шеваи мардуми шимоли Тоҷикистон мебошанд. Синоними калимаи «анча» «хеле», «зиёд», «бисёр» аст, ки дар нутқи китобӣ истифода мегардад. Дар осори адибони классики форсу тоҷик бошад, баъзан калимаи муродифаш «хайле» кор

фармуда шудааст. Масалан, дар осори Шайх Саъдӣ чунин омадааст: Андак – андак хайле шавад ва қатра – қатра саҳле гардад.

Нависанда калимаҳои анча (хеле), ёзондан (дароз кардан)-ро дар шакли гуфтугӯӣ моҳирона ва бамаврид истифода намудааст: «Ҷанговарон дурустакак арақ карданд ва якта – нимтаҳо анча ақиб ҳам монданд. Михаил ба тарма расида истод. Ақибмондаҳо низ расида омаданд. Командир «дамгирак» эълон кард. Як аскар даст ёзонида, каф зада барфаки рӯйи тармаро гирифт» [13, с.138].

Дар забон маънои маҷозӣ гирифтани феълҳо ба тарзи истеъмол, шароити кор фармуда шудани онҳо вобаста аст. Калимаҳои феълӣ, ҳамчун қоидаи умумӣ, вақте маънои маҷозӣ мегиранд, ки дар иҳотаи калимаҳои нав, алоқаҳои нави наҳвӣ оянд. Хусусияти барҷастаи маҷозҳои феълӣ дар он аст, ки бо иштироки онҳо тамоми матн тобиши маҷозӣ ва киноявӣ пайдо мекунад.

Феълҳои муқаррарӣ дар услуби гуфтугӯӣ вобаста ба алоқаи нави наҳвӣ бо калимаҳои ҳампаҳлуи худ тобишҳои маҷозӣ гирифта, ҳамчун унсури гуфтугӯӣ ифода меёбанд. Ин хусусиятҳоро дар баробари асари бадеӣ пайдо намудан, инчунин, дар асарҳои публитсистӣ низ мушоҳида кардан мумкин аст. Ҳамаи инро дар мисоли феълҳои гуфтугӯӣ – халқии «Саттори роҳбалад», «Одамони нағз бисёранд», «Якрангӣ» пурра мушоҳида намудан мумкин. Ӯрун Кӯҳзод ин гуна феълҳоро барои воқеӣ ва бо тамоми ҷузъиёташ тасвир намудани воқеаҳо фаровон ба кор бурдааст. Масалан: калимаи «задан» дар мисолҳои «Михаил Шишкин бо ҳамин мақсад ҷеғ зад», «зуд роҳгум задан ҳам мумкин», «чашмони суғдиёнааш барқ заданд», «худ ба худ гап мезад» ва ғайра. Мавқеи феъли «задан»-ро нависанда чунон устувору мустаҳкам кор фармудааст, ки ҳатто бо наздиктарин муродифаш иваз намудани он ба тамоми матн таъсири манфӣ мерасонад.

Феъли «задан» дар ин маврид бо тамоми мундариҷаи матн, ғояи асар, мақсади эҷодии муаллиф алоқаманд шуда меояд ва аз ин рӯ, дар айни ҳол ҳеҷ яке аз синонимҳои адабии он дар адои ин вазифа мувофиқ ва қодир нестанд. Чунончӣ: «Яке аз ҷанговарон, ки ҳамин ҳозир қариб ба фук зада буду дароз–

дароз нафас мекашид, ба Михаил шунавонида гуфт», «Баданаш гӯё чандиртар шуд, чашмони суғдиёнааш барқ заданд», «Лекин дар ин хел ҷоҳо зуд роҳгум задан ҳам мумкин» [13, с.138].

Ин гуна нигоштаҳои дилчаспу шавқангез ва бо ҷумлаҳои сода баён гардида дар осори публитсистии Ӯрун Кӯҳзод хеле зиёд ба назар мерасад. Тамоми навиштаҳои нависанда бахусус навиштаҳояш дар жанри очерк бо як истеъдоди баланди эҷодкорӣ таълиф шудааст, ки забон ва сабки фардии Ӯрун Кӯҳзод мебошад.

Таркиби (таъбирҳои) фразеологии луғати очеркҳои нависанда низ аз калима ва ибораҳое иборат мебошанд, ки ба мақсади тасвир мувофиқ ва ниҳоят аниқ интихоб шудаанд ва ҳамагӣ дар таркиби луғавии забони миллии тоҷик мавҷуд буда, дар асарҳо мавқеи муайян доранд.

Таркибҳои фразеологӣ монанди гурӯҳҳои ҷудогонаи луғавӣ ба соҳаҳои гуногуни зиндагонӣ алоқаманд буда, хусусият, руҳия, ғоя ва амалиёти гуногуни одамонро ифода мекунанд. Таркибҳои фразеологии очерки «Саттори роҳбалад», асосан, аз таъбирҳое, ки ҳамчун феълҳои номӣ кор фармуда мешаванд, иборатанд. Чунин таъбирҳо ба гурӯҳи феълҳои таркибӣ дохил мешаванд. Бо вуҷуди ин, онҳо танҳо ба туфайли маънои маҷозиашон ифодаи идиоматикӣ (ифодаи маҷозие, ки ба забони дигар айнан тарҷума карда намешавад) гирифта метавонанд: лоф задан, хун ошомидан, ба табъи дил омӯхтан, даҳон ба даҳон гаштан, чашм давондан, ҷигар сӯхтан, чашмак задан ва ғайра. Дар таркиби ин навъ ибораҳои фразеологӣ, одатан, узвҳои бадан: даҳон, ҷигар, дил, чашм ва амсоли инҳо дохил мегарданд:

«Нахӯр, – гуфт Саттор, – роҳгардӣ душвор мешавад. Ҷигарам сӯхт» [13, с.138-139].

«Фалғариро зинда мегирем, хунашро меошомем». «То омадани онҳо Михаил мавқеъро табъи дил омӯхта, як даҳ қадам росттар аз ҷойи баромадаашон косагие дид». «Дар ҷангҳои Фарғона, дар мушкилтарин мавридҳо мардонагӣ нишон дода буд, ки шуҳрати корнамоиҳояш даҳон ба даҳон мегашт». «Командир чашмони зардчаи на он қадар калони андаке

фурӯрафтаашро боз ҳам тангтар кард ва номаълум аз по то сари Саттор, ки дар паҳлуи харсанг меистод, чашм давонид». «Саттор дар ҳамин ҷо истод – онҳо дам рост карданд». «Роҳи уреб, баъди рост баромадани роҳи сахт, то дараҷае ба назарашон дамгирӣ барин намояд ҳам, дилу бедилон қадам мепартофтанд» [13, с.139].

Ибораҳои «ҷигар сӯхтан» ба маънои ташна шудан, «хунро ошомидан» – азоб додан, лату кӯб кардан, куштан, «даҳон ба даҳон гаштан» – овозадор шудан, шуҳрат пайдо кардан, соҳиби иззату эҳтиром шудан, «чашм давондан» – нигоҳ кардан, «дам рост кардан» – истироҳат кардан, «панҷ панҷа барин донистан» – аз уҳдаи кор баромадан, корашро аз дигарон беҳтар донистан, «дилу бедилон қадам партофтан» – норизоёна роҳ гаштан, нахостан ва мисли инҳоро мефаҳмонанд.

Дар забони «Саттори роҳбалад» ибораҳои фразеологие, ки истеъмол ёфтаанд, мувофиқи ифодаи мақсад дар матн, асосан, ба ду маъно кор фармуда мешаванд:

а) Агар дар таркиби онҳо узвҳои бадани инсонӣ: дил, ҷигар, панҷа, даҳон, чашм ва ғайра бошанд, онҳо бештар барои ифодаи ҳолат хизмат мекунанд: «дилу бедилон қадам партофт» – нахост, «чашм давонд» – нигоҳ кард, «ҷигараш сӯхт» – ташна шуд.

б) Агар таркиби чунин ибораҳо аз дигар хел калимаҳо иборат бошад («шаб пухт» – шаб шуд, «ба оғӯши торикӣ даромад» – шаб фаро расид ва ҳоказо), бештар барои ифодаи амал ва натиҷаи он кор фармуда мешаванд.

Таркибҳои фразеологие, ки дар очерки номбурда дида мешаванд, мисли маънояшон устуворанд. Масалан, «ҷигар сӯхтан» маҳз ба як маъно хос шуда мондааст. Агар ба ҷои калимаи «сӯхтан» дигар калима гузошта шавад, маънои аввалаи ибора тамоман маҳв мегардад: ҷигар хун шудан – азоб кашидан, ранҷу машақат кашидан. Аз ҳамин сабаб ҳам, ин гуна таъбирҳоро таъбирҳои фразеологии устувор номидан мумкин аст.

Ӯрун Кӯҳзод хелҳои гуногуни таъбироти фразеологии забони тоҷикиро фаровон ва хеле моҳирона ба кор бурдааст. Воҳидҳои фразеологӣ бо шароити

тасвир, мундаричаи асар ва мақсади эҷодии муаллиф созиш карда, моҳияти масъаларо равшану барҷаста ифода намуда, обуранги бадеии матнро зиёд кардаанд. Адиб аз таъбирҳои забони тоҷикӣ бештар фразеологизми гуфтугӯиро ба кор бурдааст, ки ин ба услуби фолклории хоси ӯ вобастагӣ дорад. Нависанда дар истеъмоли фразеологизмҳои гуфтугӯӣ ба маъно ва обуранги онҳо эътибори зиёде медиҳад ва аз шаклҳои синонимӣ дар ифодаи мақсад мувофиқтарини онҳоро интихоб карда, кор мефармояд.

Устод Кӯҳзод барои пуробуранг ва хотирмон гардидани асарҳои публитсистии хеш аз зарбулмасалу мақолҳо низ васеъ истифода намудааст, ки онҳо қимати асарҳоро афзун гардонидаанд. Аён аст, ки адиби тарбиятгар зарбулмасалу мақолҳоеро корбурд намудааст, ки ҷанбаи тарбиявӣ – ахлоқӣ доранд. Нависанда зарбулмасалу мақолҳоро дар мавридҳои зарурӣ ва лозимӣ истифода мебарад, ки он ба ду тарз сурат мегирад.

1. Ҳангоми нақл ва ё тасвири ҳодисаву воқеа, барои таҳвияти андеша, хулосаи фикр, ороиши сухан ва ғайра. Баҳри ба хонанда мукаммал шиносонидани нақши яке аз қаҳрамони роҳи озодӣ дар деҳаи Ҳамакон – Исломи Холиқ нависанда андешаи хешро дар як матни кӯтоҳ бо якчанд зарбулмасалу мақол таҳвият бахшида, гуфторашро зебо гардонидааст. «Одам дар чӣ хаёлу фалак дар чӣ хаёл», «Заҳри одамро одам мегирад» ва «Замин сахту осмон баланд».

Дар асари «Шоҳимардон» мақоли «Сад бор хуни пою як бор хуни сайд», дар «Гардани каҷ» мақолҳои «Хонаи гург бе устухон намешавад», «Ба аспи нағз як қамчин», дар асари «Дар ҷустуҷӯи бахти ман» мақолҳои «Аз сад гулатон яктоаш нашукуфтааст», «Моли мумсик – хӯроки ҷавонмард», «Гӯшти хару дандони саг», «Пеш омад, хуш омад,», «Одате, ки бо шир даромадааст, бо ҷон мебарояд» («Гардам аз одамот») барои ороиши сухан ва хулосаи фикри муаллиф истифода шудаанд.

2. Дар гуфтори иштирокчиёни асар мақолу зарбулмасалҳо барои хубтар дарк кардани олами маънавию ҷаҳонбинӣ, кушодани олами ботинии эшон,

инчунин, барои баҳо додан ба ҳамдигар ва мазаммати якдигар хизмат мекунанд.

«Дурӯғи маслиҳатомез беҳ аз панди фитнаангез» («Дар ҷустуҷӯи бахти ман»), «Як гул ҳанӯз баҳор нест» («Достони муаллим»), Ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад», «Даҳони пӯшида сад тилло» («Зиёфат») зарбулмасалу мақолҳоеанд, ки аз забони иштирокчиёни асарҳо гуфта шудаанд ва асарро дучанд обуранг медиҳанд. Ба ин монанд зарбулмасалу мақолҳо дар осори публитсистии нависанда хеле зиёд ва моҳирона кор фармуда шудааст. Муҳаққиқ Г. Шарифова дар боби маҳорати нигорандагии нависанда чунин навиштааст: «Адиб бо истифода аз вожаҳои мардумӣ ва мақолу зарбулмасалҳо салосату фасоҳат ва балоғати суханро ба олами кибриё баровардааст. Он вежагие, ки Ӯрун Кӯҳзод дар асарҳояш санъаткоронаву ҳунармандона пешкаши хонандаи закитабъ намудааст, на ба ҳар кас даст медиҳад» [191, с.7].

Ӯрун Кӯҳзод дар осори бадеӣ ва публитсистии хеш аз ифодаҳои қолабӣ ва забонзада парҳез мекунад, зеро камбағалии корбурди луғат ва такрори нолозими ин ё он калима, ифода ва таркибҳои граматикӣ ба камзарфии мазмун, нопурагии маълумоту далелҳо, хулосаҳои номақбул ва маҳдудии таъсири матн боис мегардад.

Саррофи сухани ноб аст нависанда, ки бо истеъдоди фавқулода балоғату фасоҳати суханро нашикаста, вожаҳои аз байн рафтаистодаи мардумиро дар осори мустанадаш умри дубора бахшидаву сухани халқро бо корбасти устокорона пешкаши хонандагонаш месозад.

Бояд таъкид намуд, ки воситаи асосии баёни публитситика ҳамон воситаест, ки дар баёни асарҳои дигар истифода мешаванд. Маводи онро ҳам ҳамон калимаву ибораҳое ташкил медиҳанд, ки дар адабиёти бадеӣ истифода мешаванд. Дар баробари ин, забони асари публитсистӣ аз забони асари бадеӣ фарқ мекунад, аммо ин фарқ дар истифодаи калимаву ибораҳои алоҳида зоҳир намегардад, балки фарқи онҳоро дар услуби ифода, дар мантиқи сухан, дар кинояву истиораҳо дидан лозим аст. Дар осори публитсистии нависанда кинояву истиораҳо васеъ истифода шудааст. Яъне забони асарҳои публитсисти

Ӯрун Кӯҳзод услубан аз дигар асарҳои нависанда фарқ дорад. Нависанда Ӯрун Кӯҳзод ин хусусияти услубиро хуб ба назари эътибор мегирад.

Шеваи нигориши Ӯрун Кӯҳзод аз аввалин нигоштаҳои публитсистии ӯ дар жанрҳои гуногуни публитсистика хеле суфтаву сайқал ёфтааст. Ӯ бо ишораҳои ҷузъӣ ва кӯчак маъниҳои зиёдеро ба хонанда мерасонад. Ҳамчунин, як силсила калимаву ибораҳои сараи шевагӣ, ибораҳои рехта ва зарбулмасалу мақолҳои шифоҳиву китобӣ сухани адибро зеб додаанд. Чунонки, муҳаққиқон иброз доштанд, ба осори Ӯрун Кӯҳзод психологизми баланд хос буда, сухани нависанда бо тааннӣ ва бидуни ороиши зиёд аст. Инчунин, дар насри мустанади Ӯрун Кӯҳзод дар шеваи нигоришаш як падидаи наве ҳувайдост.

Дар асарҳои Ӯрун Кӯҳзод аз ҳам тафовут доштани зоҳиру ботини воқеаҳо, ки услуби дӯстдоштаи адиб аст, зиёд ба назар мерасад, андаке беэҳтиётӣ ба хулосаҳои ғалат бурда метавонад. Ҳамаи воқеаҳо дар асарҳои нависанда бисёр самимӣ, ҳақиқӣ, равшан ва барҷаста тасвир шудаанд. Ҳангоми мутолиаи осори публитсистии адиб хонанда гумон мекунад, ки воқеаҳо дар пеши назараш рух дода истода бошанд.

Тарзи баёни андешаҳои Кӯҳзод дилпазиру гуворост. Дар асарҳояш воқеаҳо ба якдигар пайванд ва бандубаст шудаанд. Аз ҷумла, дар очерки «Саттори роҳбалад» муаллиф аз калимаҳои шевагии «анча», «ғелидан», «из», «ёзондан» фаровон истифода намудааст. Адиб дар истифодаи забон таҷрибаи бой дорад, ҳам аз забони осори суханварони адабиёти классикӣ, ҳам вижагиҳои забони муосири тоҷик, ҳам аз забони зиндаи халқ ва ҳатто аз лаҳҷаву шеваҳои минтақаҳои гуногун вобаста ба замону макон бамаврид истифода мебарад. Ҳамин ҷиҳати забони нависанда ҷолиби диққат аст, ки дар он пургӯӣ ҳис карда намешавад, баёнаш мухтасар буда, на танҳо дар тасвирот, балки дар ҷумлаҳои алоҳида унсурҳои зиёдатиро пай бурдан номумкин аст.

3.2. Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар тасвири бадеии воқеияти иҷтимоӣ

Бадеият яке аз хусусиятҳои асосии осори адабист. Ҳар як адиб воқеа, ҳодиса ва манзараҳои гуногуни зиндагиро мушоҳида намуда, онҳоро дар маркази мавзуъ, шаклу санъат ва воситаҳои гуногуни тасвири бадеӣ гузошта бо услуби ба худ хос ба риштаи наср мекашад. «Ашъори бузургтарин намояндагони адабиёти классикӣ ва пешқадамтарин нависандагони муосир аз он сабаб ба дили хонанда ҷой гирифтаанд, ки дар онҳо маъниҳои олӣ ва бикр дар ниҳояти дилкашӣ ифода гардида, бо перояи бадеият ороиш ёфтаанд. Дар ашъори онҳо ғояҳои баланд, маъниҳои барҷаста ва мазмунҳои нозуку латиф дар шакли зебое, бо калима ва таркибҳои суфтаву ҳамвор, бо роҳи тасвироти бадеию саноеи адабӣ ифода ёфтаанд» [83, с.3]. Халқи тоҷик дар давоми зиёда ҳазор сол як адабиёти бузург эҷод намудааст, ки дорои саноеи олии бадеӣ буда, ғояҳои баланди инсонпарваронаеро ифода кардааст ва чи аз ҷиҳати ғоя ва чи ба эътибори шакли бадеӣ хусусиятҳои хосе дорад.

Суханшиносон санъатҳои бадеиро ба ду гурӯҳ ҷудо намудаанд: санъатҳои маънавӣ ва санъатҳои лафзӣ. «Санъатҳои маънавӣ дар асоси ба назар гирифтани маънои калима, ибора ва ҷумлаҳо сохта мешаванд. Аммо санъатҳои лафзӣ ба шакли калимаву ибораҳо асос ёфтаанд» [83, с.41].

Аксари санъатҳои шеърӣ, ки дар эҷодиёти классикон мавқеи калон доштанд ва имрӯз низ дар асарҳои нависандагони муосири тоҷик ба кор мераванд, санъатҳои маънавӣ мебошанд. Онҳо барои ифодаи мазмуни баланд бештар ёрӣ расонида метавонанд.

Санъатро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан қатъӣ ва собит нест. Баъзе аз муаллифони санъатшинос санъатеро лафзӣ шумурда бошанд, баъзе аз онҳо он санъатро маънавӣ ҳисоб кардаанд. Инчунин, як қисм аз муаллифон санъатеро ҳам ба гурӯҳи маънавӣ, ҳам ба гурӯҳи лафзӣ мансуб доштанд. Т. Зеҳнӣ дар асари «Санъати сухан» санъатҳое, ки бисёртар аз калимабозӣ, ҳарфбозии маҳз иборатанд, ба гурӯҳи санъатҳои лафзӣ мансуб дониста, боқимондаро ба гурӯҳи санъатҳои маънавӣ дохил намудааст, ки дар дохили онҳо санъатҳои духӯра низ

ҳастанд. Ба монанди: луғаз, бароати истеҳсол, таъмия, ҳусни матлаъ, ҳусни мақтаъ, ҳусни тахаллус, ҳусни таълил ва ғайраҳо [83, с.41].

Санъатҳо ба ҳамдигар таъсир мекунанд. Ҳарчанд ки санъати лафзӣ зебоии лафз ва санъати маънавӣ муҷиби ҳусни маънӣ мегарданд, мумкин аст, ки маънӣ бо таъсири ҳусни лафз некутар ва дилчасптар шавад ва дар навбати худ шакл бо таъсири ҳусни маънӣ то ҳадде зебоӣ, раъноӣ касб кунад.

Санъатҳои бадеӣ дар адабиёти бадеӣ барои обуранги бадеӣ пайдо намудани асар васеъ истифода мегарданд, аммо дар насри мустанад низ санъатҳои бадеиро мушоҳида намудан мумкин аст.

Баъзеҳо андеша доранд, ки санъатҳои бадеӣ танҳо маҳсули сухани шоирону нависандагон аст, ки асари бадеӣ меофаранд. Албатта, дар фаъолияти адабии бадеӣ санъатҳои бадеӣ зиёд кор фармуда мешаванд ва ин бесабаб нест. Сухани бадеӣ гуфтори айнии воқеист ва ҳақиқати чунин сухан дар қиёсу тасдиқи берунии ҳусн зоҳир мешавад. Бинобар ин тасвири бадеӣ шакли асосии ҳунари адабист. Аммо дар сухани адабӣ ҳам гоҳо мумкин аст санъати бадеӣ истифода нашавад ё камистеъмол бошад. Аз ин рӯ санъатҳои бадеӣ дар дигар соҳаҳо, аз ҷумла дар насри мустанад, ба таври васеъ кор фармуда мешаванд, ҳатто дар забони гуфтугӯӣ низ онро истифода мебаранд. Санъатҳои бадеӣ дар асари публитсистӣ як навъ ҳусну тозагӣ медиҳанд ва завқи эстетикии хонандаро дучанд мегардонанд.

Ӯрун Кӯҳзод дар осори хеш аз санъатҳои бадеии ҳам лафзӣ ва ҳам маънавӣ бо камоли маҳорат истифода бурдааст. Ӯ дар осори бадеии худ тамоми санъатҳои бадеиро истифода намудааст, аммо дар насри мустанад бештар санъатҳои маънавии ташбеҳ, маҷоз, муболиға, тавсиф, истиора, ва киноярo кор фармудааст. Нависанда дар лавҳа, очекр, памфлет, фелетон ва дар ҳаҷвномаҳояш ин намуди санъатҳоро мавриди истифода қарор додааст.

Ӯрун Кӯҳзод дар насри мустанади хеш барои обуранги бадеӣ пайдо намудан аз санъатҳои маънавӣ васеъ истифода намудааст. Муболиға яке аз навъҳои санъатҳои маънавӣ ба ҳисоб меравад. Гоҳо нависанда дар тасвир ва ситоиши чизе аз ҳадди табиӣ ва аслӣ мебарояд, онро калонтар ва ё хурдтар

карда нишон медиҳад, дар таъриф ба болотарин нуқта мебардорад ва ё ин ки ба пасттарин дараҷа мефарорад. Дар забони халқ муболиға болобардорӣ ва муҳобот номида мешавад.

Нависанда ситоиш ва таърифи Шарофат ном қаҳрамонашро дар асари публитсистии «Дар ҷустуҷӯи бахти ман» ба воситаи қаҳрамони дигар ба болотарин нуқта мебардорад. Яъне, муаллиф дар нутқи қаҳрамонаш зебоӣ ва хислати Шарофатро аз будаш зиёд карда тасвир намудааст. «Духтари бисёр нағз, – таъриф кард ӯ ва худаш аз таърифаш маст шуд. – Мислаш дар олам нест. Духтар не тилло. Ҳар як кокулаш баҳои як мамлакат» [14, с.151].

Дар ин мисол нависанда муболиғаро дар тасвири симои мусбат ба кор бурдааст. Нависанда муболиғаро дар ифодаи симои манфӣ низ истифода кардааст. Мисоли ин гуфтаҳоро боз дар симои Шарофат, ки дар боло зикраш рафт ва ӯро ҳангоми тасвир ба тилло баробар намуда буд, ба мушоҳида мерасад: «Вай духтар не, бало будааст. Афташ хушк шавад, дидорашро замин кашад. Ба ӯ шарму ҳаёро баста монӣ, намеистад» [14, с.151].

Ӯрун Кӯҳзод маҳорати баланди суханвариашро ба кор бурда, бо истифода аз санъати муболиға тавонистааст, ки як персонажро дар як вақт аз номи персонажҳои мухталиф ба болотарин нуқта расонад ва инчунин, ба пасттарин дараҷа фарорад. Ин намуди тасвир ба асар то як андоза завқи бадеӣ зам намудааст.

Санаъти муболиғаро адиб дар очекҳояш низ ба кор бурдааст. Масалан, дар очерки «Достони муаллим» нависанда хушҳолии қаҳрамонашро, ки ҳангоми дидани Раҳматуллои завхоз, ки бо ҳамроҳии писараш машқи хат мекард, чунин тасвир менамояд:

«Аз дидани он ки Раҳматуллои завхоз рӯйи хона, болои гилем, дар паҳлуи писараш ба шикам хобида хат машқ мекард, парубол мебаровард» [14, с.13].

Дар ин мисол муаллиф аз муболиғаи иғроқ истифода кардааст. Яъне, агар парубол баровардани инсон ба ақл дуруст ояд ҳам, вале ба одату воқеъ рост намеояд. Аз ин рӯ, ин намуди муболиғаро иғроқ ном мебаранд.

Ҳамин гуна дар очерки «Саттори роҳбалад» низ корбурд шудани санъати муболиғаро дидан мумкин аст. «Ҳама роҳҳо таҳти назарашон аст – пашша пар занад, мебинанд» [13, с.133].

Дар очерки мавриди назар санъати тавсиф ва такрор низ кор фармуда шудааст. Мисол: «Писарчаи ширмакаш пеши назараш омад: афтидану хестанаш ҳам ширин, даҳон кушода гап назаданаш ҳам ширин, почак зада ғаш карданаш ҳам ширин...» [13, с.151].

Нависанда ба воситаи санъати тавсиф дар ин ҷо воқеаеро, ки ҳангоми ҷон додан ба хотири Саттор фарзанди азизаш мерасад, тасвир намудааст. Бояд гуфт, ки дар ин навъи санъати бадеӣ нависанда барои инъикоси воқеа, касе ё чизе гоҳо сифатеро меорад, ки яке аз муҳимтарин хусусиятҳои он воқеа, он кас ё чизро хеле барҷаста ифода намояд. Сифатҳое, ки дар ҷумлаи боло омадаанд, хислатҳои асосии предмети тасвиршавандаро тавсиф кардаанд.

Дар забони тоҷикӣ бисёр калимаҳое ҳастанд, ки як ё якчанд сифати муайян доранд ва ин калимаҳо аксаран бо ҳамин сифатҳои худ якҷоя мавриди истифода қарор мегиранд. Чунончӣ, шери жаён, сарви равон, модари меҳрубон, гули хандон, фарзанди азиз ва ғайра. Ин тарз калимаҳое, ки ба сифати доимии ягон исм табдил ёфтаанд, низ ба қатори тавсиф дохил мешаванд, ки мисоли онҳоро метавон дар осори мустанади Ӯрун Кӯҳзод баръало мушоҳида кард.

Санъати истиора яке аз навъҳои санъати маънавӣ мебошад, ки истифодаи он на танҳо ба асарҳои бадеӣ, балки ба асарҳои публитсистӣ ҳам, муҷазӣ ва барҷастагӣ зам мекунад. Ӯрун Кӯҳзод дар осори публитсистӣ санъати истиорарo барои дар пеши назари хонанда беҳтар ҷилва додани асар кор бурдааст. Масалан, дар лавҳаи «Хонаи худӣ» чунин омадааст: «Лекин говатон даромадан намемонад» [14, с.148].

Санъати истиора дар ин мисол дар асоси монандии ду ҳодиса калимаи гов ба худ маънои маҷозӣ гирифтааст. Бояд гуфт, ки истиора ба ташбеҳ монандӣ дорад, аммо фарқи онҳо дар он аст, ки дар истиора танҳо ташбеҳкунанда номбар мешавад. Инчунин, истиора аз ташбеҳ дида муҷаз ва барҷастатар буда, дар ифодаи эҳсосот ва тасвири ягон лавҳаи ҳаёт ва табиат беҳтарин воситаи

бадеӣ мебошад. Дар ин нигошта калимаи «говатон» ба ҷои яке аз зердастони прокурор омадааст. Агар говатон нагуфта, котибатон ва ё ин ки зердастатон гуфта мешуд, таъсири матлубро ба хонанда намебахшид, зеро дар ин асар одаме, ки ба назди прокурор даромадан мехост, инсони маҒруру худхоҳ буд ва ӯ котибро аз худ чанд зина паст ва нодон меҳисобид. Нависанда тавонистааст дар тасаввури хонанда милитсионери худхоҳ, ки ғайр аз худ касеро доно намепиндошт ва котибе, ки гуфтаҳои роҳбарашро бе чуну чаро иҷро мекард, бо истифода аз санъатҳои бадеӣ дар осори публитсистӣ ҷо намояд.

Ё ин ки дар очерки «Достони муаллим»: «Шербачаҳо туро ба ҷои буз тохтанӣ буданд, – гуфт вай, – мо намондем» [14, с.16].

Дар ин ҷумла ибораи «шербачаҳо» ба ҷои одамони «Ҳазрат», ки сардори босмачиён аст, омадааст. Пас, шербачаҳо истиорашаванда ва одамони «Ҳазрат» соҳибистиора мебошанд. Нависанда барои фарқ кардан аз сухани одӣ ифодаи боз ҳам муассиртар ва равшантаре ба кор бурда «босмачиён»-ро ба шербачаҳо монанд кардааст, яъне сардори босмачиён одамонашро далеру ҷасур ва нотарс мисли шер медонад. Инчунин, «Одамонам туро ба ҷои буз тохтанӣ буданд», гӯем, як ҷумлаи одӣ ва бе истифодаи бадеият буда, таъсири матлубро иҷро карда наметавонист ва хунхориву ҷаҳолати босмачиён мушоҳида намегардид. Аз ин рӯ, Ӯрун Кӯҳзод дар очерк босмачиёнро аз забони сардори онҳо ба шербачаҳо шабеҳ дода, исту бисти онҳоро бамаврид ба таври истиора ифода намудааст.

«Шармаш меомад, ки вай ҷавони бардаму боқувват савора мераваду ҳамроҳи пӯсту устухонаш пиёда» [14, с.6].

Дар ҷумлаи боло нависанда барои нишон додани лоғарӣ ва нотавонии Табар аз ифодаи пӯсту устухон истифода кардааст, ки хоси санъати истиора мебошад ва ин истиора аз ҷиҳати шакл истиораи пӯшида аст. Барои он ки дар истиораи пӯшида, баъзан, нависанда истиорашавандаро зикр накарда ба ҷои он ягон узв, ягон сифат, хулқ, хислат ва аломати онро ба таври изофат ба соҳибистиораи худ мебандад. Мисолҳои дигарро метавон дар насри мустанадӣ

«Артист»(фелетон) ва «Арафаи Наврӯз» дар шакли истиораи пӯшида мушоҳида намуд: «Қоғази ба об партофта барин буд» [14, с.161].

«Норизост, ки паррончак шуданду баромада рафтанд, дигар ёди лона намекунанд» [14, с.38].

Муаллиф, дар ҳар ду мисол истиорашавандаро зикр накарда, дар ҷумлаи аввала ҳолати ӯро, яъне истиорашавандаро ба қоғази дар об афтода ва дар ҷумлаи дуввум истиорашавандаро (писарони Миробид дар назар аст) ба паранда, инчунин, хонаашро ба лонаи паранда ташбеҳ додааст.

Ӯрун Кӯҳзод дар роҳи барҷаста, равшан ва зебо ифода намудани матни очеркҳо санъати ташбеҳро кор фармудааст. Ташбеҳ ин монанд кардан аст ва нависанда барои равшантар тасвир кардани қомати зебо ва расои қаҳрамони очерки «Никоҳ бо корд» Санавбар онро ба ниҳол (баланду борик) монанд намудааст. Чунончӣ: «Духтараш Санавбар барҳои домани камзӯлашро пушт партофта, қади ниҳолашро дуто карда ҳавлӣ мерӯфт ва зарраҳои чанги хеста ба абрӯвони камону мижгонҳои дарозаш менишаст. Чашмони оҳубаррагии вай ба замин дӯхтагӣ буд» [14, с.43]. «Вақти видоъ расид ва ҳамин лаҳза қомати ниҳоле пеш баромад, ки рӯймоли шоли сиёҳи гулдор барқад партофтагӣ буд» [14, с.45].

Дар ибораҳои «қади ниҳолаш» «қомати ниҳол» қаду қомат монандшаванда ва ниҳол монандкунанда мебошад, зеро ки қад ба ниҳол монанд карда шудааст.

Ба ғайр аз очеркҳо дар лавҳаҳои адиб истифодаи санъати ташбеҳ ба назар мерасад. Масалан, дар лавҳаи «Дар ҷустуҷӯи бахти ман» оварда шудааст: «Ман туро ба як паризоди замон шинос кунам, ки шир барин сафеду гул барин нозук бошад» [14, с.152].

Дар ин ҷумла санъати ташбеҳ ҳаст: сафедии рӯйи духтарро ба шир ташбеҳ додаасту зебоиашро ба гул баробар кардааст. Дар ин ҷо паризод монандшавандаю ширу гул монандкунанда буда, барин ёридиҳандаи монандӣ, пасоянд аст, чунки ба сабаби ҳамин хислат ширу гулро ба паризод, духтар монанд кардааст, яъне шир аз сабаби сафед ва гул аз сабаби нозук буданаш ба сафедиву зебоии духтар монанд шудааст. Ин тарзи истифодаи ташбеҳро

ташбеҳи равшан гуфтан мумкин аст, зеро ин ташбеҳ ба воситаи ёридиҳандаи монандӣ сохта шудааст. Ин намуди ташбеҳ дар очерки «Достони муаллим» бештар ба мушоҳида мерасад. «Садоқати ӯ ба садоқати ҳайвони дастомӯхт ва «иззатдида» шабоҳат дошт» [14, с.6].

«Фаҳмишу биниши онҳо ба монанди ҷойгиршавии иморати деҳ пасту баланд, зина ба зина буд, албатта. Охир, дар кӯҷо воқеъ шудааст, ки як гурӯҳи одамон, чун як себу ду тақсим, ба якдигар монанд бошанд?» [14, с.9].

Ташбеҳ инчунин, дар памфлетҳои Ӯрун Кӯҳзод истифода шудааст. Дар памфлети «Тахти равон ва тахтбардорон» санъати ташбеҳ барои обуранги бадеӣ ва дилчасп шудани матн бо маҳорати баланди суханварӣ кор фармуда шудааст: «Чун қоғаз сафед шудани ранги рӯйи Ҷавони паҳлавон ба Ходими калон форид» [36, с.7]. Дар ин ҷумла низ ташбеҳи равшан аст, зеро он бо ёридиҳандаи монандии чун сохта шудааст.

Мехоҳем санъати маънавии киноярo низ дар насри мустанади Ӯрун Кӯҳзод баррасӣ намоем, зеро ин навъи санъат ҳам дар асарҳои бадеӣ ва ҳам дар асарҳои публитсистӣ зиёд ба кор бурда мешавад. Бахусус, Ӯрун Кӯҳзод аз киноя ҳариб дар ҳамаи осори мустанадаш истифода намудааст.

Киноя маънои зид ва мухолифро қасд карда гап задан ва, ба ибораи дигар, акси гапи гӯянда мурод аст. Масалан, аз хубӣ баҳс карда бадиро ифода кардан ва аз бадӣ баҳс карда нағзиро фаҳмонидан киноя аст. Ғайр аз ин, киноя қисме аз санъатҳои фолклор низ ба ҳисоб меравад, ки бо порчаҳои хурду кӯтоҳе воқеаро ба таври мисол баён карда, аз он воқеаи дигарро мурод карда нишон медиҳад. Ин қабил суханҳо дар нутқи шифоҳии ҳамарӯзаи мардум низ васеъ ба кор бурда мешавад. Ба монанди:

1. Бо ҷумлаи «Ҳамаро мон, аммаро меҳмон кун» чунин одатеро, ки баъзеҳо кори муҳимму заруриро монда ба кори булҳавасонаи шахсӣ машғул мешаванд, мазаммат карда мешавад.

2. Ҷумлаи «Дарро задам – девор кафид» – дар ҳаққи одами каҷфаҳме, ки ҳақиқати гапро нафаҳмида ғавғо бардорад, гуфта шудааст.

3. Ҷумлаи «Гӯшти хар – дандони саг» дар ҳолати ҷанг ва кашмакашии одамони ҷангараи бадаъмол гуфта мешавад.

Ҳамаи инҳо киноя̂ҳои нозуки халқӣ мебошанд, ки Ӯрун Кӯҳзод низ аз ин дурдонаҳо дар осораш истифода намудааст. Аз ин ҷиҳат як лавҳаи нависанда, ки «Роҳ» номгузорӣ шудааст, ҷолиб аст. Чун дар ин лавҳа санъати киноя васеъ истифода шудааст, онро пурра меорем:

«Роҳ борику камбар буд.

Бо ҳамин роҳ ду мошин, яке пешу дигар дунбол, думи ба дум мерафтанд. Мошини пеш умрдида, куҳна ва коркуфта буд.

Мошини пеш роҳи зиёде тай карда бори бисёре бурдааст. Ҳар боре, ки талаби вақт ва гардиши айём ба дӯшаш гузошта буд, кашидааст. Хизматҳои шоистаи даври худ дорад. Корозмудаву ботаҷриба аст, вале ҳоло давраш гузаштааст. Шикаставу фарсуда шудааст, вале барпост, меравад, ба талаби рӯз тан додан намехоҳад.

Мошини пеш бо суръати том роҳ рафта наметавонад. Гӯё ки дами наъз бошад, тир - тиру пат - паткунон меравад. Дуди фаровоне сар дода, чанг хезонда базӯру боазоб меравад. Мераваду аз роҳ намебарояд.

Мошини дунбол нав, ҳанӯз бори зиёде накашидааст, хизмати кироие накардааст. Пайкараш солиму узвҳояш бутун, суръаташ тезтару неруяш зиёдтар аст. Озод ва тунду тез меравад. Нав ба роҳ баромадааст.

Аммо илоҷи суръати тез гирифтан, бо тамоми қувват пеш рафтан нест – паҳнои роҳ ғунҷоиши ду мошин надорад, тангии бари роҳ монеъ аст, ки пеш гузарад. Дуду чанг мехӯрад, суръатро суст карда меравад. Тоқат мекунад, аммо қувва сарф мешавад.

То мошини пеш роҳ надиҳад ва ё аз роҳ дур афканда нашавад, мошини дунбол бо суръати том рафта наметавонад» [14, с.235-236].

Дар ин лавҳа санъати киноя дар ибораи мошини наву куҳна корбурд шудааст. Аз хулосаи ин лавҳа бармеояд, ки нависанда киноя аз мошини наву куҳна муносибати насли ҷавону куҳансолро дар назар дорад. Ӯрун Кӯҳзод аз воқеияти имрӯза киноя мекунад ва маслиҳат медиҳад, ки «мошини пеш аз роҳ

дур афканда шавад». Мурод аз гуфтаи нависанда дар он аст, ки бояд ба насли ҷавон дар ҳама кор имконият дода шавад ва набояд садди роҳи онҳо гашт. Яъне адиб киноя сохтааст, ништаре ба насли куҳансол аст, ки Фазлиддин Муҳаммадиев ба он эрод гирифта буд. Дар ин лавҳа кинояи дур истифода шудааст. Вале, ба андешаи мо, ин киноя хуб нест, зеро насли куҳансол на ин ки садди роҳи насли ҷавон мешавад, балки дар бештари лаҳзаҳо дастгир ва мададгори онҳо мебошанд.

Қариб дар тамоми асарҳои Ӯрун Кӯҳзод санъати киноя мушоҳида мешавад. Инчунин, дар ҳаҷвияҳо, бахусус дар «Абрпораҳои осмони соф» ҷумлаҳои киноямез гоҳ аз забони худи муаллиф ва гоҳ аз забони қаҳрамононаш сохта шудаанд, ки онҳо ба асари публитсистӣ ҷанбаи бадеӣ бахшидааст. Масалан: «Ҳаминро ҳам Худо гирифт» – мурод аз ин киноя он аст, ки ҳамсояҳои Саттор дигар намоиши бемузд тамошо нахоҳанд кард. Нависанда лаҳзаи баъди ба деҳа омадани эшони Тӯрахонро тасвир намуда ин кинояро истифода кардааст. Яъне, ба андешаи мардум омадани эшони номбурда он қадар кори хуб набудааст ва барои ҳамин онҳо киноя намуда чунин мегуфтаанд. Ё ки дар ҷумлаи дигар, «Маккор ба таълимоташ ҷомаи замонавӣ мепӯшонад» яъне, киноя аз он аст, ки Тӯрахон ҳар коре, ки барои худ муносиб медонад, новобаста аз кори хилофи шариат будан, ба он як ривояте аз дин пеш меорад ва ин хислати ӯро Нуъмон пай бурда чунин киноя мезанад. Дар ҷои дигари асар боз як киноя «Баддаҳан–дия, дар ҳамин ҷо ҳам баддаҳониашро кард» омадааст, одате ки баъзе нафарон бе истиҳола ва бе андеша гап мезананд, мазаммат мешавад. Дар асар раис аз беандеша сухан гуфтани Султоналӣ киноя кардааст.

Дар ҳаҷвияи «Зиёфат» ҳам санъати киноя бо тарзи зерин истифода шудааст: «Ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад» [14, с. 92]. Ин кинояро қаҳрамони ҳаҷвия барои он мегӯяд, ки ҳам ба зиёфати дӯсташ наравад, яъне, ба хурсандиаш шарик нашаваду ҳам дӯсташ аз ӯ наранҷад. Ин тарзи киноя дар гуфтори мардум зиёд кор фармуда мешавад. Метавон гуфт, ки ин кинояи халқӣ мебошад, ки Ӯрун Кӯҳзод моҳирона дар гуфтори қаҳрамонаш ҷо намудааст.

Ҳамин тавр, дар насри мустанад амсоли адабиёти бадеӣ воқеияти иҷтимоӣ тавассути донишу таҷриба, тавоноиву маҳорат ва интуитсияи эҷодкор маърифат мешавад. Ӯрун Кӯҳзод низ аз таҷрибаву маҳорати суханварии хеш истифода намуда, ба асарҳои мустанадаш то андозае рангу таровати бадеӣ бахшида, ҷолибӣ ва таъсирнокии онҳоро қавӣ гардонидааст. Истифодаи санъатҳои бадеӣ, бахусус санъатҳои маънавӣ, ба нависанда имконият додааст дар насри мустанад низ таровату зебоии бештар ворид намуда, ҷанбаи иттилоотӣ ва тарғиботии онҳоро қувват диҳад.

ХУЛОСА

Таҳқиқи воқеият масъулияти иҷтимоии адиб аст. Вақте насри мустанад ба мавзуъҳое чун сиёсату иқтисоди ҷомеа рӯ меорад, худ маълум аст, ки дар доираи берун аз воқеият шарҳи ин мавзуъ моҳияту арзише дошта наметавонад. Воқеият дар ташаккули афкори иҷтимоӣ нақши амиқу устувори худро мегузорад. Воқеият шиносномаи аввалини насри мустанад ба ҳисоб меравад.

Насри мустанад ҳамқадами замон буда, ҷараёни зиндагии воқеии иҷтимоиро бо буду бош, бурду бохт, шодию сурур, ғаму андуҳ инъикосу тасвир мекунад. Ба воситаи осори мустанад хонанда дар бораи дирӯзу имрӯз ва фардои ҷамъият ва бинокорони он маълумоти муфассал мегирад, гузаштаро таҳлил мекунад, чизи қафомондаро рад ва ҳар чизи наву пешқадамро тақвият менамояд. Мазмуни насри мустанад ба асоси ҳуҷҷат, воқеият, рӯйдодҳои дилчасп, ҳаводис ва шахсиятҳои шинохта сурат мебанданд ва ҳам муаллиф дар нигориши чунин асар аз оҳангҳои публитсистӣ кор мегирад, ин навъ асар дорои аҳамияти бадеӣ низ мебошад.

Баррасӣ ва таҳқиқи масоили меҳварии диссертатсияи мавриди назарро метавон дар бандҳои зерин хулоса кард:

1. Таърихи инкишофи насри мустанади тоҷик ба давраҳои қадим рост меояд. Оғози онро аз асарҳои адибони мумтоз чун «Сафарнома»-и Носири Хусрав, «Ахлоқ-ул-ашроф»-и Убайди Зоконӣ, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддини Восифӣ, «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусейн Маҳмуди Кошифӣ ва ғайра шуруъ кардан мумкин аст. Агар ин асарҳо аз адабиёти классикӣ руҳияи публитсистиро нишон додан хоҳанд, пас дар охири асри XIX ва оғози асри XX публитсистикаи ҳамқадами замонро дарёфт кардан мумкин аст, ки онро давоми анаъанаҳои гузашта баҳогузорӣ намудаанд.

Дар асри гузашта мо публитсистикаи навинро дарёфт карда метавонем, ки бо хусусиятҳои ба худ хос ҳамқадами замон мебошанд. Дар рушду такомули публитсистикаи муосири тоҷик саҳми адибон назаррас аст. Дар ин ҷода, офаридаҳои адибон ба монанди С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода, А. Деҳотӣ,

П. Толис, А. Шукӯҳӣ, Ф. Муҳаммадиев, Б. Раҳимзода, С. Ғанӣ, А. Самад, Ғ. Мирзо, Ӯ. Кӯҳзод ва дигарон мақоми хос доранд [7-М]

2. Публитсистикаи Ӯрун Кӯҳзод ба давраи нави инкишофи публитсистикаи тоҷик тааллуқ дошта, бештар паҳлуҳои иҷтимоиву фарҳангии ҳаёти мардуми тоҷикро фаро гирифтааст. Шахсияти фаъоли муаллиф ҳангоми масъалагузорӣ ва таҳлили рӯйдодҳову далелҳо хонандаро низ ба ҷараёни воқеаҳо кашида ӯро чун фарди иҷтимоӣ ба андеша водор мекунад ва бо ҳамин дар фароҳам овардани афкори умум саҳми муносиб мегузорад.

Ӯрун Кӯҳзод вобаста ба ибтидои кораш дар маҷаллаи «Хорпуштак» эҷодиёти худро аз лавҳаҳои гуногуни бештар ҳаҷвии танқидӣ оғоз кардааст ва онҳоро ҳикоя ном бурдааст, вале мушоҳидаҳо нишон дод, ки дар онҳо ҷанбаҳои публитсистӣ бештар ба назар мерасанд ва ба мақолаи публитсистӣ шомиланд. Албатта ҳастанд, ҳикояҳое, ки онҳоро ба осори публитсистии нависанда шомил намудан номункин аст, аммо дар онҳо низ оҳангҳои публитсистӣ равшан ба мушоҳида мерасад [1-М; 6-М].

3. Дар нахустин романи Ӯрун Кӯҳзод «Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим» як сифати умдаи биниши бадеии нависанда – майлу рағбати махсус ба андешаву муҳокимаи масъалаҳои мураккаб ва тезутунди ҳалталаби воқеият хеле вусъат пазируфтааст. Асарҳои дигари Ӯрун Кӯҳзод («Гудоз», «Писанддара», «Кини Хумор», «Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз») ҷанбаи публитсистӣ доранд ва дар ҳар давру замон метавонад ба дардҳо даъво шаванд. Дар ҳикоя, қисса, повест ва романҳои адиб зиндагии рӯзмарраи қишрҳои гуногуни ҷомеаи инсонӣ мавриди муҳокима ва андеша қарор гирифта, роҳҳои мусолиматомези ҳаёти солим ва бошарафонаи одамон талқин мешавад [1-М; 6-М; 10-М].

4. Воқеияти замони муосир дар романи «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод бо тамоми маҳорат мавриди тасвири воқеӣ қарор гирифтааст. Адиб дар таълифи романи «Ҳайҷо» на танҳо ба эҳё ва ҳифзи як давраи фоҷеабори таърихи тоҷикон саъй кардааст, инчунин талош намудааст, то ба умқи воқеияти иҷтимоии ин давраи мураккаб бирасад. Аз ин назар роман аз ҷиҳати фарогири

замон таърихӣ буда, вале муҳити он ба имрӯз ва фардо нигаронида шудааст. Дар романи «Ҳайҷо» ҳам дар тасвирҳо, ҳам дар андешаҳо, ҳам дар муқоисаҳо бисёр ҳолатҳое ҳастанд, ки ба таври сирф бадеӣ шарҳ додан душвор аст, зеро онҳо руҳан ба публитсистика мутобиқанд. Пас, дар ин роман омезиши сареҳи дарк ва тасвири адабии воқеияти зиндагӣ мавҷуд аст ва дарки адабӣ на ҳамеша ба бадеият, балки дар бисёр ҳолатҳо ба руҳи публитсистӣ такя мекунад [4-М]

5. Ӯрун Кӯҳзод нигорандаи авзои рӯз мебошад ва ин авзо даҳҳо паҳлуҳову самтҳоро фаро мегирад. Иқтисодиёт, сиёсат, фарҳанг, иҷтимоиёт ва амсоли инҳо мавзуъҳоест, ки нависанда пайваста ба онҳо рӯ меорад. Муаллиф чун як таҳлилгари фаъол масъалаҳои мубрамро ба таври ҳамеша атрофу акнофро бо назари таҳқиқиву мушоҳидаи худ назорат карда метавонад. Ҷиҳатҳои нав ба нави воқеияти ҳозира ба чашмандози нависанда даромада, мавриди таҳлил ва муҳокимаи ҳамаҷонибаи публитсистии пурҳиссиёти вай қарор меёбанд ва пафоси ватандӯстонаи асарҳои вай меафзояд. Нависанда ба кадом мавзуе, ки даст занад, воқеаҳоро ба ҳаёти рӯзмарра, камбудиву норасоиҳои зиндагӣ, тангназариву кӯтоҳбинӣ ва маишати одамон алоқаманд месозад. Ӯрун Кӯҳзод дар тамоми асарҳояш ба воқеияти мавзуъ этибори ҷиддӣ медиҳад [5-М].

6. Мавқеи муаллиф – ноқил дар тамоми осори публитсистии нависанда ҷойгоҳи асосӣ дорад. Дар бештари ёддошту очерк ва мақолаҳои публитсистӣ, ба монанди «Дардҳош нимгуфта монд», «Адиб ва замон», «Рӯйи гарм ва сухани нарм», «Муроҷиат ба мардум», «Дар машварати адибони ҷавон» ва ғайра нависанда иштирокчии бевосита аст. Ӯ дидаву шунидаҳо ва мушоҳидаҳояшро ба рӯйи саҳифа андешамандона меорад ва хонандаро бо шахсиятҳои маъруфу таърихӣ аз наздик ошно месозад. Ҳузури муаллиф боис мешавад, ки андешаҳо дар қолаби нақл шакл пайдо кунанд. Ин нақлҳо бо он диққати хонандаро ҷалб месозанд, ки ҳамагӣ дар меҳвари воқеияти асил шакл гирифтаанд ва тараннуми оҳанги рӯз дар замони зиндагии адиб ба шумор мераванд.

Дар насри мустанади Ӯрун Кӯҳзод симои муаллиф на танҳо дар хоссагиҳои услуб, балки дар сохтори муроқибаву мушоҳида ва маърифати

нависанда низ равшан эҳсос мегардад. Дар очерку эссе, лавҳаю мақолаҳои публитсистиаш нависанда тадриҷан ба ҳомии ғоявии қаҳрамонон гузашта аз он, ба ифодагари ғояву афкору ақида, андешаву мавқеи шахсии худ табдил меёбад [9-М].

7. Ӯрун Кӯҳзод дар муддати фаъолияти эҷодиаш ба жанрҳои мақола, лавҳа, очерк, эссе, памфлет, фелетон даст задааст. Дар байни дигар жанрҳои насри мустанад лавҳа ва очерк чун жанрҳои қадимӣ ва серистеъмол дар осори нависанда мавқеи калон дорад ва дар ин жанрҳо адиб масъалаҳои рӯзро ҷиддӣ ва бомавқеъ ба миён мегузорад ва роҳҳои ҳалли фаврии онҳоро ба ҷомеа пешниҳод мекунад. Ӯрун Кӯҳзод нависандаест, ки бо назардошти моҳияти иҷтимоии навиштаҳояш ҷузъиёти ҳар як жанрро дар ҷойи худ истифода карда, дар ниҳоят сабки хоси худро шакл мебахшад [2-М; 3-М; 11-М].

8. Гуногунжанрӣ як усули завқбахшии хонанда ба ҳисоб меравад. Бо назардошти ин хосиятҳо, Ӯрун Кӯҳзод дар очерку лавҳа ва эссеҳои худ аз усулҳо ва таъйиноти гуногуни жанрӣ истифода менамояд, аммо ин истифодаҳову корбастҳо ҷузъ-ҷузъ ба назар расида, муаллиф боз ҳам дар такя бо нақли тасвирии худ пеш меравад. Корбасти хусусиятҳои махлутшудаи жанрӣ якнавохту дилбазан нестанд ва танҳо чун як омили кумакрасон ба майдон меоянд. Вақте мушкилот матраҳ мешавад, табиист, ки муаллиф таъйиноти таҳлиливу ташреҳии жанрҳои таҳлилиро канор намегузорад. Вақте тасвиру такмили симо пеш меояд, аз имконоти жанри очерк санъаткорона истифода менамояд. Вақте моҳияти тарбиявию ахлоқии саҳнаҳои рӯзгор бо намои симоҳо пеш меояд, муаллиф устокорона хосияти фалсафии гуфторро дар тамоми жанрҳо истифода мекунад [2-М; 3-М; 5-М].

9. Ӯрун Кӯҳзод аз зумраи он адибоне шинохта шудааст, ки бо завқи баланд тарзи хоси нигориши худро ба вуҷуд овардааст. Махсусан вақте ки муаллиф мавзуъҳои муҳимро, аз қабили ватандорӣ, ифтихори миллӣ, саодат ба илму фарҳанг ва меҳнати бунёдкорона мавриди баррасӣ қарор медиҳад, сухани ӯ образнок ва мавзун мешавад. Дар асарҳои адиб воқеият ва бадеият таҷзияи

хос меёбанд ва дар асоси он назари таҳлиливу тавзеҳии муаллиф неру пайдо менамояд [2-М; 3-М; 11-М].

10. Дилбастагиву дилкашолии муаллифони осори адабӣ гувоҳи онанд, ки онҳо симои қаҳрамони худро маҳз дар ин партав ҷило бахшида метавонанд. Ӯрун Кӯҳзод дар нишон додани симои ботинии қаҳрамони худ шитоб надорад. Ӯро бештар падидаҳои мусбату манфии муҳиту фазои замонҳо мутаваҷҷеҳ менамоянд. Дар баробариҳунари баланди нигориш саҳнасозиҳоро дар очерки мустанад бидуни ташреҳу баҳогузориҳои муаллиф низ тасаввур кардан душвор аст. Ин усул бештар унсури воқеияти асарро таъмин месозад ва хонандаро ба дарки ҳақиқат даъват менамояд [4-М].

11. Тарзи баёни андешаҳои Ӯрун Кӯҳзод дилпазиру гуворост. Дар асарҳояш воқеаҳо ба якдигар пайванд ва бандубаст шудаанд. Забони осори мустанади Ӯрун Кӯҳзод бой, рангоранг ва ҷолиб мебошад. Адиб дар ифодаи фикр аз матнҳои классикӣ, ҳам аз забони зиндаи халқ ва ҳатто аз ифодаҳои лаҳҷаву шевагӣ фаровон истифода мебарад. Ҳамин ҷиҳати забони нависанда ҷолиби диққат аст, ки дар он пургӯӣ ҳис карда намешавад, баёнаш мухтасар буда, на танҳо дар тасвирот, балки дар ҷумлаҳои алоҳида унсурҳои зиёдатиро пай бурдан номумкин аст [4-М].

12. Ӯрун Кӯҳзод аз таҷрибаву маҳорати суханварии хеш истифода намуда, ба асарҳояш то андозае рангу таровати бадеӣ бахшида, ҷолибӣ ва таъсирнокии онҳоро қавӣ гардонидааст. Истифодаи санъатҳои бадеӣ, бахусус санъатҳои маънавӣ, ба нависанда имконият додааст дар асарҳои публитсистӣ низ таровату зебоии бештар ворид намуда, ҷанбаи иттилоотӣ ва тарғиботии онҳоро қувват диҳад [3-М; 4-М].

Умуман, насри Ӯрун Кӯҳзод бо мазмуну муҳтаво, хусусиятҳои рӯзмаррагӣ, таъсиррасонӣ ва сафарбаркунандагии худ дар адабиёти давраи нави тоҷик мавқеи назаррас дошта, саҳифаи тозае дар адабиёти мустанади тоҷик ба шумор меравад.

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Аз баррасиҳои суратгирифта маълум мешавад, ки оид ба рӯзгору фаъолияти эҷодӣ ва аҳамияти таърихию ҳунарии осори Ӯрун Кӯҳзод то кунун дар шаклҳои гуногун пажӯҳишҳои илмӣ анҷом ёфта бошанд ҳам, аммо то ҳол дар масъалаи тасвири бадеии воқеияти иҷтимоӣ дар насри мустанади адиб таҳқиқи монографӣ ба вуҷуд наомадааст. Доираи мавзуи таҳқиқи мавриди назар доманадор буда, дурнамои кори илмиро собит менамояд. Барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Матолиби диссертатсия дар оянда метавонад барои таҳқиқоти густурдаи масоили насри мустанад дар соҳаҳои адабиётшиносӣ имкони бештар фароҳам оварад.

2. Нуктаҳои назариеро, ки хулосаҳои пажӯҳиш дар асоси он ҳосил шудаанд, метавон дар таҳқиқ ва баррасии хусусиятҳои сохторию жанрии осори бадеию публитисистии тоҷик мавриди истифода қарор дод.

3. Маводи диссертатсия дар пажӯҳиши масъалаҳои дастурӣ, барои тайёр намудани монографияҳои соҳавӣ ва таҳияи луғатномаҳои истилоҳоти илмӣ муфид ба ҳисоб мераванд.

4. Мундариҷаи диссертатсия, ки вежагиҳои жанрӣ, мавзуӣ ва сохториву услубии насри мустанади Ӯрун Кӯҳзодро фаро гирифтааст, ба мутахассисони соҳа имкон медиҳад, то дар шинохти беҳтарин осори мустанад ва осори дорои оҳанги иҷтимоӣ даст ёбанд.

5. Натиҷаҳои бадастомада дар таҳияи дастурҳои назарӣ ва таълимӣ барои муҳаққиқон, адабиётшиносон, публитсистон ва рӯзноманигорони ҷавон метавонад ба кор оянд.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

Сарчашмаҳо

1. Айнӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик [Матн] / С. Айнӣ. – М.: Чопхонаи нашриёти марказии халқи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сусиёлистӣ, 1926. – 626 с.
2. Айнӣ, С. Ғуломон [Матн] / С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1950. – 620 с.
3. Айнӣ, С. Дохунда [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 432 с.
4. Айнӣ, С. Одина: Повест [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Пол. Групп, 2019. – 208 с.
5. Дониш, А. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития [Матн] / А. Дониш. – Душабе: Сарват, 1992. – 97 с.
6. Кӯҳзод, Ӯ. Қолиби адабӣ ё «Дастурамал» [Матн] / Ӯ.Кӯҳзод // Маориф ва маданият. – 1965. – 15 июл.
7. Кӯҳзод, Ӯ. Навбати шумо кай? [Матн] / Ӯ.Кӯҳзод // Маориф ва маданият. – 1966. – 8 феврал.
8. Кӯҳзод, Ӯ. Сухан аз боби ҳаҷв (қайдҳо ва мулоҳизаҳо) [Матн] / Ӯ.Кӯҳзод // Садои Шарқ. – 1968. – №7. – С.106-110.
9. Кӯҳзод, Ӯ. Савту калом [Матн] / Ӯ.Кӯҳзод // Маориф ва маданият. – 1979. – 12 июн.
10. Кӯҳзод, Ӯ. Ҳикоёт аз таърихи адабиёти тоҷик [Матн] / Ӯ.Кӯҳзод // Маориф ва маданият. – 1979. – 12 июн.
11. Кӯҳзод, Ӯ. Маликаи маҳалла [Матн] / Ӯ.Кӯҳзод // Садои Шарқ. – 1981. – №8. – С.76-82.
12. Кӯҳзод, Ӯ. Мизи мудаввар: Замон ва наср [Матн] / Ӯ. Кӯҳзод // Садои Шарқ. – 1981. – № 1. – С.93-127.
13. Кӯҳзод, Ӯ. Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз [Матн] / Ӯ. Кӯҳзод. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 192 с.

14. Кӯҳзод, Ӯ. Як сару сад хаёл [Матн] / Ӯ. Кӯҳзод. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 256 с.
15. Кӯҳзод, Ӯ. Баракати кор аз интизом [Матн] / Ӯ.Кӯҳзод // Тоҷикистони советӣ. – 1983. – 1 март.
16. Кӯҳзод, Ӯ. Шиносонро хубтар шинохтем [Матн] / Ӯ.Кӯҳзод // Садои Шарқ. – 1984, №5. – С.129-130.
17. Кӯҳзод, Ӯ. Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим [Матн] / Ӯ.Кӯҳзод. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 320 с.
18. Кӯҳзод, Ӯ. Психологияи вайронкорӣ [Матн] / Ӯ.Кӯҳзод // Адабиёт ва санъат. – 1986. – 21 август.
19. Кӯҳзод, Ӯ. Нагуфтан не, гуфтан беҳтар [Матн] / Ӯ.Кӯҳзод // Адабиёт ва санъат. – 1987. – 1 январ.
20. Кӯҳзод, Ӯ. Қадри сухан [Матн] / Ӯ.Кӯҳзод // Тоҷикистони советӣ. – 1987. – 7 май.
21. Кӯҳзод, Ӯ. Фоизҳои бефайз. Нависанда ва бозсозӣ [Матн] / Ӯ.Кӯҳзод // Адабиёт ва санъат. – 1987. – 2 декабр.
22. Кӯҳзод, Ӯ. Мо ҳама қарздорем [Матн] / Ӯ.Кӯҳзод // Комсомоли Тоҷикистон. – 1988. – 19 июн.
23. Кӯҳзод, Ӯ. Масъалаҳои насри муосир [Матн] / Ӯ.Кӯҳзод // Садои шарқ. – 1988, №3. – С.106-112.
24. Кӯҳзод, Ӯ. Наврӯзи тафаккури нав [Матн] / Ӯ. Кӯҳзод // Тоҷикистони советӣ. – 1989. – 19 март.
25. Кӯҳзод, Ӯ. Китоб, пул ва мардум. Андешаҳои муаллиф роҷеъ ба китобу китобхонӣ [Матн] / Ӯ.Кӯҳзод // Адабиёт ва санъат. – 1989. – 14 сентябр.
26. Кӯҳзод, Ӯ. Бояд муфид бошад сухан [Матн] / Ӯ. Кӯҳзод // Садои Шарқ. – 1990, №5. – С.121-127.
27. Кӯҳзод, Ӯ. Нахустунсури одамият [Матн] / Ӯ.Кӯҳзод // Омӯзгор. – 1994. – 19 июн.
28. Кӯҳзод, Ӯ. Ваҳдати сиёсату адабиёт [Матн] / Ӯ.Кӯҳзод // Садои мардум. – 1997. – 15 март.

29. Кӯҳзод, Ӯ. Дар атрофи хислати тоҷикон [Матн] / Ӯ.Кӯҳзод // Ҷумҳурият. – 1997. – 24 май.
30. Кӯҳзод, Ӯ. Мақоми адабиёт дар вахдат [Матн] / Ӯ. Кӯҳзод // Ҷунбиш. – 1998, №25.
31. Кӯҳзод, Ӯ. Тоҷикони имрӯза. Достонҳо. Мақолаҳо [Матн] / Ӯ.Кӯҳзод. – Москва: Трансдорнаука, 2000. – 190 с.
32. Кӯҳзод, Ӯ. Агар салоҳе мехоҳем [Матн] / Ӯ.Кӯҳзод // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2000. – 4 август.
33. Кӯҳзод, Ӯ. Фарҳанги ватандорӣ [Матн] / Ӯ.Кӯҳзод // Садои шарқ. – 2001, №10. – С.98-107.
34. Кӯҳзод, Ӯ. Лоҳутӣ ва баъди ӯ [Матн] / Ӯ.Кӯҳзод. – Душанбе, 2002. – 100 с.
35. Кӯҳзод, Ӯ. Ахлоқи воло, дафъи бало [Матн] / Ӯ.Кӯҳзод. – Душанбе: Адиб, 2003. – 192 с.
36. Кӯҳзод, Ӯ. Ҷамъи парешон [Матн] / Ӯ.Кӯҳзод. – Душанбе: Сурушан, 2004. – 136 с.
37. Кӯҳзод, Ӯ. Андешаи аҳли зиё дар ҳошияи мулоқоти Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон [Матн] / Ӯ.Кӯҳзод // Адабиёт ва санъат. – 2004. – 9 апрел.
38. Кӯҳзод, Ӯ. Акашариф – Борбади асри 20 [Матн] / Ӯ.Кӯҳзод. – Душанбе, 2005. – 72 с.
39. Кӯҳзод, Ӯ. Номаҳои Лоҳутӣ [Матн] / Ӯ. Кӯҳзод // Адабиёт ва санъат. – 2005. – 20 январ.
40. Кӯҳзод, Ӯ. Ахлоқи устувор, ҷомеаи пойдор [Матн] / Ӯ.Кӯҳзод // Садои Шарқ. – 2006, №3. – С.3-6.
41. Кӯҳзод, Ӯ. Маҳбуба, зан ва ё ҳарду [Матн] / Ӯ. Кӯҳзод // Садои мардум. – 2006. – 19 октябр.
42. Кӯҳзод, Ӯ. Камбизоат нестем, камҳавсала ҳастем [Матн] / Ӯ. Кӯҳзод // Адабиёт ва санъат. – 2007. – 9 август.
43. Кӯҳзод, Ӯ. Аз насри нақлӣ то насри ақлӣ [Матн] / Ӯ. Кӯҳзод // Ҷумҳурият. – 2008. – 14 июн.

44. Кӯҳзод, Ӯ. Адабиёт ва қабули хотир [Матн] / Ӯ.Кӯҳзод // Адабиёт ва санъат. – 2009. – 9 апрел.
45. Кӯҳзод, Ӯ. Ба ваҳдат расидан мушкил андар мушкил буд [Матн] / Ӯ.Кӯҳзод // Ваҳдат. – 2012, №9.
46. Кӯҳзод, Ӯ. Модарро дил месӯзаду дояро доман [Матн] / Ӯ. Кӯҳзод // Дишидак. – 2013. – 1 май.
47. Кӯҳзод, Ӯ. Магар тоҷик танбал аст? [Матн] / Ӯ.Кӯҳзод // Тоҷикистон. – 2015. – 12, 19, 26 ноябр.
48. Кӯҳзод, Ӯ. Ҳайҷо [Матн] / Ӯ.Кӯҳзод. – Душанбе: Адиб, 2015. – 416 с.
49. Кӯҳзод, Ӯ. Ғайр аз хӯрдан ва пӯшидан [Матн] / Ӯ.Кӯҳзод. – Душанбе: Шарқи озод, 2017. – 224 с.
50. Кӯҳзод, Ӯ. Гардани ғам бишканед [Матн] / Ӯ.Кӯҳзод. – Душанбе: Эр-граф, 2018. – 344 с.
51. Кӯҳзод, Ӯ. Бурротар зи теғ [Матн] / Ӯ.Кӯҳзод. – Душанбе: Маориф, 2019. – 240 с.
52. Кӯҳзод, Ӯ. Паҳлавонсурати нозуксират [Матн] / Ӯ.Кӯҳзод // Адабиёт ва санъат. – 2022. – 12 май.
53. Муҳаммадиев, Ф. Палатаи кунҷакӣ [Матн] / Ф. Муҳаммадиев. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 366 с.
54. Сорбон. Актёр [Матн] / Сорбон. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 445 с.

Адабиёти илмӣ

55. Абдуғаффор, А. Кӯҳсоро, Кӯҳзодо! [Матн] / А. Абдуғаффор. – Душанбе: Ирфон, 2020. – 124 с.
56. Абдуллоев, М. Идеи национального самосознания в таджикской публицистике эпохи просветительства [Текст] / М. Абдуллоев. – Душанбе, 2010. – 112 с.
57. Абдуллоев, А. Андеша дар «Андешаҳо...» [Матн] / А. Абдуллоев // Қуллапаймои сухан. – Душанбе: Деваштич, 2009. – С. 123 - 126.

58. Аграновский, А. Не так это просто [Текст] / А. Аграновский. – Вопросы литературы. – 1973. – №2. – С. 134-141.
59. Азимов, А. Публитсистика ва замони муосир [Матн] / А. Азимов.– Душанбе: Дониш, 2004. – 42 с.
60. Азимов, А. Назаре ба публитсистикаи устод Айнӣ [Матн] / А. Азимов. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 112 с.
61. Айнӣ, С. Забони тоҷикӣ. Куллиёт [Матн] / С. Айнӣ. – Ҷ.11 (китоби 2). – Душанбе: Ирфон, 1964. С.361-369.
62. Амонов, Р. Ҳақиқати бадеӣ ва ҳақиқати зиндагӣ [Матн] / Р. Амонов // Садои Шарқ. – 1973. – №7. – С.115-127.
63. Асозода, Х. Воқеияти зиндагӣ ва ҷамъбасти бадеӣ [Матн] / Х. Асозода. – Душанбе: Дониш, 1984. – 160 с.
64. Асрорӣ, В. Халқ ва адабиёт [Матн] / В. Асрорӣ. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 176 с.
65. Аҳмадзода, Ф. Чашмандозе ба коргоҳи эҷодии Ӯрун Кӯҳзод [Матн] / Ф. Аҳмадзода // Садои Шарқ. – 2017. – №3. – С. 116-120.
66. Белинский, В. Г. Русская литература в 1845 г [Текст] / В. Г. Белинский. // Полн. собр. соч. В тридцати томах. Т. Х. – М.: Изд. АН СССР, 1956. – 482 с.
67. Беневоленская, Т. А. Портрет современника [Текст] / Т. А. Беневоленская. – М.: Мысль, 1983. – 134 с.
68. Бобоев, Ю. И. Дониш ва Айнӣ. Аз таърихи афкори адабии халқи тоҷик (Маҷмуаи илмӣ) [Матн] / Ю. И. Бобоев. – Душанбе: 1977. – С. 80-90.
69. Бобоев, Ю. И. Назарияи адабиёт [Матн] / Ю. И. Бобоев. – Душанбе: Маориф, 1986. – 283 с.
70. Бақозода, Ҷ. Эътироз ба бесомониҳо [Матн] / Ҷ. Бақозода // Қуллапаймои сухан. – Душанбе: Деваштич, 2009. – С.101-107.
71. Боровик, Г. И вечный бой [Текст] / Г. И. Боровик // Литература и современность, кн. 20. – М., 1983. – 289 с.

72. Горький и современность [Текст]. – М.: Художественная литература, 1970. – 534 с.
73. Горбунов, А. Н. Поэтика публицистического текста [Текст] / А. Н. Горбунов. – МГУ, 1978. – 53 с.
74. Горохов, В. М. Закономерности публицистического творчества [Текст] / В. М. Горохов. – М.: Мысль, 1975. – 190 с.
75. Грибачев, Н. Публицистика–передний край борьбы [Текст] / Н. Грибачев // Литературная газета. – 1974. – 13 февраля. – С.7.
76. Гулмуродзода, П. Публицистика и время [Текст] / П. Гулмуродзода. – Душанбе: Сино, 2002. – 128 с.
77. Гулов, С. Муаммои воқеият ва бадеият дар очеркҳои Шодон Ҳаниф [Матн] / С. Гулов // Журналистика ва ҷомеа: – Қ.11. – Душанбе, 1999. – С. 24 – 31.
78. Гулов, С. Махсусияти очерки муосир [Матн] / С. Гулов. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 136 с.
79. Ғаффоров, Р. Ибораҳои фразеологӣ дар забони тоҷикӣ [Матн] / Р. Ғаффоров // Маориф ва маданият. – 1962. – 19 март.
80. Ғаффоров, Р. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил [Матн] / Р. Ғаффоров. – Душанбе: Дониш, 1966. – 223 с.
81. Давронов, С., Содиқов, Ё. Жанр // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик [Матн] / С. Давронов., Ё. Содиқов. – Ҷ.1. – Душанбе: Сарредаксияи илмии ЭСТ. – 1988. – С. 441.
82. Журбина, Е. Теории и практика художественно – публицистических жанров [Текст] / Е. Журбина. – М.: Мысль, 1969. – 399 с.
83. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан [Матн] / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Маориф, 1992. – 304 с.
84. Здоровега, В. Слово тоже есть слово [Текст] / В. Здоровега. – М.: Мысль, 1979. – 174 с.
85. Зарафшонфар, С. Кӯҳзод: Фотиҳаи Муҳаммадиев имрӯз ҳам роҳнамои ман аст [Матн] / С. Зарафшонфар // Адабиёт ва санъат. – 2022. – 31 март.

86. Имомов, М. Маънавият ва нақши зоҳир [Матн] / М. Имомов. – Душанбе, 2000. – 187 с.
87. Имомов, М. Хирмани андеша [Матн] / М. Имомов. – Душанбе, 2009. – 127 с.
88. Иноятова, З. П. Мавқеи муаллиф – ноқил дар осори публитсистӣ: Дар мисоли эҷодиёти Ф. Муҳаммадиев (Рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ) [Матн] / З. П. Иноятова. – Душанбе, 2020. – 176 с.
89. Исмоилзода, З. Оҳангҳои иҷтимоӣ дар публитсистикаи муосир: Дар мисоли публитсистикаи А. Саъдуллоев (Рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ) [Матн] / З. Исмоилзода. – Душанбе, 2019. – 189 с.
90. Камолиддинов, Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим [Матн] / Б. Камолиддинов. – Душанбе, 1967. – 134 с.
91. Камолиддинов, Б. Сухан аз баҳри дигарон гӯянд [Матн] / Б. Камолиддинов. – Душанбе, 2001. – 200 с.
92. Калашникова, Л. И. Герой совремнного очерка [Текст] / Л. И. Калашникова. – МГУ, 1957. – 37 с.
93. Ким, М. Н. Жанры современной журналистики [Текст] / М. Н. Ким. – Спб, 2004. – 335 с.
94. Кольцов, М. Писатель в газете [Текст] / М. Кольцов. – М.: Сов. писатель, 1961. – 139 с.
95. Кӯчаров, А. Фарзанди падар (Меҳрномаи дӯстон ва шогирдон ба ифтихори 75-солагии Корманди шоистаи Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессор, Асадулло Саъдуллоев) [Матн] / А. Кӯчаров. – Душанбе, 2015. – С. 103-105.
96. Кӯчаров, А. Таҳрири адабӣ ва фаъолияти муҳарририи Садриддин Айнӣ [Матн] / А. Кӯчаров. – Душанбе, 2013. – 140 с.
97. Кӯчарова, Н. Публитсистикаи Абдулҳамид Самад [Матн] / Н. Кӯчарова. – Душанбе, 2016. – 192 с.

98. Қосим, Н. Кӯҳзоде дар шаҳри азими сухан [Матн] / Н. Қосим // Адабиёт ва санъат. – 2017. – 8 март.
99. Қудбиддинов, А. Публитсистикаи Мирсаид Миршакар (Рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ) [Матн] / А. Қудбиддинов. – Душанбе, 2004. – 156 с.
100. Қудбиддинов, А. Воқеияти тасвир [Матн] / А. Қудбиддинов. – Душанбе, 2014. – 141 с.
101. Қудбуддинов, А. Ҷанбаи публитсистии як роман [Матн] / А. Қудбиддинов // Паёми ДМТ. – 2015, №4/2 (163). – С. 282-284.
102. Қудбиддинов, А., Раҳмонова, Ҷ. Хосияти публитсистика [Матн] / А. Қудбиддинов., Ҷ. Раҳмонова. – Душанбе, 2018. – 164 с.
103. Литвинов, В. М. Мир глазами публициста [Текст] / В. М. Литвинов. – М.: Знание, 1967. – 103 с.
104. Лутфуллоев, М., Афсаҳов, А. Таҳаввули андешаҳо [Матн] / М. Лутфуллоев., А. Афсаҳов // Қуллапаймои сухан. – Душанбе: Деваштич, 2009. – С. 72 - 79.
105. Маниёзов, А. Публитсистика ва назми устод С. Айнӣ [Матн] / А. Маниёзов. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. – 152 с.
106. Маҳмудов, М., Ҷӯраев, Ғ. Луғати шеваҳои забони тоҷикӣ [Матн] / М. Маҳмудов., Ғ. Ҷӯраев. – Ҷ.1. – Душанбе: Дониш, 1997. – 290 с.
107. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик [Матн] / Н. Маъсумӣ. – Душанбе, 2011. – 294 с.
108. Межелайтис, Э. Лирические этюды [Текст] / Э. Межелайтис // Знамя. – 1965. – №10. – С. 150 - 159.
109. Мирхоҷа, А. Забон нахустунсури адабиёт [Матн] / А. Мирхоҷа // Адабиёт ва санъат. – 2007. – 29 ноябр.
110. Мирзозода, Х. Луғати мухтасари адабиётшиносӣ [Матн] / Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1992. – 238 с.
111. Михайлов, О. Н. Страницы советской прозы [Текст] / О. Н. Михайлов. – М.: Современник, 1984. – 271 с.

112. Муродов, М. Ҳаҷви публитсистӣ [Матн] / М. Муродов. – Душанбе, 2003. – 64 с.
113. Муродов, М. Аз замон то замон [Матн] / М. Муродов. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 248 с.
114. Муродов, М. Асосҳои эҷоди журналистӣ (Китоби дарсӣ) [Матн] / М. Муродов. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 256 с.
115. Муродов, М. Аз се шохаи як илм [Матн] / М. Муродов. – Душанбе, 2014. – 229 с.
116. Муродов, М. Донишномаи фарҳанги рӯзноманигорӣ [Матн] / М. Муродов. – Душанбе: Аржанг, 2016. – 480 с.
117. Муродов, М. Публитсистикаи ҳаҷвӣ (масъалаҳои таърих, назария ва амалия) [Матн] / М. Муродов. – Душанбе: Аржанг, 2018. – 320 с.
118. Муродов, М. Неруи таҳрикӣ дар публитсистикаи нависанда [Матн] / М. Муродов // Адабиёт ва санъат. – 2022. – 10 март.
119. Муҳаммадиев, Ф. Тири адиб набояд хок хӯрад [Матн] / Ф. Муҳаммадиев // Қуллапаймои сухан. – Душанбе: Деваштич, 2009. – С.43 - 52.
120. Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт [Матн] / Р. Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1990. – 336 с.
121. Муқим, Ҷ. Устоди ман публитсист [Матн] / Ҷ. Муқим // Устоди устодон (маҷ. мак). – Душанбе. – С. 126-131.
122. Муллоев, Ш. Жанрого – тематическое своеобразие таджикской публицистики времен Великой Отечественной Войны [Текст] / Ш. Муллоев. – Душанбе, 2015. – 302 с.
123. Мусулмонқулов, Р. Назарияи ҷинсҳо ва жанрҳои адабӣ [Матн] / Р. Мусулмонқулов. – Душанбе: Маориф, 1987. – 88 с.
124. Набавӣ, А. Зиндагонӣ сар ба сар савдост [Матн] / А. Набавӣ // Қуллапаймои сухан. – Душанбе: Деваштич, 2009. – С.114 - 122.
125. Набавӣ, А. Масъулияти эҷодӣ ва иҷтимоии нависанда [Матн] / А. Набавӣ // Адабиёт ва санъат. – 2022. – 14 апрел.

126. Нарзиқул, М. Диди таърихии романнависони имрӯзи тоҷик [Матн] / М. Нарзиқул // Садои Шарқ. – Душанбе, 2006. – №12. – С. 117-132.
127. Нарзиқул, М. Хулосаи осори насри бадеи соли 2006 [Матн] / М. Нарзиқул // Садои Шарқ. – Душанбе, 2007. – №4. – С. 136-139.
128. Нарзиқул, М. Назаре ба чанд қиссаи солҳои охир [Матн] / М. Нарзиқул // Адабиёт ва санъат. – Душанбе, 2007. – №31 (1378). – С. 4-9.
129. Нарзиқул, М. Баррасӣ ва нақди роман (дар адабиёти давраи пас аз Истиқлоли Тоҷикистон [Матн] / М. Нарзиқул // Садои Шарқ. – Душанбе, 2012. – №12. – С. 77-109.
130. Нарзиқул, М. Ҷусторҳо дар назму наср ва нақди адабии муосир [Матн] / М. Нарзиқул. – Душанбе: ҶДММ «Аршам», 2022. – 406 с.
131. Неруи сухан (маҷмуаи мақолаҳо) [Матн]. – Душанбе, 2014. – 251 с.
132. Нуров, Н., Одинаев, Н. Нависандаи миллӣ дар талоши мушкилпажӯҳию хислатшиносӣ [Матн] / Н. Нуров., Н. Одинаев // Самак. – 2022. – 21 апрел.
133. Нуралиев, А., Саъдуллоев, А., Усмонов, И., Гулмуродов, У. Журналистикаи советии тоҷик [Матн] / А. Нуралиев., А. Саъдуллоев., И. Усмонов., У. Гулмуродов. – Душанбе, 1989. – 173 с.
134. Олимӣ, Х. Поэтикаи фазо ва вақти бадеӣ дар «Наводир-ул-вақоеъ»- и Аҳмади Дониш [Матн] / Х. Олимӣ. – Душанбе, 2006. – 92 с.
135. Олимӣ, Х. Ормонҳои нуҳуфта дар дил [Матн] / Х. Олимӣ. – Душанбе, 2009. – 168 с.
136. Осетров, Е. Вторжение в действительность [Текст] / Е. Осетров // Вопросы литературы. – 1973. – №2. – С. 70-73.
137. Отахонова, Х. Падидаҳои навҷӯӣ [Матн] / Х. Отахонова. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 175 с.
138. Охунзода, Н. Симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобии тоҷик. Афтореферат. Ном. ил. фил. [Матн] / Н. Охунзода. – Душанбе, 2020. – 25 с.
139. Публицистика [Текст] // Советский энциклопедический словарь. – М.: Советский энциклопедия, 1981. – 1092 с.

140. Плеханов, Г. В. Искуства и литература [Текст] / Г. В. Плеханов. – М., Госполитиздат, 1948. – 303 с.
141. Прохоров, Е. П. Публицистика в жизни общества [Текст] / Е. П. Прохоров. – М.: Изд-во Московского университета, 1968. – 100 с.
142. Прохоров, Е. П. Публицист и действительность [Текст] / Е. П. Прохоров. – М., 1973. – 317 с.
143. Раҳмонова, Ҷ. Воқеият ва публитсистикаи Мутеулло Наҷмиддинов [Матн] / Ҷ. Раҳмонова. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 64 с.
144. Рачабов, З. Маорифпарвар Аҳмади Дониш [Матн] / З. Рачабов. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 308 с.
145. Рустамов, Ш. Забон ва замон [Матн] / Ш. Рустамов. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 256 с.
146. Саъдуллоев, А. Публитсистикаи Турсунзода [Матн] / А. Саъдуллоев. – Душанбе: Адиб, 1988. –112 с.
147. Саъдуллоев, А., Гулмуродзода, П. Ҳамосаи инсони кор [Матн] / А. Саъдуллоев., П. Гулмуродов. – Душанбе, 1994. – 64 с.
148. Саъдуллоев, А. Хосияти адабиёт [Матн] / А. Саъдуллоев. – Душанбе: Адиб, 2000. – 256 с.
149. Саъдуллоев, А. Жанри нав, ё падидаи замон [Матн] / А. Саъдуллоев // Наҷвои наҷотофарин (маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе, 2008.– С.31-32.
150. Саъдуллоев, А. Дирӯз ҳам имрӯз аст [Матн] / А. Садуллоев // Қуллапаймои сухан. – Душанбе: Деваштич, 2009. – С.80-96.
151. Садуллоев, А. Эссе. Размышление о некоторых аспектах жанра и его эволюции [Текст] / А. Садуллоев. – Душанбе: Адиб, 2010. – 116 с.
152. Саъдуллоев, А. Образ дар публитсистика [Матн] / А. Саъдуллоев // Адабиёт ва санъат. – 2012. – 8 март.
153. Садуллоев, А. Очерк: генесиз, развитие и современное состояние [Текст] / А. Садуллоев. – Душанбе, 2012. – 216 с.
154. Сайфуллоев, А. Таҳқиқи бадеии ҳақиқати таърихӣ [Матн] / А. Сайфуллоев // Уфуқҳои тозаи наср. – Душанбе: Адиб, 2012. – С. 59-93.

155. Салимзода, О. Публитсистикаи Мирзо Ҷалол Юсуфзода [Матн] / О. Салимзода. – Душанбе: Адиб, 2007. – 138 с.
156. Салимов, Н. Эҳсоси ворисият [Матн] / Н. Салимов // Қуллапаймои сухан. – Душанбе: Деваштич, 2009. – С. 53 - 65.
157. Салихов, Н.Н., Спектор, А.Л. Краткий словарь литературоведческих терминов [Текст] / Н. Н. Салихов., А. Л. Спектор. – Душанбе: РТСУ, 2014. – 130 с.
158. Салимзода, М. Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи Тоҷӣ Усмон (Рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ) [Матн] / М. Салимзода. – Душанбе, 2020. – 172 с.
159. Саъдизода, С. Савдои зиндагӣ [Матн] / С. Саъдизода // Қуллапаймои сухан. – Душанбе: Деваштич, 2009. – С. 97-100.
160. Сафарзода, Э. Нигоҳе ба публитсистикаи сиёсии устод Айнӣ (дар мисоли повести «Ҷаллодони Бухоро») [Матн] / Э. Сафарзода // Маорифи Тоҷикистон. – 2021. – №12. – С.58-62.
161. Сохибназарбекова, Р. Становление и развитие литературно-художественных изданий в Таджикистане. Монография [Текст] / Р. Сохибназарбекова. – Душанбе: РТСУ, 2016. – 111 с.
162. Солеҳов, Н., Саъдуллоев, А. Муаммои назарияи публитсистика (Маводи дарсӣ) [Матн] / Н. Солеҳов., А. Саъдуллоев. – Душанбе: Даҷиҷӣ, 2015. – 184 с.
163. Солеҳов, С. Ҳаҷв дар матбуоти тоҷикии солҳои 20-30 [Матн] / С. Солеҳов. – Душанбе, 1967. – 143 с.
164. Солеҳ, Ш. Масири камолот [Матн] / Ш. Солеҳ // Адабиёт ва санъат. – 2022. – 10 март.
165. Стюфляева, М. Поэтика публицистики [Текст] / М. Стюфляева. – Воронеж, 1975. – 221 с.
166. Станисловлёва, В.Н. Л. Леонов – публицисть [Текст] / В. Н. Станисловлёва. – М.: Изд. Московского университета, 1974. – 200 с.

167. Табаров, С. Дар бораи баъзе масъалаҳои забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн] / С. Табаров // Шарқи сурх. – 1950. – №12. – С. 91-108.
168. Табаров, С. Ҳаёт, адабиёт, реализм (Қ. 4.) [Матн] / С. Табаров. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 400 с.
169. Табаров, С. Ҳаёт, адабиёт, реализм (Қ. 5) [Матн] / С. Табаров. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 208 с.
170. Табаров, С. Романи «Ғуломон»-и С. Айнӣ ҳамчун романи таърихӣ [Матн] / С. Табаров. – Душанбе: Адиб, 2005. – 240 с.
171. Табаров, С. Се маорифпарвар дар бораи амирони манғит [Матн] / С. Табаров. – Душанбе: Эҷод, 2006. – 208 с.
172. Турсун, С. Тақвими роҳгум: Андешаҳои муаллиф ба повести Ӯрун Кӯҳзод «Тақвими роҳгум» [Матн] / С. Турсун // Садои Шарқ. – 1987. – №5. – С. 3-4.
173. Усмонов, И. Назарияи публитсистика [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе: Шарқи озод, 1999. – 100 с.
174. Усмонов, И. Жанрҳои публитсистика [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе, 2009. – 140 с.
175. Усмонова, Н. Оҳанги публитсистии романи Ҷумъа Одина «Гузашти айём» [Матн] / Н. Усмонова. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 144 с.
176. Ученова, В.В. Публицистика и политика [Текст] / В. В. Ученова. – М.: Политиздать, 1973. – 231 с.
177. Ученова, В. В. У истоков публицистики [Текст] / В. В. Ученова. – М.: Изд-во МГУ, 1989. – 214 с.
178. Ӯлмасова, З. Таҳқиқи бадеии воқеияти таърихӣ [Матн] / З. Ӯлмасова // Садои Шарқ. – 2010. – №3. – С. 135-142.
179. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (ҷилди 2) [Матн]. – Душанбе, 2010. – 1095 с.
180. Халилзода, М. Дусад соли як роман [Матн] / М. Халилзода // Суҳбат бо Нависандаи халқии Тоҷикистон Ӯрун Кӯҳзод атрофи романи «Ҳайҷо» // Адабиёт ва санъат. – 2022. – 10 март.

181. Ҳайдаров, С. Бобоҷон Ғафуров – публитсист (Рисола барои дарёфти дарҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ) [Матн] / С. Ҳайдаров. – Душанбе, 1998. – 156 с.
182. Ҳайдарова, С. Худшиносии миллӣ ва ҳофизаи таърихӣ дар романи «Гардиши девбод»-и А. Самад (Рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ) [Матн] / С. Ҳайдарова. – Душанбе, 2020. – 152 с.
183. Ҳусейнов, Х. Забон ва услуби «Одина»-и устод Айнӣ [Матн] / Х. Ҳусейнов. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 253 с.
184. Ҳошим, Р. Таърихи амирони манғитияи Бухоро ва услуби нигориши он [Матн] / Р. Ҳошим // Ҷашномаи Айнӣ. Ҷузъи 4. – Душанбе: Дониш, 1971. – С. 161-177.
185. Ҳошим, Р., Набавӣ, А. Роҳи камолот [Матн] / Р. Ҳошим., А. Набавӣ // Қуллапаймои сухан. – Душанбе: Деваштич, 2009. – С.35 - 42.
186. Черепахов, М.С. Проблемы теории публицистики [Текст] / М. С. Черепахов. – М.: Мысль, 1973. – 272 с.
187. Чернышевкий, Н. Г. Не начало ли перемены? [Текст] / Н. Г. Чернышевкий // Русская литература. – Лен. издат, 1973. – С. 330-369.
188. Шарифов, Х. Марзи адабиёт [Матн] / Х. Шарифов // Садои Шарқ. – 1990. – №7. – С. 114.
189. Шарифов, Х. Каломи бадеъ [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе: Маориф, 1991. – 160 с.
190. Шарифов, Х. Балоғат ва суханварӣ [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 278 с.
191. Шарифова, Г. Мавқеи зарбулмасалу мақол дар осори Ӯрун Кӯҳзод [Матн] / Г. Шарифова // Адабиёт ва санъат. – 2013. – 28 феврал.
192. Шарифова, Г. Адиби андешапарвар [Матн] / Г. Шарифова. – Панҷакент: Иршод, 2017. – 208 с.
193. Шарифова, Г. Арзишҳои ахлоқӣ дар романи «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод [Матн] / Г. Шарифова // Адаб. – 2017. – №1(41). – С. 14-19.

194. Шарифова, Г. Художественное решение духовнонравственных проблем в прозе Урун Кухзод (диссертатсия на соискание ученой степени кандидата филологических наук) [Текст] / Г. Шарифова. – Худжанд, 2018. – 186 с.
195. Шукуров, М. Муҳимтарин хусусиятҳои санъати бадеии «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ [Матн] / М. Шукуров // Маҷм. Ҳаёт ва адабиёт. – Сталинобод, 1957. – 318 с.
196. Шукуров, М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 159 с.
197. Шукуров, М. Қаҳрамони ҳаёт – қаҳрамони адабиёт [Матн] / М. Шукуров // Садои Шарқ. – 1973. – №6. – С. 129-141.
198. Шукуров, М. Паҳлуҳои таҳқиқи бадеӣ [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 271 с.
199. Шукуров, М. Таърихи адабиёти советии тоҷик (насри солҳои 1945-1974) [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 379 с.
200. Шукуров, М. Мактаби одамият [Матн] / М. Шукуров.– Душанбе: Адиб, 1991. – 268 с.
201. Шакурӣ, М. Хуросон аст ин ҷо [Матн] / М. Шакурӣ. – Душанбе, 1997. – 292 с.
202. Шакурӣ, М. Нигоҳе ба адабиёти тоҷики садаи 20 [Матн] / М. Шакурӣ. – Душанбе, 2006. – 456 с.
203. Шоев, М.Э. Хусусиятҳои жанрию мавзуии очеркҳои Фазлиддин Муҳаммадиев (Рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ) [Матн] / М. Э. Шоев. – Душанбе, 2003. – 165 с.
204. Югов, А. Судьбы родного слова [Текст] / А. Югов. – М., 1962. – 50 с.

Сарчашмаҳои электронӣ

205. www. ruzgor.tj [Манобеи электронӣ] // adabiyot-va-farhang.
206. https: [Манобеи электронӣ] // halva.tj.
207. https: [Манобеи электронӣ] // m.facebook.com.

НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Кӯчаров, А., Каримова, Ҳ. Нигоҳе ба публитсистикаи Ӯрун Кӯҳзод [Матн] / А. Кӯчаров., Ҳ. Каримова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – № 5. – С. 168-171.

[2-М]. Каримова, Ҳ. Мавқеи фелетон дар публитсистикаи Ӯрун Кӯҳзод [Матн] / Ҳ. Каримова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши адабиётшиносӣ. – Душанбе, 2020. – № 4 (87). – С. 181-183.

[3-М]. Каримова, Ҳ. Памфлет дар публитсистикаи Ӯрун Кӯҳзод [Матн] / Ҳ. Каримова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – № 2. – С. 190-194.

[4-М]. Каримова, Ҳ. Истифодаи санъатҳои бадеӣ дар осори публитсистии Ӯрун Кӯҳзод [Матн] / Ҳ. Каримова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – № 4. – С. 186-191.

[5-М]. Каримова, Ҳ. Хусусиятҳои мундариҷавии очеркҳои Ӯрун Кӯҳзод [Матн] / Ҳ. Каримова // Суханшиносӣ. – Душанбе, 2021. – № 3. – С. 162-169.

[6-М]. Каримова, Ҳ. Ҷанбаи публитсистии осори бадеии Ӯрун Кӯҳзод [Матн] / Ҳ. Каримова // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – № 1 (013). – С. 187-192.

[7-М]. Каримова, Ҳ. Таҷассуми раванди воқеии ҳаёт дар насри мустанад [Матн] / Ҳ. Каримова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 1. – С. 234-239.

II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[8-М]. Каримова, Ҳ. Сотим Улуғзода дар шинохти Ӯрун Кӯҳзод [Матн] / Ҳ. Каримова // Маҷмуаи мақолаҳо аз конференсияи байналмилалии «Сотим Улуғзода ва адабу фарҳанги миллӣ» бахшида ба 110-солагии Сотим

Улуғзода. Бахши адабиётшиносӣ. – Душанбе, 28-29 сентябр. – 2021. – С. 138-141.

[9-М]. Каримова, Ҳ. Башорати худшиносӣ [Матн] / Ҳ. Каримова // Адабиёт ва санъат. – Душанбе, 2021. – № 39. – 23 сентябр. – С. 13.

[10-М]. Каримова, Ҳ. Адибе дар сангари одамият [Матн] / Ҳ. Каримова // Адабиёт ва санъат. – Душанбе, 2022. – № 26 (2153). – 30 июн. – С. 10.

[11-М]. Каримова, Ҳ. Нигоҳе ба памфлети Ӯрун Кӯҳзод [Матн] / Ҳ. Каримова // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои тақвияти ватандӯстӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ – омили муҳимми таҳкими давлатдорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» бахшида ба 30-солагии Артиши миллӣ. – Душанбе. – 20 феврал. – 2023. – С. 196-203.